# МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ МАҶАЛЛАИ “МАЪРИФАТИ ОМӮЗГОР”



**САРМУҲАРРИР**
**ЭҲСОН САФАРЗОДА**

**ҲАЙАТИ ТАҲРИР:**

**Ҷамшед ҶӮРАЗОДА,** муовини якуми вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои таърих, профессор.

**Муҳаммаддовуд САЛОМИЁН,** президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ.

**Асадулло ШАРИФЗОДА,** номзади илмҳои физика ва математика, муҳаррири шуъба.

**ШУРОИ МАШВАРАТӢ:**

**Раҳим САИДЗОДА,** вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои техникӣ.

**Файзулло ШАРИФЗОДА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, узви пайвастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.

**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН,** директори Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, номзади илмҳои физика ва математика.

**Раҳимдод АЗИЗБЕКОВ,** директори филиали Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ.

**Сироҷиддин БАНДАЕВ,** узви вобастаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, профессори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ.

**Бибиҳафиза МАҶИДОВА,** доктори илмҳои педагогӣ, профессори ДДОТ ба номи С.Айнӣ.

**Абдулҳай КОМИЛӢ,** директори Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникаи Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, доктори илмҳои физика ва математика, профессор.

**Сайфуллоҳи МУЛЛОҶОН,** доктори илмҳои таърих, профессори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Мамадҷон МАҲКАМОВ,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

**Давлат ИМОМНАЗАРОВ,** мудири шуъбаи Пажуҳишгоҳи рушди маорифи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон.



**МУАССИС**
**Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Аз соли 1926 чоп мешавад.

«Маърифати омӯзгор» аз 25.07.2006 таҳти №001-3099 дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шуда, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав номнавис гардидааст.

- Дар маҷалла ба хотири гуногунандешӣ мақолаҳое низ чоп мешаванд, ки идораи нашрия метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулиятро ба дӯш нагирад.
- Идора маводро дар ҳаҷми то 8 саҳифаи компютерии ҳарфи андозаи 14-и Times New Roman Tj қабул менамояд.
- Чопи маводи нашрия бо нишон додани манбаъ ва ирсоли ҳатмии нусхаи он ба идораи маҷалла мумкин аст.
- Дастхат ва суратҳо ба муаллифон баргардонида намешаванд.

**СУРАТҲИСОБИ МАҶАЛЛА:**

Департаменти хазинадории Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»
**С/Ҳ: 20202972700919101000**
**Ҳ/М: 20402972316264**
**РМБ: 350101626**
**РМА: 010009319**
Барои маҷаллаи «Маърифати омӯзгор»

**Ҷонишини сармуҳаррир**
**Насриддин ОХУНЗОДА**

**Котиби масъул**
**Марзия ИСЛОМЗОДА**

**Индекси обуна: 77570.**
Андозаи 60x84$^{1}/_{8}$. Адади нашр 6929 нусха. Нархаш шартномавӣ.
Дар матбааи “Мега-принт” ба табъ расидааст.

# МУНДАРИҶА


**РОҲНАМО**

Паёми шодбошии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи Ваҳдати миллӣ.....3

**ДАСТОВАРД**

С. ГУЛОВ, Н. ОХУНЗОДА. Неруи мо дар Ваҳдат аст.....5

**27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**

Д. РАҲМАТЗОДА. Ваҳдати миллӣ – омили рушди маориф.....8

**ИҚДОМҲОИ ҶАҲОНӢ**

Н. САЛОМОВА. Ташаббусҳои Пешвои миллат – наҷотбахши сайёра.....10

**ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ**

Н. ОХУНЗОДА. Таҳсилоти рақамӣ – қадами устувор барои ворид шудан ба таҳсилоти ҷаҳонӣ.....12

**СИФАТИ ТАҲСИЛОТ**

С. КАМОЛЗОДА, А. БАЙЗОЕВ. Дастгирии методии омӯзгорон – такмилбахши сифати таҳсилот.....17

**ТАРБИЯ**

С. ШАРИФОВА. Тарбияи иҷтимоӣ ва мутобиқшавии инсон ба ҳаёт.....21

**ХУДШИНОСӢ**

А. ЁРМУҲАММАДОВ. Пояи бунёди халқи тоҷик.....24

**ЗАБОНШИНОСӢ**

С. АЙНӢ. Забони тоҷикӣ.....27

**БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН**

Б. ШОДИЕВ, Р. САЙДУЛЛАЕВА. Конспекти дарси яксоата.....31

**ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ**

Т. РАҲМИХУДОЕВА. Бартарии низоми кредитии таҳсилот.....36

**БИОЛОГИЯ**

Ҳ. АЛИЕВ. Тағйирпазирии ирсӣ.....38

**АСТРОНОМИЯ**

А. АБДУМАННОНОВ, Х. БАҲРИДИНОВА. Як махсусияти тақвими мо.....41

**ГЕОМЕТРИЯ**

Б. САНГИНОВ. Ҳалли геометрии мисолҳои тригонометрӣ.....44

**МАКТАБИ ИЛМУ ДОНИШ**

И. АВҒОНОВА. Чу иззат боядат, тарки тамаъ кун... .....48

**ТАҲҚИҚ**

Р. РАҲМОНӢ. Пайвандгари забон ва адабиёти форсии дарии тоҷикӣ.....50

**АДАБИЁТ**

Гулистони сухан.....54

**ТОЗАНАШР**

Н.САНГИНЗОДА. Минбари илму дониш.....57

**ШИНОХТ**

АШРАФ. Табиат, илм ва тафаккури техникӣ.....59

**САЙҚАЛИ ЗЕҲН**

А. ШАРИФЗОДА. Биёед, андеша мекунем.....62

**КРОССВОРД**

Ҳ. ҲОМИД. Муаммои «Ниҳон».....64

**РОҲНАМО**

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА МУНОСИБАТИ РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

*26.06.2023, шаҳри Душанбе*



**Ҳамватанони азиз!**

Рӯзи ваҳдати миллӣ, ки ҳар сол дар кишвари соҳибистиқлоли мо бо шукргузорӣ аз сулҳу суботи комил таҷлил мегардад, барои шаҳрвандони Тоҷикистон яке аз санаҳои муҳим ва таърихӣ ба шумор меравад.

Тамоми мардуми шарифи Тоҷикистон ва ҳамватанони бурунмарзиамонро ба ифтихори ин ҷашн самимона табрику шодбош гуфта, ба хонадони ҳар яки онҳо сулҳу оромии пойдор ва осоиши рӯзгор орзу менамоям.

Бисту шаш сол қабл аз ин, яъне 27-уми июни соли 1997 санади сарнавиштсоз – Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ки ба шарофати он дар кишвар заминаи сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ҳамдигарфаҳмиву ваҳдати миллӣ гузошта шуд.

Ҳамватанони азизи мо хуб дар ёд доранд, ки Тоҷикистон ҳанӯз аз қадамҳои нахустини даврони истиқлолу озодӣ дар натиҷаи фитнаву дасисаи душманони миллати тоҷик ва давлати тоҷикон ба зарбаи даҳшатноку фоҷиабори таърих – мухолифатҳои шадиди сиёсӣ ва баъдан ба гирдоби ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ рӯ ба рӯ гардид.

Дар як муддати кӯтоҳ шиддати ҷанг ба дараҷае расид, ки хатари аз байн рафтани давлати тозаистиқлоли тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик ба воқеияти даҳшатбори рӯз табдил ёфта буд.

Ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ аз боло то поён аз фаъолият боз монда, тамоми сохтору мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ фалаҷ гардида буданд.

Бо ташаббуси фарзандони огоҳу ватандӯст даъват гардидану баргузор шудани Иҷлосияи шонздаҳуми таърихии Шӯрои Олӣ дар шаҳри бостонии Хуҷанд ва интихоби роҳбарияти нави сиёсии мамлакат дар он шароити ниҳоят вазнин роҳи ягона ва дурусти қатъи хунрезӣ, барқарорсозии сулҳу оромӣ, сарҷамъ кардани миллати тоҷик, бартараф намудани оқибатҳои ҷанг ва фароҳам овардани шароит барои таъмин намудани рушди Тоҷикистон буд.

Бинобар ин, хотирнишон менамоям, ки расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва мустаҳкам намудани раванди ваҳдати миллӣ масири бисёр вазнину пурпечутоб буд.

Маҳз ба ҳамин хотир, барои мардуми кишвар ва хусусан, насли ҷавони мо, ки дар шароити сулҳу суботи комил ба воя мерасад, донистану дарк кардани қадру қимати сулҳу ваҳдат ва кӯшишу талоши пайваста ҷиҳати ҳифзу таҳкими он вазифаи муҳимтарин мебошад.

Имрӯз ҷашни ваҳдати миллӣ ҳамчун дастоварди бузургу таърихии халқамон ба яке аз ҷашнҳои умумимиллии мо ва рамзи иттиҳоду ҳамбастагии мардуми шарифи тоҷик табдил ёфтааст.

Ҳамчунин, бо ифтихор иброз медорам, ки ваҳдат дар баробари арзишҳои истиқлолу озодӣ ва ватану миллат ҷузъи таркибии хираду андешаи сулҳҷуёнаву таҳаммулгароёнаи мардуми Тоҷикистон ва равшанибахши роҳи пурифтихори созандагиву ободгаронаи аҳли ҷомеа гардидааст.

Воқеан, бояд гуфт, ки аввалин қадамҳо дар ҷодаи ризоияту ҳамдигарфаҳмӣ ва эҷоди раванди ваҳдати миллӣ маҳз дар ҳамон иҷлосияи тақдирсози таърихӣ гузошта шуданд.

Як нуктаи муҳимми дигарро низ таъкид бояд кард, ки баъди баргузории иҷлосия роҳи мо то расидан ба истиқрори сулҳ хеле тӯлонӣ буд ва душманону хоинони миллату давлат баъди имзои Созишномаи сулҳ боз чанд соли дигар ба хиёнату ҷиноятҳои худ идома доданд.

Вале майлу иродаи қатъӣ ва ақлу хиради мардуми шарифи Тоҷикистон боис гардид, ки ҳама дар атрофи Ҳукумат муттаҳид шуда, бо вуҷуди вазъи бисёр мураккаб ва мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоии он рӯзҳо ба барқарорсозии баъдиҷангии минтақаҳои осебдида, зина ба зина обод кардану пешрафта гардонидани Ватан, давлат ва осоиши ҳар як хонадони мамлакат бо азму талоши ватандӯстона оғоз намоянд.

Аз нишондиҳандаҳои омории солҳои охир метавон натиҷа гирифт, ки Тоҷикистон ба марҳалаи рушди устувор ворид гардида, соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, роҳсозиву коммуникатсия ва соҳаву бахшҳои дигар бомаром тараққӣ карда истодаанд.

Ин ҳама натиҷаи сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ, самараи заҳмати содиқонаву ватандӯстонаи халқи қаҳрамони Тоҷикистон ва албатта, мояи ифтихору сарфарозии хурду бузурги мамлакат мебошад.

Сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ҳамчун омилҳои муттаҳидсозандаи мардуми тоҷик имкон фароҳам оварданд, ки бо истифодаи арзишҳои аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ пазируфташуда дар кишварамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шавад ва барои беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум, ободии Ватан ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.

Дар робита ба ин, мехоҳам боз як масъалаи дигарро таъкид намоям.

Фарҳанги сулҳ пурарзиштарин неъмат ва беҳтарин дастоварди халқи тоҷик, ифодагари орзуву ормон ва нияту мақсадҳои наҷиби мардуми шарифи кишвар мебошад, ки арзишҳои ҷовидонаи инсондӯстиву фарҳангпарвариро дар тӯли асрҳо пуштибонӣ кардаанд.

Ҳамчунин, таъкид менамоям, ки дар шароити ниҳоят печидаву ҳассоси минтақа ва ҷаҳони муосир тарғибу талқини ғояҳои сулҳу амният, суботу оромӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ, худогоҳиву худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ ва омӯхтани таъриху фарҳанги миллат аҳаммияти аз ҳарвақта бештар пайдо кардааст.

Тазодҳои замони муосир, зуҳури ғояҳои хатарбор, шиддат гирифтани муборизаҳои мафкуравӣ, рақобатҳои иттилоотӣ ва хатарҳои дигар, ки тӯфони ҷаҳонишавӣ бо худ меоварад, моро водор месозанд, ки андешаи муқаддаси ваҳдати миллиро ба хотири саодати миллат ва бақои давлат ҳарчи бештар густариш бахшем.

Мо бояд дар ҳама ҳолат сарҷамъу муттаҳид, ҳушёру зирак ва барои ҳимояи манфиатҳои милливу давлатии худ омода бошем, истиқлолу озодиро ҳамчун неъмати муқаддастарини ҳаётамон ва ваҳдати миллиро чун дастоварди бузургтарини халқамон эҳтиёт ва ҳифз намоем.

Бори дигар ҳамаи шумо – ҳамдиёрони арҷмандро ба ифтихори Рӯзи ваҳдати миллӣ самимона табрик гуфта, ба ҳар хонадони кишвар тандурустиву хушбахтӣ ва ба Тоҷикистони маҳбубамон суботу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Рӯзи ваҳдати миллӣ муборак, ҳамватанони азиз!**

## ДАСТОВАРД

***Сангин ГУЛЗОД,***
***номзади илми филология,***
***дотсенти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,***
***Насриддин ОХУНЗОДА,***
***номзади илми филология***

# НЕРУИ МО ДАР ВАҲДАТ АСТ




Бо расидан ба Истиқлоли давлатӣ кишвари мо гирифтори ҷанги шаҳрвандӣ гардид, ки он оқибатҳои ногуворро ба бор овард. Дар ин ҳолати хатарзо ва гирдоби ҷангу хунрезиҳо ҳазорон нафар кушта шуданд ва садҳо ҳазор бехонумон гаштанд. Ҷанги шаҳрвандӣ иқтисоди кишварро фалаҷ кард, ба тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ таъсири манфӣ расонд ва давлат дар ҳолати рукуд қарор дошт, мардум аз ояндаи дурахшони кишвар ноумед буданд. Дар ҳамин лаҳзаи ҳассос ва сарнавиштсоз шахсияте зарур буд, ки ҳастии хешро баҳри таъмини сулҳу ваҳдат равона созад ва барои расидан ба тинҷию оромӣ талош намояд. Манфиатҳои миллатро аз манфиатҳои шахсӣ боло гузорад ва муҳимтар аз ҳама, сиёсатмадори қавиироdаву ватандӯст бошад. Чунин шахсият, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буданд, ки бо такя ба азму иродаи мардум баҳри расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ хидмати арзанда намуданд. Дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шурои Олӣ интихоб гардиданд ва баъдан ҳамчун Сарвари давлат аз рӯзҳои аввали роҳбарӣ ҳастии хешро баҳри таҳкими ваҳдати миллӣ бахшиданд. Ва инро метавон дар аввалин Муроҷиатномаи хеш ба мардуми тоҷик тасдиқ кард, ки зикр намуданд: “Ман ба хонадони Шумо сулҳ меорам ва то охирин фирории иҷборӣ ба Ватан бар нагардад, осуда нахоҳам буд!.. Ман барои амну амонии халқу Ватани азизам ҳозирам ҷони худро қурбон кунам!”

Ҳадаф ва маслаки Сарвари давлат таъмини сулҳу субот ва фароҳам овардани зиндагии шоиста барои мардум маҳсуб меёфт. Барои расидан ба ин ҳадафҳои олӣ аз тамоми неру ва имкониятҳо истифода намуданд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон киштии шикастаи давлату миллатро аз ғарқшавӣ наҷот бахшиданд, ҷон дар гарав гузоштанду ба душман даст доданд, ҷинояткорони силоҳбадастро авф карданд, беш аз як миллион гурезаю муҳоҷири иҷбориро ба Ватан баргардониданд, сулҳу ваҳдат ва суботу оромиро дар мамлакат танинандоз карданд. Пешвои миллат давлатдории навини тоҷиконро поя гузоштанд, рукнҳои онро бунёд намуданд, низоми ҳуқуқиву молиявии кишварро устувор карда, артиши миллиро таъсис доданд. Маҳз бо талошу пайкор ва хидматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москва “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон” ба тасвиб расид, ки пайки шодӣ ва умеду боварии мардумро ба фардои дурахшони кишвар бештар намуд. Ҳамин сулҳу субот ва тинҷию оромист, ки кишвари мо дар

ҳама соҳаҳо ба пешравиҳои чашмгир ноил гардид. Имрӯз ба ҳар гӯшаву канори мамлакат сафар намоем, шоҳиди он мегардем, ки дар мамлакат раванди бунёдкориҳо бомаром идома дорад ва мардуми сарбаланди тоҷик бо дили гарму дасти тавоно дар пешравии давлат саҳми босазо мегузоранд. Баъди расидан ба ваҳдати миллӣ се ҳадафи стратегӣ – расидан ба истиқлоли энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар назди давлат муайян карда шуд. Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои судманд аз тамоми имконот истифода карда шуд ва дар ҳазораи нав кишвари мо ба марҳалаи ҷадид ворид гардид. Бунёдкориҳои азим дар кишвар вусъат ёфт, дар як муддати кӯтоҳ кишвари мо аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳо гардид ва Тоҷикистон ба кишвари транзитӣ табдил ёфт. Рафтуомади мардуми кишвар дар ҳамаи фаслҳои сол таъмин гардид, ки ин омил, аз як тараф, ба пешравии минтақаҳои кишвар мусоидат намояд, аз ҷониби дигар, дӯстиву рафоқат, меҳру муҳаббат ва ҳамбастагии ҷомеаро бештар намуд. Аз ин ҷост, ки дар шаҳру навоҳии мамлакат сухан танҳо аз сулҳу ваҳдат ва созандагиву бунёдкориҳо мебошад.

Мушкилоти энергетикӣ дар кишвар бартараф гардид ва дар ин миён даҳҳо неругоҳҳои барқии обии бузург ва миёнаву хурд, аз ҷумла, “Сангтӯда -1” ва “Сангтӯда -2” бунёд гардиданд. Ду чархаи Неругоҳи барқи обии “Роғун” мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт ва бо истифода додани иқтидории пурраи он Тоҷикистон ба бузургтарин содиркунандаи неруи барқ дар минтақа табдил меёбад. Дар баробари ин, ҳадафи чоруми стратегӣ – саноатикунонии босуръати кишвар эълон гардид, ки ин имкон фароҳам меорад, ки Тоҷикистон ба кишвари саноативу аграрӣ табдил ёбад. Ва мо шоҳиди онем, ки дар гӯшаву канори мамлакат бунёди корхонаҳои бузург бомаром ҷараён дорад.

Дар кишваре, ки сулҳу субот ҳукмфармост, ҳатман дар ҳама самтҳо пешравӣ мешавад. Дар ин миён метавон аз рушди соҳаҳои маориф ва илм ёдовар шуд. Дар замони соҳибистиқлолӣ, махсусан, баъди расидан ба сулҳу ваҳдат соҳаи маориф ба таври назаррас рушд намуд. Сарвари давлат дар ҳар сафари хеш ба шаҳру навоҳии мамлакат ҳатман чанд муассисаи нави таълимиро бо тамоми шароити замонавӣ мавриди истифода қарор медиҳанд. Дарвоқеъ, дар муассисаҳои таълимӣ барои омӯзишу фарогирии донишҳои муосир шароиту имконоти мусоид муҳайё карда шудааст ва тадриҷан сатҳу сифати таълим баланд мегардад. Пешвои миллат дар Паёми хеш ба Маҷлиси Олии мамлакат (21.12.21) таъкид карданд, ки “дар 30 соли истиқлоли давлатӣ 3240 муассисаи нави таълимӣ барои 1 миллиону 400 ҳазор хонанда сохта, ба истифода дода шуд. Ҳоло шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар ба 2 миллиону 200 ҳазор нафар расидааст. Дар замони соҳибистиқлолӣ дар кишвар 173 муассисаи таълимии типи нав – литсей, гимназия, мактаби президентӣ, мактаби байналмилалӣ ва муассисаҳои таълимӣ барои хонандагони болаёқат, инчунин, 196 муассисаи таҳсилоти томактабӣ ва умумии хусусӣ бунёд гардида, ба истифода дода шуданд. Дар ин муассисаҳо 150 ҳазор нафар хонандагон ба таҳсил фаро гирифта шудаанд. Дар зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ 39 муассисаи таълимии нав ва дар зинаи таҳсилоти олии касбӣ 28 муассиса бунёд гардид ва шумораи онҳо мутаносибан ба 144 ва 41 расонида шуд”.

Аз ин маълум мегардад, ки Сарвари давлат ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд ва баҳри баланд бардоштани сатҳу сифати таълим тадбирҳои судманд меандешанд. Инчунин, як қатор стратегия, қонун, қарор ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст, ки ба пешрафти соҳаи маориф такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Ҳамин аст, ки дастоварди хонандагони тоҷик дар озмуну олимпиадаҳои бонуфузи байналмилалӣ назаррас мебошад ва дар ин самт Тоҷикистон дар қатори давлатҳои пешрафтаи ҷаҳон қарор дорад.

Ҳамчунин, илми тоҷик низ рушду инкишоф ёфт. Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу пажуҳиш дар ҳама бахшҳои илмро густариш

бахшид ва таваҷҷуҳ ба илмҳои бунёдӣ бештар гардид. Он рӯз дур нест, ки илми тоҷик дар арсаи ҷаҳонӣ мавкеи шоиста пайдо мекунад.

Пешвои миллат забони тоҷикиро ба минбари баландтарини олам –Созмони Милали Муттаҳид баровარданд, Тоҷикистонро чун як давлати муосир нишон доданд ва бо ташаббусҳои башардӯстонааш маҳбуби оламиён гардонданд. Воқеан, ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат доир ба мушкилоти глобалии сайёра, аз ҷумла, вобаста ба обу иқлим ва ҳифзи пиряхҳо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш пазируфта шудаанд.

Сарвари давлат ҳар ҷо рафтанд, аз сулҳу ваҳдат сухан ба миён оварданд ва худро чун сулҳпарвар муаррифӣ карданд. Вақте аз нодиртарин падидаи ҳаёти тоҷикон дар 26 соли охир сухан мегӯем, пеши назар симои бошаҳомати фарзонафарзанди миллат, абармарди олами сиёсату маърифат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меояд. Тоҷикистон бо ташаббусҳои наҷибу башардӯстона, рушди тиҷорат, таъмини амният, суботу оромӣ, густариши сайёҳӣ, татбиқиислоҳот дар мақоми ифтихорӣ карор дорад ва амнтарин кишвари минтақа шинохта гардидааст. Табиист, ки дар раванди бошитоби ҷаҳонишавӣ миллатҳову кишварҳое устувор мемонанд ва муқовиматпазир мешаванд, ки мардумаш дар паноҳи давлату ҳукумат бошанд ва авлату ҳукуматашон дар паноҳи мардум. Хушбахтона, ҳамин ваҳдат миёни мардуму Ҳукумати кишвар дар заминаи эътимоду боварии байниҳамдигарӣ ба миён омадааст. Ва ин ҳама бархоста аз сиёсати созандаву ваҳдатофар ва роҳнамоиҳоиояндасози Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## 10 ИХТИСОСИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН СОҲИБИ ШАҲОДАТНОМАИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ГАШТАНД

10 ихтисоси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон соҳиби шаҳодатномаи байналмилалӣ гаштанд. Дар робита ба ин, 20 июн дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон маросими тақдими шаҳодатномаҳо аз рӯйи натиҷаҳои аккредитатсияи байналмилалии барномаҳо баргузор гардид. Шаҳодатномаҳоро дар бораи гузаштани расмиёти бақайдигирии байналмилалӣ барои 10 ихтисос ба ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Қобилҷон Хушвахтзода директори генералии Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (IAAR) Алина Жумагулова супорид.

Таъкид гардид, ки ин дастоварди муҳимми Донишгоҳи миллӣ на танҳо натиҷаи меҳнати софдилонаи тамоми ҳайати кормандони ин даргоҳи илму маърифат, балки намунаи олии банақшагирии стратегии раёсати ин муассисаи таълимӣ мебошад. Эътироф гардидани барномаҳои таълимии донишгоҳҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар арсаи байналмилалӣ яке аз тамоюлҳои рушди таҳсилоти муосир ба шумор меравад, зеро ин на танҳо мақоми ҳар як донишгоҳро боло бурда, онро ба сатҳи сифатан нав мерасонад, балки ба эътирофи нуфузи он дар майдони байналмилалӣ мусоидат менамояд.

Ёдовар мешавем, ки 10 барномаи таълимии кластерҳои ҳуқуқӣ, тиббӣ ва табиатшиносӣ аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои бақайдгирӣ ба Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинг (Қазоқистон) пешниҳод шуда буданд.

**27 ИЮН – РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ**



***Довудхони Маҳмадғиёси РАҲМАТЗОДА,***
***сармутахассиси шуъбаи сифати таҳсилоти***
***Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ОМИЛИ РУШДИ МАОРИФ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соҳаи маорифро самти афзалиятнок эълон намуда, бахри пешрафти тамоми соҳаҳо тадбирҳои судманд меандешанд. Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр намудаанд: “Миллате, ки омӯзгори асил надорад, ҳеч гоҳ ба ягон мартаба намерасад. Ифтихор ва сари баланди мост, ки тоҷикон аз қадим соҳиби китобу қалам, илму маърифат ва олиму омӯзгор буданд, ҳастанд ва дар оянда низ хоҳанд монд”.

Ваҳдати миллӣ дар рушди устувории ҷомеа, аз ҷумла, соҳаи маориф накши муҳим мегузорад. Маҳз соҳибистиқлолӣ ва сулҳу субот аст, ки кишвари мо дар марҳалаи сифатан нави рушди ҷомеа қарор дорад.

Солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар мамлакат, мутаассифона, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ ба вуқуъ пайваст дар баробари дигар соҳаҳо илму маориф низ даҳсолаҳо қафо монд. Бо саъю талош ва ҷонбозиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати тоҷик аз парокандагӣ ва Давлати Тоҷикистон аз вартаи ҳалокат раҳо гардида, рушду пешрафти соҳаи маориф ва илм таъмин гардид. Бо дарназардошти ин, рушду пешрафти соҳаҳои маориф ва илмро ба ду марҳила метавон ҷудо намуд.

Марҳилаи якум солҳои 1991-1997-ро дар бар мегирад, ки дар ин давра соҳаи маориф ба буҳрон гирифтор гардид, аз ҷумла танқисии молиявии муассисаҳои таълимӣ, бамаротиб поён рафтани сатҳи маблағгузории давлатии соҳаи маориф, кам гардидани маоши омӯзгорон, мактабҳоро тарк намудани қисме аз омӯзгорон ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтани онҳо, дар ҳолати корношоям қарор гирифтани биноҳои таълимӣ ва ғайра. Хусусан, бар асари ҷанги шаҳрвандӣ дар минтақаҳои ҷангзада бисёр иншооти таълимӣ ва фарҳангӣ қисман ё пурра вайрону валангор шудаанд.

Марҳилаи дуюм, пас аз ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон оғоз меёбад. Бо кӯшишу талошҳои маорифпарваронаи Пешвои миллат мушкилоти мавҷуда бартараф карда шуданд, маориф ва илми кишвар ба таври назаррас рушд намуд.

Бо таъмин гардидани сулҳу субот дар мамлакат соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла, маориф дигаргуниҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Дар ин раванд муассисаҳои таълимии кишвар таъмиру азнавсозӣ гардид, ки ба инкишофи зинаҳои таҳсилот мусоидат намуд, ба масоили омӯзиши забонҳои хориҷӣ, таъриху фарҳанг, фанҳои дақиқ ва компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ диққати махсус зоҳир карда шуд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мунтазам ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълиму тарбия ва ба талаботи ҷаҳонӣ мутобиқ кардани низоми маориф талош мекунанд ва таъкид кардаанд, “то замоне ки мо барои аҳли илму маориф, зиёиён, онҳое, ки офаранда, парваришдиҳанда ва муҳофизи маънавиёт, ахлоқ ва маърифати ҷомеа ҳастанд, зиндагии сазовору шоистаеро муҳайё накунем, мақому мартабаи онҳоро ба дараҷае, ки мебояд, баланд набардорем, ба пешрафт умед бастанамон душвор аст”.

Дар сиёсати давлатӣ маориф яке аз самтҳои афзалиятноки рушди иқтисодиёти давлат ва инкишофи захираҳои мамлакат маҳсуб ёфта, ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати дониш, омода намудани мутахассисони касбҳои гуногун, тақвият бахшидани заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ корҳои шоиста анҷом пазируфтааст.

Барои расидан ба Ҳадафҳои рушди устувор, бахусус, дар соҳаи маориф як қатор корҳои шоиста иҷро шудааст. Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, “Дар бораи таҳсилоти миёнаи касбӣ”, “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” ва дигар қонуну стандарт, стратегия ва барномаҳои давлатӣ қабул гардидааст, ки бешубҳа ба пешрафти соҳа такони ҷиддӣ бахшидаанд.

Дастгирии соҳаҳои маориф ва илм, пеш аз ҳама, аз он ҷиҳат муҳим мебошад, ки пешрафти тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат ба рушди онҳо вобаста аст. Бинобар ин, дар кишвари мо ба хотири таҳкими пояҳои илму маориф, эҳтиром гузоштан ба омӯзгор шароити мусоид фароҳам оварда шудааст.

Маблағгузории маориф яке аз омилҳои муҳимми таъмини рушд ва босифати соҳа ба ҳисоб меравад, аз ин рӯ, сол то сол маблағгузорӣ ба соҳа бештар мегардад.

Соли 2022 аз ҳисоби буҷети давлатӣ ба соҳаи маориф 6 миллиарду 304 миллион сомонӣ ҷудо гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 707 миллион сомонӣ ё худ 12,6 фоиз зиёд буда, қариб 19 фоизи ҳаҷми умумии хароҷоти буҷетро ташкил медиҳад.

Соли 2023 бошад, маблағгузории соҳаи маориф дар ҳаҷми 7 миллиарду 400 миллион сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки ин дар муқоиса бо соли 2001, ки маблағгузории соҳаи мазкур 13 миллион сомониро ташкил медод, 570 баробар зиёд мебошад.

Дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” қайд гардидааст, ки рушди сармояи инсонӣ омили муҳимми рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт буда, аз сифати он пешрафти ҳамаи соҳаҳо вобаста мебошад. Аз ин рӯ, қайд кардан зарур аст, ки маориф ҳамчун қувваи пешбарандаи иқтисоди миллӣ, захираи муҳимтарини рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар ва нишондиҳандаи асосии дараҷаи инкишофи ҷомеа маҳсуб ёфта, бо мақсаду мароми ҳаёти иҷтимоӣ зич алоқаманд аст ва дар байни соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимми ҳалкунандаи пешрафти ҷомеа нақш дорад.

Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид кардаанд: “Имрӯз бо соҳибистиқлол гардидани кишвари тоҷикон ва ба миён омадани ниёзи ҷиддӣ барои дарёфти роҳу мароми мустақили ҷумҳуриамон ба сӯйи ояндаи мутамаддин вақташ расидааст, ки мо низоми таълиму тарбия ва мактабу маорифамонро дар заминаи ҳамон сарвати бебаҳои маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва равонии халқамон ва педагогикаи миллӣ бо дар назар доштани имконоту тақозои замони муосир ва арзишҳои умумибашарӣ ба роҳ монем”.

Дарвоқеъ, рушди ҷомеа, таҳкими сулҳу ваҳдат, сатҳи зиндагии шоистаи, мардум, умуман, пешрафти иҷтимоию иқтисодии мамлакат аз пешрафти илму маориф вобастагии амиқ дорад.

**ИҚДОМОТИ ҶАҲОНӢ**

***Н. САЛОМОВА,***
***омӯзгори коллеҷи тиббии шаҳри Панҷакент***

# ТАШАББУСҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ – НАҶОТБАХШИ САЙЁРА

**Тоҷикистон дар оянда низ дар ҳалли масъалаҳои мубрами ҷомеаи байналмилалӣ, аз қабили мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, ҷинояткории муташаккили фаромилӣ, қочоқи силоҳ ва маводи мухаддир, ҷиноятҳои киберӣ, ҳамчунин, мутобиқшавӣ ба пайомадҳои тағйирёбии иқлим ва рафъӣ оқибатҳои он саҳми босазо хоҳад гузошт. Боиси қаноатмандист, ки Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ ҳамчун кишвари ташаббускор дар ҳалли масъалаҳои марбут ба обу иқлим эътироф шудааст.**

**Эмомалӣ РАҲМОН**



Истиқлол рамзи олии ватану ватандорӣ ва бузургтарин неъмати давлатсозиву давлатдорӣ мебошад, ки кишвари моро дар арсаи байналмилалӣ муаррифи менамояд.

Тоҷикистони соҳибистиқлол дар зери партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон беш аз пеш ободу зебо мегардад. Маҳз бо ташаббус ва иқдомоти Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳои ҷаҳонӣ, аз ҷумла обу иқлим ва ҳифзи пиряххо нақши муҳим мебозад, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ хуш пазируфта шудаанд. 3 марти соли 2021 Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар воҳӯрии сатҳи баланд, тавассути видеоконфренсия доир гардид, оид ба масъалаҳои обу иқлим суханронӣ намуданд. Пешвои миллат зикр намуданд, ки сабаби асосии тағйирёбии иқлим ба обшавии босуръати пиряххо оварда расондааст. Мутаассифона, имрӯзҳо мо об шудани пиряххоро дар Арктика, Антарктида ва Греландия мушоҳида менамоем. Доир ба пиряххои Тоҷикистон андешаронӣ намуда, зикр карданд, ки чунин ҳолат дар пиряхҳои Помир низ ҷой дорад. Обшавии бузургтарин пиряхи воқеъ дар хушкӣ –Федченко, зиёда аз 75 км дарозӣ дорад, далели ин гуфтаҳост. Сарвари давлат пиряххоро захираи асосии оби тоза арзёбӣ карда, изҳор доштанд, ки обшавии босуръати онҳо дар баробари зиёдшавии истеъмоли об, ки бо афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисодии давлатҳо вобастагии зич дорад, метавонад ба натиҷаҳои манфӣ оварда расонад. Ҳоло обшавии пиряхҳои Арктика ва Антарктида боиси баландшавии сатҳи Уқёнуси

ҷаҳонӣ гардидааст, ки ин омил дар навбати худ ба ҳаёт ва вазъи зиндагии миллионҳо сокинони сайёра таҳдид мекунад.

Маҳз ба ин хотир Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пешниҳод карданд, ки соли 2025-ум Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон ва Бунёди махсуси байналмилалии ҳифзи пиряххо таъсис дода шавад. Дар робита ба ин, 14 декабри соли 2022 Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид ташаббуси панҷуми Сарвари давлати тоҷиконро доир ба ҳифзи пиряххо якдилона бо қабули қатъномаи махсус тасдиқ намуд. Маҳз тибқи ин қатънома, аввалан, соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо эълон карда шуд. Бешубҳа, қабули ин қатънома гувоҳи боз ҳам баланд гардидани обрӯю эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Дуюм, аз оғози соли 2025 минъбад ҳамасола рӯзи 21–уми март Рӯзи ҷаҳонии ҳифзи пиряххо ҷашн гирифта мешавад. Соли 2025 дар шаҳри Душанбе Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба масъалаи ҳифзи пиряххо низ доир мегардад.

Пиряххо яке аз сарчашмаи асосии об маҳсуб ёфта, дар таъмини аҳолии сайёра ва оби ошомиданӣ мусоидат мекунанд. Аммо раванди босуръати тағйирёбии иқлим барои ҳифзи пиряххо монеа эҷод карда, боиси аз меъёр зиёд об гардидани онҳо гардидааст. Аз ин рӯ, зарур аст, ки дар доираи татбиқи ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон баҳри пешгирии обшавии пиряххо тадбирҳои судманд андешида, суръати обшавии онҳо паст карда шавад.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

## МАЪЛУМОТИ ҶОЛИБ

Китобхонаи Донишгоҳи Пекин зиёда аз ҳашт миллион китоб ва 10 000 номгӯй маҷаллаҳои чинию хориҷӣ дорад. Майдони умумии хазинаҳои китоб ва толорҳои хониш аз 50 ҳазор метри мураббаъ зиёд аст ва ин китобхонаи калонтарин дар Осиё мебошад.

*****

Оё шумо медонед, ки тӯлонитарин лексияи донишгоҳ 54 соат давом кард? Он дар Мактаби олии ҷамъиятии Лейдли (Квинсленд, Австралия) аз ҷониби профессор Мари Барроус ҳамчун як қисми курси биология хонда шудааст.

*****

То имрӯз дар Амрикои Ҷанубӣ тақрибан ду ҳазор донишгоҳ мавҷуд аст, аммо камтар аз чоряки онҳо моликияти давлатӣ мебошанд.

*****

Мухтасартарин тавсияномаи донишгоҳро риёзидони маъруфи амрикоӣ Ҷон Нэш, прототипи қаҳрамони филми “Зеҳни зебо” дарёфт кардааст. Дар он навишта шудааст: «Ин одам нобиға аст».

*****

Дар ҷадвали рейтинги олмонӣ 1 баҳои баландтарин ва 6 баҳои пасттарин аст.

*****

Дар донишгоҳҳои Олмон ягон барномаи стандартии таҳсил вуҷуд надорад - худи донишҷӯён барномаи курси интихобкардаи худро ташкил медиҳанд.

**ТАТБИҚИ БАРНОМАҲОИ ДАВЛАТӢ**

# ТАҲСИЛОТИ РАҚАМӢ – ҚАДАМИ УСТУВОР БАРОИ ВОРИД ШУДАН БА ТАҲСИЛОТИ ҶАҲОНӢ



***Маориф омили асосии пешрафти давлат ва наҷоти миллат мебошад. Аз ин ҷост, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳаи маориф таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҷиҳати вусъат бахшидани фаъолияти он мунтазам тадбирҳои судманд андешида мешавад. Имрӯз дар муассисаҳои таълимӣ имконоти мусоид барои омӯзиш ва фарогирии донишҳои муосир фароҳам оварда шудааст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ омӯзиши технологияи замонавӣ муҳим буда, ба дарку маърифат ва дарёфти донишҳои муосир мусоидат мекунад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста талош менамояд, ки муассисаҳои таълимӣ бо технологияи замонавӣ таъмин гарданд ва хонандагону донишҷӯён аз он ба таври самаранок истифода намоянд. Дар зимн, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Барномаи давлатии компютеркунонии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон” (аз соли 2003 то инҷониб) қабул гардидааст, ки аз як тараф, дар таъмини муассисаҳои таълимӣ бо компютер ва дигар воситаҳои техникии таълим мусоидат кунад, аз ҷониби дигар, ба дарку маърифат ва истифодаи дурусти онҳо такони ҷиддӣ мебахшад. Ҷаҳони имрӯз моро водор мекунад, ки дар раванди таълим технологияро фаровон истифода кунем, онро дуруст омӯзем ва дарку маърифат намоем ва ба фазои ҷаҳонии таҳсилот ворид гардем. Ҳамзамон, бо қарори Ҳукумати мамлакат 31 августи соли 2022 Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 тасдиқ гардид, ки гоми дигар барои пешрафи маорифи миллӣ маҳсуб меёбад. Доир ба қабули консепсияи мазкур ва ҳадафу вазифаҳои он суҳбате доштем бо директори Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмон Гулзода, ки фишурдаи онро пешниҳоди хонандагон мегардонем.***

**– Устоди муҳтарам, нахуст перомуни Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 чанд сухан мегуфтед.**

– Гузариш ба таҳсилоти рақамӣ тавассути технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тағйир додани шаклу усулҳои таълим ва ба талаботи замон мутобиқ намудани он мебошад. Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои давраи то соли 2042 бо дарназардошти рушди ҷомеа ва навсозии низоми ҷаҳонии таҳсилот таҳия гардидааст ва он ба рушди соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ такони ҷиддӣ мебахшад. Дар он арзишҳои миллию умумибашарӣ, эҳёи дарки худшиносии таърихӣ, ҳуввият ва анъанаҳои миллӣ, дастовардҳои илмию техникӣ ва ғайра ба инобат гирифта шудааст. Дар баробари ин, консепсия тамоюли рушди низоми таҳсилоти рақамиро дар шароити муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва ташаккули фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ мегардонад ва имкон фароҳам меорад, ки ислоҳоти соҳаи маориф дар самти рақамикунонӣ таъмин гардад. Аз ин ҷост, ки Барномаи амалӣ намудани ТИК-и муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027 таҳия гардид.

**- Маълум мегардад, ки он ба рушди соҳа мусоидати амиқ менамояд ва маорифи кишварро ба марҳалаи нав ворид мекунад. Мақсад ва вазифаҳои консепсия аз чӣ иборат аст ва татбиқи амалии он чӣ натиҷаро ба бор хоҳад овард?**

**-** Мақсад аз гузариш ба таҳсилоти рақамӣ ноил шудан ба сифати нави таълим тавассути ҷорӣ намудани технологияи иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ дар муассисаҳои таҳсилотӣ, тағйир додани шакл ва усулҳои таълим, таъмини сифат ва сайёр будани хизматрасониҳои таълимӣ, баланд бардоштани эътирофи низоми миллии маориф ба ҳисоб меравад. Таҳсилоти рақамӣ дар соҳаи маориф дар баланд гаштани тахассуси омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои рақамӣ, рушди омӯзиш бо истифодаи технологияҳои муосир ва онлайнӣ, татбиқи барномаҳои таҳсилотии рақамӣ, дарки низоми нави маориф, таҳияи меъёрҳои фаъолияти муҳити иттилоотию таълимӣ бо дарназардошти стандартҳои давлатӣ ва ҷаҳонӣ, таҷдиди назар, ташаккул ва танзими усулҳои истифодаи ТИК дар таълим, зиёд намудани таҷҳизоти техникии муассисаҳои таҳсилотӣ барои татбиқи ТИК-и муосир дар раванди таълим, таҳия ва ба низом даровардани муҳити ягонаи таълими рақамӣ дар Тоҷикистон, ҷорӣ намудани усулҳои нави таъмини мутахассисони омӯзгорӣ ба кор тавассути истифодабарии ТИК, дастрасии ҳамаи иштирокдорони раванди таълим ба технологияҳои рақамӣ бо мақсади такмили раванди таълим ва истифодаи технологияҳои таълими фосилавӣ ва оммавӣ гардонидани принсипи «таълим дар тамоми умр» равона гардидааст.

Консепсия мутобиқ ба стратегияҳо ва низому сиёсати миллии рушди рақамӣ, инчунин, равандҳои банақшагирӣ ва арзёбӣ дар соҳаи маориф таҳия шудааст. Он унсурҳои рақамиеро, ки дар барномаҳои давлатӣ зикр гардидааст, дар худ дарҷ намуда, дар як шакли мукаммал ба ҳам овардааст, ки ба рушди «экონизом»-и таҳсилоти рақамӣ мусоидат мекунад. Консепсия дар асоси ин модел ва амалияҳои беҳтарин мунтазам дар се сатҳ амалҳоро баррасӣ ва пешниҳод менамояд:

- эҷоди муҳити дорои омилҳои мусоид барои ба даст овардани фарогирӣ ва устувории рақамикунонии соҳа;
- такмили омилҳои имкондиҳандаи таҳсилоти рақамӣ тавассути пешниҳоди дастрасӣ ба Интернет ва шабакаи ягонаи таҳсилот, инчунин, рушди инфрасохтор, таҷҳизот, барномаҳои рақамӣ, воситаҳои зарурӣ барои дастрасӣ, банақшагирӣ ва рушди иқтидори зарурӣ;
- ноил гардидан ба натиҷаҳои таълим тавассути рақамикунонии раванди таълим, маводи таълимӣ ва коркардҳои ба воситаҳои арзёбӣ мувофиқ.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба истифодабарии технологияҳои иттилоотӣ ва таҳияи маводи муосир дар муассисаҳои таҳсилотӣ, ба баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот мутобиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, таъсиси махзани ягонаи рақамии маводи таълимии электронӣ, рушди заминаҳои муосири моддию техникии муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ба воситаи мунтазам аз нав таҷҳизонидани онҳо бо техникаву технологияҳои ҳозиразамон ва ташкили саҳифаи ягонаи иттилоотии соҳаи маорифи ҷумҳурӣ нигаронида шудааст.

Дар шароити муосир таҳкими заминаҳои моддию техникӣ, таъмини муассисаҳои таҳсилотӣ

бо техникаи компютерӣ, ташкили шабакаҳои иттилоотӣ ва пайвастшавии онҳо ба шабакаи Интернет яке аз самтҳои муҳимми сиёсати соҳаи маориф ба шумор меравад.

– **Амалӣ намудани ҳадафҳои консепсия ва татбиқи таҳсилоти рақамӣ, пеш аз ҳама, аз шароити техникии муассисаҳои таълимӣ вобаста аст. Ба назари шумо, вазъи муассисаҳои таълимӣ, умуман, низоми маориф барои гузаштан ба таҳсилоти рақамӣ дар кадом сатҳ қарор дорад?**

– Муҳити таҳсилоти рақамии муассисаҳои таҳсилотӣ бояд фазои ягонаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ва воситаи муассири идоракунии сифати амалигардонии барномаҳои таҳсилотӣ барои ҳамаи субъектони раванди таълиму тарбия гардад. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки соли 2023 дар доираи амалигардонии барномаҳои давлатии татбиқи ТИК дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон – муассисаҳои таҳсилоти умумӣ бо 84732 компютер, 12962 принтер, 1272 сканер, 4762 тахтаи электронӣ ва 4359 проектор таъмин гардиданд. Имрӯз дар муассисаҳои таҳсилотӣ 5842 синфхонаи технологияи иттилоотӣ ташкил гардида, аз фанни мазкур 5284 омӯзгор, аз ҷумла, 4504 нафар бо таҳсилоти олӣ ва 780 нафар бо таҳсилоти миёнаи касбӣ ба хонандагон дарс медиҳанд. Барои баланд бардоштани самаранокии кори омӯзгорон ва сатҳи дониши хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ташкил намудани китобхонаи мутамаркази электронӣ зарур мебошад. 361 муассисаи таҳсилоти умумӣ дорои китобхонаи электронӣ буда, 2540 муассисаи таҳсилоти умумӣ тавассути ADSL, WiMAX, Dial-Up, Optic, Wi-fi ба шабакаи Интернет пайваст мебошанд. Зарур аст, ки муассисаҳои таҳсилоти умумӣ аз тариқи ройгон ба низоми электронии Китобхонаи миллии Тоҷикистон ва дигар китобхонаҳои электронӣ пайваст карда шаванд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 3002 компютер, аз ин теъдод 2647 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 1619 компютер барои истифодаи хизматӣ қарор дорад. 105 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки ба шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 445 ададро ташкил медиҳад. Инчунин, 150 тахтаи электронӣ, 233 проектор, 23 факс, 217 сканер, 335 нусхабардор барои тарғибу оммафаҳм гардонидани раванди таълиму тарбия истифода бурда мешавад.

Айни замон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии ҷумҳурӣ ҳамагӣ 6262 компютер, аз ин теъдод 3543 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 1871 компютер дар истифодаи хизматӣ қарор дорад. 161 синфхонаи компютерӣ ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 1596 ададро ташкил медиҳад. Барои оммафаҳм намудани раванди таълиму тарбия 535 тахтаи электронӣ, 648 проектор, 31 факс, 433 сканер, 998 нусхабардор мавриди баҳрабардорӣ қарор дорад.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ бошад, ҳамагӣ 22918 компютер, аз ин теъдод 9342 компютер барои истифода дар синфхонаҳои таълимӣ, 8993 компютер барои истифодаи хизматӣ қарор дошта, инчунин, адади синфхонаи компютерӣ 392 ва компютерҳое, ки бо шабакаи Интернет пайваст гардидаанд, 11195 ададро ташкил медиҳад.

– **Барои иҷрои амалии консепсия чӣ мушкилот вуҷуд дорад ва дар муассисаҳои таълимӣ чӣ корҳоро бояд анҷом дод?**

– Муассисаҳои соҳаи маориф дар фаъолияти худ бо мушкилии компютерҳо, низомҳои амалиётӣ, серверҳо ва шабакаҳои куҳна мувоҷеҳ мебошанд. Дар маҳалҳо таносуби кормандон ва адади компютерҳои навтарин мувофиқат намекунад. Ба муассисаҳои таҳсилотӣ таҷҳизоте намерасад, ки таълимро берун аз синфхонаи компютерӣ ба роҳ монанд. То ҳол барномаи заминавии марказии рақамӣ вуҷуд надорад, ки таҳсилоти рақамӣ ва маводи таълимиро барои тамоми ҷонибҳои манфиатдор дастрас намояд. Низоме бояд таъсис дода шавад, ки роҳҳои нигоҳдорӣ, таъмир ва навсозии таъминоти барномавӣ (хусусан, низомҳои амалиётӣ барои

пешгирӣ кардани хавфҳо)-ро танзим карда тавонад. Барои истифодаи осон ва тӯлонии таҷҳизоти кухна бояд ба барномаи иловагӣ бо рамзи аввалияи кушода бартарӣ дода шавад. Ба истифодаи дубора ва таъмири таҷҳизот таваҷҷуҳ кардан муҳим мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як муассиса бояд оид ба хизматрасонии ҳаррӯзаи дастгоҳҳои рақамӣ маълумот ва марказҳои ТИК имконияти мусоидат ба хизматрасонӣ ва таъмири онҳоро дошта бошанд. Бо дарназардошти муҳимияти ин нукта, бо дастури роҳбарияти Вазорати маориф ва илм аз ҷониби масъулини Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсия дар ин самт корҳо идома ёфта, умед аст, ки ба дастовардҳои назаррас ноил мегардем.

Ҳамчунин, бо дастури Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илм портали ягонаи маориф таъсис меёбад. Дастрасӣ ба портали мазкур ва маводи омӯзишию методӣ ройгон буда, тамоми муассисаҳои таҳсилотӣ ба он пайваст хоҳанд шуд. Тадбири мазкур ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба маводи таълимии аз ҳама босифат ва навтарин дастрасӣ пайдо намоянд.

**– Дар гузаштан ба таҳсилоти рақамӣ иҷрои кадом амалҳо муфид хоҳад буд?**

– Дар ин самт рушди таҳсилоти рақамӣ ва ҷорӣ намудани ТИК дар раванди таълим аз авлавиятҳо дониста мешавад. Ин омил имкон фароҳам меорад, ки низоми таълиму тарбия такмил ёбад, усулу равиши пайдарпайии омӯзиш ба фазои иттилоотӣ ва ташаккули салоҳияти хонандагону донишҷӯён таъмин гардад. Дар баробари ин, идоракунии иттилоот яке аз вазифаҳои асосӣ ва қисми муҳимтарини рақамикунонӣ дар соҳаи маориф ба ҳисоб меравад. Низоми идоракунии иттилоот дар соҳаи маориф таҷдиди назар гардида, бо технологияи нав ба фаъолият оғоз намояд. Дар зимн, таҷҳизоти нав (планшет, компютер ва низоми идоракунии таълим) дар муассисаҳои таълимӣ босамар истифода шавад.

Барои навсозии компютерҳо, серверҳо ва таҷҳизоти шабакавии корӣ ва таъмини пайвастшавии боэътимод ба шабакаи Интернет мушкилоти бузург вуҷуд дорад. Чӣ қадаре ки таҷҳизот бештар истифода шавад, ҳамон қадар муҳиммияти мавҷуд будани дастурамалҳои стандартӣ оид ба истифода, хизматрасонии техникӣ ва таъмири он ба миён меоянд, чунки банақшагирии харидорӣ ва насби таҷҳизот дар сатҳи миллӣ дар асоси самаранокӣ ва хароҷот амалӣ мегардад. Аммо амалишавии он бояд тибқи тартиби муқарраргардида мутамарказ бошад. Ин омил мушкилоти ҳифзи иттилоот дар кишварро бартараф намуда, аз қатъи дастрасӣ ба иттилоот дар ҷумҳурӣ низ пешгирӣ мекунад.

**– Дар боло зикр намудед, ки портали ягона таъсис дода мешавад. Мегуфтед, ки вазифаи он аз чӣ иборат аст ва чӣ аҳамият дорад?**

– Дар робита ба портали ягонаи маориф, ки бояд ба ҳамагон имконияти дастрасӣ ба мавод ва шабакаҳои рақамиро таъмин намояд, зарурати ҷорӣ гардидани низоми ҷиддии кафолати сифат, муқаррарсозии усулу методи таъминкунандаи истифодаи технология ва сифати маводи дар он ҷо нигоҳдорӣ ё ҷойгиршаванда ба миён меояд.

Портал дар худ маводи таълимии рақамиро ҳифз менамояд ва муҳассилин онро ба осонӣ дастрас менамоянд. Яке аз ин китобхонаи электронӣ мебошад. Китобхона дар сервер ҷойгир мешавад ва хонандагон аз он ройгон истифода менамоянд. Ба ҷуз ин, хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки китобҳоро тавассути телефони мобилӣ ва планшет истифода намоянд. Инчунин, дарсҳои видеоӣ ҷой дода мешаванд, раванди дарси омӯзгоронеро, ки таҷрибаи хуб доранд, ба навор гирифта, дар сервер ҷой медиҳем ва ба хонандагон пешниҳод менамоем. Хонандагон метавонанд тавассути телефон ё планшет дарсҳоро тамошо намоянд. Наворҳо дар шакли диск низ ба хонандагон пешниҳод мегарданд.

**– Оё татбиқи таҳсилоти рақамӣ ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим такони ҷиддӣ мебахшад ва дар раванди татбиқи он вазифаҳои омӯзгор тағйир меёбад?**

– Бо амалӣ шудани таҳсилоти рақамӣ формати (шакли) идоракунии муассисаҳои таҳсилотӣ

тадриҷан тағйир меёбад. Дар оянда рӯзномаҳои электронӣ, тахтаҳои электронӣ бо мундариҷаи интерактивӣ, компютерҳо ва планшетҳо истифода мешаванд. Таҳсилоти рақамӣ муассисаҳои таҳсилотиро бо усул ва воситаҳои таълими классикӣ маҳдуд намекунад, балки раванди он васеътар шуда, ҳарчи бештар хонандагону донишҷӯён ҷалб гардида, шароит барои азхуд кардани дониш бештар мегардад.

Дар баробари ин, муассисаҳои таълимӣ бояд бо Интернети баландсуръат таъмин гарданд. Хонандагону донишҷӯён дар раванди таълим аз захираҳои интернетӣ истифода бурда, аз он маълумоти заруриро дарёфт мекунанд. Ҳамзамон, хонандагону донишҷӯён нусхаҳои электронии китобу дастурҳои дарсиро зуд дастрас намуда, китобхонаҳои электронӣ бартарӣ пайдо менамоянд. Дар китобхонаҳо нусхаҳои электронии китобҳои дарсӣ ҷой дода мешавад ва муҳимтар аз ҳама, технологияи рақамӣ имкон медиҳад, ки мундариҷаи таълим аз ҳисоби татбиқи технологияҳои нав такмил дода шавад.

Бо амалӣ гардидани таҳсилоти рақамӣ вазифаҳои омӯзгор низ тағйир меёбад. Омӯзгор дар ин шакли таҳсил нақши «миёнарав»-ро мебозад. Ӯ шахсиятест, ки донишро мустақиман интиқол медиҳад ва хонандагону донишҷӯён бошанд, бояд ҳар як амалро бодиққат «нусхабардорӣ» кунанд. Дар ин маврид омӯзгор бояд дар баробари таълим бештар роҳбаладӣ ва мустақилона иҷро кардани кореро пешниҳод кунад.

– **Бо амалӣ гаштани Консепсияи гузариш ба таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи маориф ба чӣ пешравиҳо ноил мегардад ва барои омӯзишу азхуд намудани барномаҳои таълимӣ чӣ афзилиятҳо фароҳам оварда мешавад?**

– Низоми маориф ба низоми Ҳукумати электронӣ ворид карда мешавад ва хизматрасониҳои таълимоти электронӣ барои аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчи бештар дастрас мегардад. Барномаҳои таълимӣ ба шароити тағйирёбандаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва пешрафти илмию техникӣ мутобиқ ва мутахассисони ба талботи бозори ҷаҳонӣ омода карда мешаванд. Сатҳу сифати таълим баланд гардида, теъдоди нашрияҳои чопшаванда дар раванди таълим ва гардиши ҳуҷҷатҳо дар низоми маориф кам мешавад. Дастрасӣ ба маводи зарурӣ барои гузаронидани дарсҳо сода ва тезонида шуда, раванди назорати дониши хонандагону донишҷӯён ба низом дароварда мешавад. Такмили муттасилонаи тахассусии омӯзгорон дар асоси усулҳо ва технологияҳои нави таълим ҷорӣ мегардад.

Хонандагону донишҷӯён бештар мустақилона кор мекунанд. Онҳо худашон маълумотро ҷустуҷӯ мекунанд, ҳамзамон, истифодабарӣ ва татбиқи онҳоро низ фаро мегиранд. Истифодаи китобҳои дарсии электронӣ ба таври васеъ ба роҳ монда мешавад. Иттилову маълумоти навтарин ҳамеша дар дасти хонандагону донишҷӯён қарор мегирад ва истифодаи технологияҳо ба рангин гузаштани дарсҳо мусоидат хоҳад кард.

Аз ин рӯ, таҳсилоти рақамӣ қадами устувор барои ворид шудан ба таҳсилоти ҷаҳонӣ мебошад ва он имкон фароҳам меорад, ки дастрасӣ ба маводи таълимию методӣ ва бадеӣ осон гардад ва донишу ҷаҳонибинӣ ва маърифати хонандагону омӯзгорон такмил ёбад ва технологияи иттилотию коммуникатсиониро ба таври назаррас азхуд намоянд.

- **Ташаккур барои суҳбат.**
- Саломат бошед.

***Мусоҳиб***
***Насриддин ОХУНЗОДА***

**СИФАТИ ТАҲСИЛОТ**

***Сайфиддин КАМОЛЗОДА,***
***мудири шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон,***
***Азим БАЙЗОЕВ,***
***сармутахассиси шуъбаи инноватсия ва технологияи таълими***
***Академияи таҳсилоти Тоҷикистон***

# ДАСТГИРИИ МЕТОДИИ ОМӮЗГОРОН – ТАКМИЛБАХШИ СИФАТИ ТАҲСИЛОТ



Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Мамлакат (аз 26 декабри соли 2018) чунин таъкид карданд: “Агар омӯзгор сатҳи баланди касбият надошта бошад, мо ҳеҷ гоҳ ва бо ягон восита сифати таълиму тарбияро беҳтар карда наметавонем”.

Ҳамчунин, Пешвои миллат вобаста ба тарбияи мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи замони муосир зимни таҷлили Рӯзи дониш иброз намуданд: **“Ҳукумати мамлакат ҳанӯз аз оғози даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳалли масъалаҳои рушди соҳаи маориф ва илм, фароҳам овардани шароити муосир барои таълиму тарбияи наслҳои ояндасози Ватан ва омода намудани кадрҳо барои иқтисоди миллӣ то имрӯз бисёр иқдомоти созанда ва ба оянда нигаронидашударо амалӣ гардонид. Зеро давлатро танҳо мутахассисони соҳибтаҷриба ва шахсони дорои дигар ихтисосҳои замонавӣ, яъне, кадрҳои баландихтисос обод мекунанд”.**

Ҳадафи асосии Ҳукумати мамлакат ва Пешвои миллат аз таваҷҷуҳ ба рушди соҳаи маориф аз он иборат аст, ки сифати таълиму тарбия дар тамоми зинаҳои таҳсилот, махсусан, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баланд бардошта шавад.

Бо мақсади мусоидат ба татбиқи ин ҳадафҳо, Академияи таҳсилоти Тоҷикистон тадбирҳои гуногуни амалӣ андешидааст, аз ҷумла, масъалаи дастгирӣ ва таъминоти методии омӯзгоронро, ки омили аз ҳама муҳим дар баланд бардоштани сифати таълиму тарбия маҳсуб меёбад, мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор дод. Натиҷаҳои омӯзиш аз он далолат мекунанд, ки дастгирӣ ва таъминоти методии омӯзгорон тибқи талаботи таҳсилоти муосир роҳандозӣ нашуда, дар ин ҷода ҳанӯз ҳам мушкилу норасоиҳо ба мушоҳида мерасанд.

Дар ҳақиқат, баланд бардоштани сифати таҳсилот дар миқёси байналмилалӣ аз муҳимтарин омилҳои тайёр кардани мутахассисони варзида ва рақобатпазир дар бозори ҷаҳонии меҳнат эътироф гардидааст. Сифати таҳсилот ва омодасозии кадрҳои баландихтисоси рақобатпазир ба сатҳи омодагии тахассусии омӯзгор ва таъминоти ӯ бо шароиту технологияҳои муосири педагогӣ вобастагӣ дорад.

Дар муносибати босалоҳият ба таълим масъалаи арзёбии сифати таҳсилот, умуман, салоҳиятҳо, аҳамияти хосса касб мекунад. Мафҳуми “сифат”, аз як тараф, барои низоми таҳсилот хеле муҳим ва пурарзиш бошад, аз тарафи дигар, мушкилфаҳм ва доманадор боқӣ мемонад.

Масъалаи механизми баргардон кардани нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ масъалаи дигари ҳалталаб ба ҳисоб меравад. Ниҳоят, дар баробари омилҳои таъсиррасон ба сифати таҳсилот, ба назар гирифтани натиҷаҳои ҳақиқии таълим ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои асосии он бояд баррасӣ шавад.

Одатан, нишондиҳандаҳои пешрафти хонандагон, яъне, баҳоҳое, ки хонандагон аз фанҳои гуногун ба даст меоранд ва онҳо дар ҳуҷҷатҳои расмӣ (рейтингҳо, баҳоҳои нимсола ва солона, имтиҳонҳо, ҳуҷҷатҳои хатм ва дипломҳо) сабт мeёбанд, ба сифати нишондиҳандаи сифати таълим ба назар гирифта мешавад. Ҳар қадар ки миқдори баҳоҳои хубу аъло бештар бошад, ҳамон қадар сифати таҳсилот дар муассисаи таълимӣ беҳтар дониста мешавад. Ба андешаи мо, чунин тарзи муносибат ба муайян намудани сатҳи донишу сифати таҳсилот кофӣ нест.

Барои дурусттар муайян намудани сифати таҳсилот дар муассисаи таълимии мушаххас бояд ҳар як омили таъсиррасони он аз рӯйи меъёрҳо ё нишондиҳандаҳо ва методҳои мушаххас арзёбӣ гардад. Аз байни омилҳои таъсиррасони сифати таҳсилот, муайян намудани сатҳи таъминот бо маводи таълимию методӣ ва заминаи моддӣ-техникӣ, ҳамчунин, ҳайати омӯзгорон нисбатан осонтар аст. Бинобар ин, дар ин миён масъалаи муҳим муайян намудани сифати *дастурҳои методӣ ва бо онҳо таъмин будани ҳар як омӯзгор, сатҳи салоҳиятҳои касбии худи омӯзгорон ва дараҷаи мукаммалии механизми арзёбии салоҳиятҳои хонандагон* аст.

Омӯзиши ин масоил аз ҷониби мутахассисон собит сохт, ки сифати дастурҳои методие, ки барои омӯзгорон таҳия ва чоп мешаванд, аз нигоҳи талаботи таҳсилоти муосир ва муносибати босалоҳият ба таълим на он қадар ҷавобгӯ буда, теъдоди нашрашон бениҳоят кам аст ва бо ин сабаб аксари омӯзгорон ба ин дастурҳои методӣ дастрасӣ надоранд. Ин яке аз он омилҳоест, ки ба ташаккули муттасили сатҳи салоҳиятнокии касбии омӯзгор монеа мегардад, зеро дар муассисаҳои таълимӣ, ки аксаран дар музофот қарор доранд, роҳу воситаҳои дигари дастгирии методии омӯзгорон вуҷуд надорад, ба истиснои иттиҳодияҳои методии фаннӣ, ки онҳо низ ба таври намоишкорона баргузор мешаванд.

Вобаста ба ин масъала, таъкид бояд кард, ки қисми зиёди омӯзгорон то ба имрӯз оид ба роҳу усул ва технологияи татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим тасаввуроту огоҳии амиқ надоранд, бо ин сабаб дарсу машғулиятҳо ба таври анъанавӣ баргузор мешаванд. Аз ин рӯ, сатҳи мавҷудаи ташаккули салоҳиятҳои касбии омӯзгорон, махсусан, дар минтақаву маҳалҳо водор месозад, ки дар самти дастгирии методии омӯзгорон дар ин ҷода тадбирҳои мушаххас андешида шаванд, зеро омӯзиши масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки дарвоқеъ, имрӯз омӯзгорон аз ҳама бештар ба дастгирии методӣ эҳтиёҷ доранд.

Дар иртибот ба мазмуни дастурҳои методии оид ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим таҳиягардида, омӯзиш ва таҳқиқи масъала нишон дод, ки то имрӯз дар дарку фаҳмиши муносибати бослоҳият ба таълим мушкилот ҷой дорад. Фаҳмиши ғалати бо нававарӣ аз он сар задааст, ки мо муносибати босалоҳиятро ҳамчун як низоми нав ба назар мегирем. Аз ин рӯ, дар дастурҳои методӣ ва бисёр суҳбатҳо сухан аз муқоисаи низоми наву куҳна, бартариҳои низоми нав ба низоми анъанавӣ меравад. Аз ин ғалатфаҳмӣ ҳар чи зудтар бояд раҳо ёбем ва дигаронро низ раҳо созем.

Бори дигар таъкид мекунем, ки муносибати босалоҳият ба таълим тағйир додани муносибат ба тарзу усул ва ҳадафҳои таълим буда, дар муносибати нав таъмини иштироки фаъолонаи хонанда, аз ҷараёни таълим берун намондани ҳеҷ яке аз хонандагон, ба роҳ мондани нақши роҳнамоии омӯзгор дар мадди назар аст.

Маҳз нақши ҳалкунанда доштани омӯзгор дар ҷараёни таълим гувоҳи он аст, ки омили асосии баланд бурдани сифати таҳсилот сатҳи касбияти мувофиқи омӯзгор аст. Ба ибораи дигар, дар меҳвари мафҳуми сифати таҳсилот омӯзгор қарор дорад. Аз ин ҷо метавон хулоса кард, ки

дастгирии ҳамаҷониба ва махсусан, дастгирии методиву иҷтимоии омӯзгорон омили асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот мебошад.

Хушбахтона, дар доираи татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шарикони рушд якчанд лоиҳаи дастгирии татбиқи стратегияро амалӣ карда истодааст, ки дар меҳвари онҳо маҳз муайян намудани омилҳои асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дастгирии методии омӯзгор меистад. Натиҷаҳои аввалини татбиқи ин лоиҳаҳо далели онанд, ки муҳимтарин роҳи ҳалли ин масъала дастгирии ҳамаҷонибаи омӯзгорон ба ҳисоб меравад.

Ба роҳҳои дастгирии омӯзгорон, ба хотири баланд бардоштани сатҳи касбияти онҳо омилҳои зеринро дохил кардан мумкин аст:

1. <u>Таҳияи стандарту барномаҳои таълим ва роҳнамои омӯзгор дар асоси муносибати босалоҳият ба таълим.</u> Вобаста ба ин, бояд махсус қайд кард, ки шароити муосир тақозо мекунад, ки барои самаранок ба роҳ мондани ҷараёни таълиму тарбия ҳар омӯзгор бояд ба бастаи маводи таълимӣ, ки аз китоби дарсӣ, барномаи таълим, нақшаи намунавии тақвимӣ, роҳнамои омӯзгор, стандарти фаннӣ, маводи иловагии таълим (аз ҷумла, дар шакли электронӣ) ва маводи аёнӣ бархӯрдор бошад.

2. <u>Таҳияи китобҳои дарсӣ ва арзёбии онҳо.</u> Дар назар аст, ки дар баробари таҳияи китоби дарсии ҷавобгӯйи талаботи замони муосир, масъалаи арзёбии ҳамаҷонибаи он низ ба миён гузошта шудааст. Китоби дарсӣ аз муҳимтарин василаест, ки бо ёрии он омӯзгор фаъолияти омӯзгории худро ба роҳ мемонад. Аз ин рӯ, китоби дарсӣ ҳар қадар хубу босифат таҳия шуда бошад, ҳамон қадар фаъолияти самараноки омӯзгорро таъмин карда метавонад.

3. <u>Таҷдиди назар ба арзёбии салоҳиятҳо ва натиҷаҳои таълим</u>. Дар робита бо ин, қайд кардан бамаврид аст, ки бояд механизми баргардониши нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба нишондиҳандаҳои сифатӣ муайян ва мушаххас гардад, барномаҳои компютерии таъсири мутақобилаи ин омилҳо таҳия ва истифода шаванд.

4. <u>Дастгирии дохилимактабии омӯзгор.</u> Яке аз омилҳои муҳимми рушди сатҳи касбияти омӯзгор, ҷалб намудани вай ба курсҳои такмили ихтисос ва ташкили низоми муттасили такмили маҳорати касбӣ дар заминаи муассисаи таълимӣ аст. Ҷараёни ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироӣ дар соҳаи таҳсилот аз низоми маорифи ҳар кишвар тақозо мекунад, ки ба чолишҳои нав ба нави замон аксуламали воқеӣ ва саривақтӣ нишон диҳад. Ин таҷдиди назар роҳу василаҳои баланд бардоштани сатҳи касбияти омӯзгорро ба миён мегузорад. Дастгирии дохилимактабӣ ё худ маҳаллии омӯзгорон яке аз роҳҳоест, ки маводи методии амалӣ сохтани он аз ҷониби мутахассисони Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ таҳия гардидааст. Омӯзгорон бо роҳи ширкат дар дарсҳои ҳамдигар, аз нав эҳё кардани фаъолияти шуроҳои методӣ, ба таври объективона ва мунтазам гузаронидани иттиҳодияҳои методии фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ, давра ба давра ташкил ва баргузор кардани семинарҳои омӯзишӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам метавонанд сатҳи касбияти худро мунтазам баланд бардоранд.

5. <u>Ҳавасмандии донишҷӯён-омӯзгорони оянда ба касби омӯзгорӣ.</u> Масъалаи дастгирии методии омӯзгорон бо ҷараёни тайёр кардани кадрҳои омӯзгорӣ алоқаи ногусастанӣ дорад. Он аз бедор намудани шавқу ҳавас ба касби омӯзгорӣ дар коллеҷу макотиби олии омӯзгорӣ бояд оғоз шавад, зеро муваффақ будани ҳар омӯзгори ҷавон ба сатҳи омодагии ибтидоии ӯ вобаста аст. Аз ин рӯ, бо ҷалби мутахассисон аз чор муассисаи таҳсилоти олии касбии равияи омӯзгоридошта, ки ба тайёр кардани омӯзгорон машғуланд (ДМТ, ДДОТ ба номи С. Айнӣ, ДБЗХТ ба номи С. Улуғзода ва ДСРТ) гурӯҳҳои корӣ таъсис дода шудаанд. Ин гурӯҳҳои корӣ дар самти такмили фаъолияти таҷрибаи педагогии донишҷӯён ва дигар самтҳои баланд бурдани сатҳу сифати омодагии омӯзгорони ҷавон ба фаъолияти педагогӣ корро шуруъ кардаанд.

6. <u>Баланд бардоштани нақши нашрияҳои соҳаи омӯзгорӣ дар дастгирии методии омӯзгорон.</u> Масъалаи муҳимми дигар, ки ба таҷдиди назару такмил ниёз дорад, нақши нашрияҳои соҳаи омӯзгорӣ, махсусан, маҷаллаҳои “Маърифати омӯзгор”, “Маорифи Тоҷикистон” ва “Масъалаҳои

методикаи таълим” дар ин самт аст. Таҳлили муҳтавои маводе, ки дар ин нашрияҳо ба табъ мерасанд, нишонгари он аст, ки ҳадафу вазифаҳои ҳар яке аз онҳо дақиқ нест. Дар ҳамаи ин нашрияҳо мақолаҳои яксони ба истилоҳ, ба методикаи таълим бахшидашуда ба нашр мерасанд. Аввалан, сифати аксари онҳо ба талабот ҷавобгӯ нест. Сониян, беҳтар аст, ки мундариҷа ва муҳтавои маҷаллаи “Масъалаҳои методикаи таълим” тибқи самтҳои алоҳида ба роҳ монда шавад, яъне, мақолаҳо дар шумораҳои алоҳида бо дарназардошти гурӯҳҳои фаннӣ (филология, фанҳои дақиқ, ҷомеашиносӣ ва ғайра) ба табъ расанд. Ин имконияти истифодаи маводи маҷалларо аз ҷониби омӯзгорон беҳтар месозад. Ниҳоят, мавқеи ҳар яки онҳо ва самти фаъолияти онҳо бояд дақиқ муайян шавад.

Ҳамин тариқ, дар шароити кунунии кишвар дастгирии методии ҳамаҷониба ва ҳадафманди омӯзгорон аз муҳимтарин омилҳои баланд бардоштани таҳсилот буда, вазифаи масъулон ва кормандони соҳаи маориф дар ҳамаи сатҳҳо ва зинаҳо мусоидат ба амалӣ шудани ин амри наҷиб аст.

Омӯзиши масъала собит сохт, ки дар самти дастгирии методии омӯзгорон, ки омили муҳимми баланд бардоштани сифати таҳсилот аст, **мушкилу норасоиҳо**и зерин вуҷуд доранд:

1) Мафҳуми “сифати таҳсилот” то ба имрӯз дақиқ муайян карда нашудааст ва ҳар як омӯзгор ва дигар масъулони соҳа ин мафҳумро дар сатҳи фаҳмишу таҷрибаи худ тавсиф мекунанд;

2) Масъалаи муҳимми дигар, мукаммал набудани нишондиҳандаҳо (меъёрҳо)-и муайянкунандаи сифати таҳсилот аст, ки то кунун механизми ба нишондиҳандаҳои сифатӣ баргардонидани нишондиҳандаҳои миқдорӣ мавҷуд нест;

3) Сатҳи таъминот бо маводи таълимию методӣ ва заминаи моддӣ-техникӣ, ки аз омилҳои асосиву таъсиррасони сифати таҳсилот маҳсуб меёбад, дар умум, ба талаботи таҳсилоти муосир ҷавобгӯ набуда, андешидани тадбирҳои мушаххаси амалиро тақозо дорад;

4) Бо маҷмуи маводи таълимӣ (барномаи таълим, нақшаи намунавии тақвимӣ, роҳнамои омӯзгор, стандарти фаннӣ, дастурҳои таълимиву методии таблиғкунандаи технологияи муосиру инноватсионии таълим, маводи иловагии таълим, аз ҷумла, дар шакли электронӣ) ва маводи аёнӣ таъмин набудани омӯзгорон, ки шароити муосири таҳсилот тақозо мекунад;

5) Ба таври объективона ва мунтазам нагузаронидани иттиҳодияҳои методии фаннӣ дар муассисаҳои таълимӣ, давра ба давра ташкил ва баргузор накардани семинарҳои омӯзишӣ, ки метавонанд дар ташаккули сатҳи касбият ва такмили маҳорати касбии омӯзгор ҳаматарафа мусоидат кунанд;

6) Хеле кам мавриди омӯзиш ва таблиғ қарор додани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовару ташаббускор дар сатҳи муассисаи таълимӣ то Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва дар фаъолияти омӯзгорон роҳандозӣ накардани он, аз ҷумла, мавриди омӯзиш қарор надодани таҷриба ва методи таълими ғолибони озмуни “Омӯзгори соли Тоҷикистон”;

7) Ба таври бояду шояд ба роҳ намондани дастгирии дохилимактабии методии омӯзгорон;

8) Бо теъдоди нисбатан кам нашр шудани адабиётӣ методӣ ва дар дастрасии омӯзгорон дар минтақаву маҳалҳо қарор надоштани онҳо ва ғ.

**Пешниҳод:**

1. Ба ниёзҳои воқеии омӯзгор ва талаботи муносибати босалоҳият ҳамоҳанг сохтани сифат ва мазмуну мундариҷаи маводи дар маҷаллаҳои соҳавӣ (“Маърифати омӯзгор”, “Маорифи Тоҷикистон”, “Масъалаҳои методикаи таълим”) нашршаванда ва мушаххас намудани самти фаъолияти онҳо.

2. Баргузор намудани семинари серӯзаи омӯзишӣ барои кормандони раёсатҳои дахлдори Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба татбиқи муносибати босалоҳият ба таълим.

**ТАРБИЯ**



*Санавбар ШАРИФОВА,*
*ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии АТТ*

# ТАРБИЯИ ИҶТИМОӢ ВА МУТОБИҚШАВИИ ИНСОН БА ҲАЁТ



**Мафҳуми иҷтимоъ (иҷтимоӣ)** аз вожаи лотинии (socialis-ҷамъиятӣ) ба маънии ҷамъиятӣ, ки бо ҳаёт ва муносибати одамон дар ҷомеа алоқаманд аст, мебошад. Аз рӯйи моҳияти **худтарбияи иҷтимоӣ-** ин фаъолияти мақсадноки тарбиявие ҳаст, ки ба фаъолияти зиндагии одамон дар ҷомеа сахт вобаста аст. Ба **тарбияи иҷтимоӣ** бояд аз мавқеи ҷомеа (давлат), институтҳои иҷтимоӣ (оила, муассисаҳои таълимӣ, муассиса ва ташкилотҳои иҷтимоӣ) ва омилҳои иҷтимоии худи инсон назар андохт.

Масъалаи **тарбияи иҷтимоӣ** аз мавқеи давлат ва ҷомеа барои ташаккули **шаҳрванд** равона мешавад. Ҳама гуна давлат дар марҳилаҳои мухталифи инкишофи худ тарбияи иҷтимоиро мувофиқи ниёзҳои сиёсии худ ба роҳ мемонад. Дар марҳилаҳои мухталиф ҷараёнҳои фалсафӣ ва педагогие вуҷуд доштаанд, ки файласуфону педагогҳо нуктаи назари худро оид ба тарбияи иҷтимоӣ баён намудаанд. Ин андешаҳо оҳиста-оҳиста ба асосҳои назариявии педагогикаи иҷтимоӣ ворид шуда, инкишофи худро дар аввали асри ХХ ҳамчун назарияи **тарбияи иҷтимоӣ** пайдо кардаанд. Барои равшан гардидани **мазмун ва мундариҷаи тарбияи иҷтимоӣ** чунин муносибатҳоро муҳим мешуморанд:

1. Тарбияи шаҳрванд (гражданин) хоси ҳама гуна ҷомеаҳо буда, **дар зери таъсир ва назорати давлат** ба роҳ монда мешавад. Мазмун ва мудариҷаи ин намуди тарбияро давлат муайян карда, татбиқи онро назорат мекунад. Дар асоси тарбияи шаҳрвандӣ шахсиятҳо бо ҳисси баланди ватандӯстӣ ва мавқеи устувор инкишоф меёбанд.

2. Тарбияи ҷамъиятӣ - тарбияи одам барои ҷомеаи дилхоҳ. Ин намуди тарбияро тарбияи ҷамъиятӣ- давлатӣ низ номидан мумкин аст.

**Давлат (ҷомеа)** муайянкунандаи талабот ба ташаккули шахсияти насли наврас барои ҳалли вазифаҳои иҷтимоии тарбия ба ҳисоб меравад. Аммо тарбиядиҳандаи асил дар он **институтҳои иҷтимоӣ** ва худи **инсон** буда, ҳалли вазифаҳои иҷтимоии ташаккули шахсият ба онҳо вобаста аст. **Институтҳои иҷтимоӣ** ҳалли вазифаҳои тарбияи иҷтимоии умумӣ (давлатӣ) махсус ва махсус ташкилшударо ба уҳда доранд.

Вобаста аз мавқеи институтҳои иҷтимоӣ **тарбияи иҷтимоиро** бо чунин муносибатҳо ба роҳ мемонанд:

- расман вазифадор кардани тарбия (бо талаботи давлатӣ);
- бо шарт ва талаботи иҷтимоӣ;
- тарбияи иҷтимоии махсус (аз рӯйи идеали махсус);
- фаъолияти иҷтимоӣ - тарбиявии муайяншуда.

Ҳар қадаре ки бо роҳу равиши тарбияи иҷтимоӣ шинос гардем, ҳамон андоза равшан мегардад, ки дар ҳолатҳои мухталиф мақсад ва роҳҳои расидан ба он дар тарбияи иҷтимоӣ тағйир меёбад.

Аз ин бармеояд, ки намудҳои мухталифи тарбияи иҷтимоӣ вуҷуд дошта метавонад. Ба тарзи дигар, **тарбияи иҷтимоӣ** маҷмуи роҳҳои фаъолияти тарбияи вобаста ба он ки, кӣ онҳоро муайян мекунад ва кӣ ба иҷро мерасонад, дар худ таҷассум мекунад (нигаред ба нақшаи №1).

**Тарбияи иҷтимоӣ**







Ҳамин тариқ тарбияи иҷтимоӣ аз рӯйи омилҳои ташкилӣ, роҳҳо, мазмун ва натиҷа мутобиқи намуди ташаккули шахсият ҳамчун натиҷаи тарбияи иҷтимоӣ маънидод карда мешавад.

Инкишофи иҷтимоии инсон аз бисёр ҷиҳат ба ҳолатҳои фаъоли худифшокунии ӯ вобаста мебошад. Худифшокунӣ бештар ба он вобаста аст, ки инсон дар ҷомеа ва муҳит то кадом дараҷа **мутобиқ** шудааст ва ё ин ки баръакс. Инсон агар ҳар чи бештар худро дар иҷтимоъ роҳат эҳсос кунад, ҳамон андоза барои худифшосозӣ ва инкишофи иҷтимоӣ тайёр аст.

Мафҳуми **мутобиқшавӣ** аз вожаи лотинии adaptatio – мутобиқшавӣ, мувофиқшавӣ аст. Ва мутобиқшавии организми инсон ва шахсияти ӯ ба шароити муҳит фаҳмида мешавад. **Мутобиқшавӣ** барои ҳимоя ва танзими фаъолияти системаи узвҳои организм ва ташкили фаъолияти руҳии фард ба тағйири шароит дар зиндагӣ равона шудааст. Масъалаҳои мутобиқшавӣ–мувофиқшавии инсонро ба шароит муҳити иҷтимоӣ (муҳити зиндагӣ) илме бо номи педагогикаи иҷтимоӣ меомӯзад.

Мутобиқшавии иҷтимоӣ шароити аз ҳама зарууртарин барои таъмини иҷтимоишавии инсон ба ҳисоб меравад. Ин ба инсон на фақат имконияти худифшосозӣ, ташкили муносибат, фаъолият, фарди фаъоли ҷараёнҳои иҷтимоӣ буданро медиҳад, балки ба воситаи вай мукаммалшавии табиии иҷтимоии худро таъмин месозад.

Мутобқшавӣ шакл ва намудҳои зеринро соҳиб аст:

- Мутобиқшавӣ ҳамчун ҷараён;
- Мутобиқшавӣ-худифшосозӣ;
- Мутобиқшавӣ ҳамчун натиҷа;
- Ҳолатҳои инфиродии инсон ҳангоми мутобиқшавӣ;
- Таҷрибаи мутобиқшавӣ;
- Ҷиддият;
- Ҳолат;
- Худфаъолӣ.




Иҷтимоишавӣ ба ҳамаи ин ҷанбаҳо вобаста аст ва ин алоқамандиҳо метавонанд инсонро дар зиндагӣ муваффақ созанд ва ё баръакс. Ҳолати инсонро ба мутобиқшавӣ дар нақшаи №2 дида

мебароем.

Мутобиқшавӣ барои кӯдак дар шароити мухталиф (оила, кӯдакистон, мактаб) аҳамияти хеле калон дорад. Мутобиқшавӣ дар кӯдакистон ба кӯдак имкон медиҳад, ки худро дар гурӯҳ озод эҳсос намуда, неруҳои нуҳуфтаи (потентсиали) худро ифшо созад. Дар ин ҷода барои кӯдакони мутобиқгардида фаъолияти тарбиявӣ дар гурӯҳ муҳим аст. Дар кӯдакистон ҷараён ва натиҷаи инкишофи иҷтимоии кӯдак аз бисёр ҷиҳат ба барнома ва фаъолияти тарбиявии тарбиядиҳандагон иртибот дорад. Дар муассисаҳои таълимӣ мутобиқшавӣ ба кӯдакону наврасон ва ҷавонон имкон медиҳад, ки ба шароити муассисаҳои таълимӣ мувофиқ гардида, барномаҳои таълимиро вобаста ба имкониятҳои инфиродиашон азхуд намоянд.

**Роҳгумшавӣ** ба мисли мутобиқшавӣ ҳамчун ҷараён, ифшошавии шахсиятӣ ва натиҷа фаҳмида мешавад.

**Роҳгумзанӣ ҳамчун ҷараён** камшавии имкониятҳои мутобиқшавии инсонро дар шароити муҳит ифода мекунад (масалан, дар кӯдакистон, дар синф, дар гурӯҳ).

**Роҳгумшавӣ ҳамчун ифшошавии шахсиятӣ** хусусиятҳои зоҳирии одами номуваффақ аст, ки инъикоси худро бо рафтор, муносибат ва натиҷагириҳои нодуруст аз шароити муҳит пайдо намуда, **ба зиндагӣ дилсард** аст.

**Роҳгумшавӣ ҳамчун натиҷа** шаҳодати баҳои муқоисавии ҳолат ва ифшошавии шахсиятии сифатан нави номувофиқ ба шароити муҳит аст, ки бархурди инсони роҳгум вобаста аз рафтор ва муносибатҳои пешинааш нест.

**Роҳгумии кӯдакон** ва наврасон дар бисёре аз мавридҳо натиҷаҳои нохубро ба бор меорад, аз ҷумла:

- тағйирёбии шахсӣ;
- камшавии инкишофи ҷисмонӣ;
- қатъшавии инкишофи руҳӣ;
- пайдоиши имконияти нодурусти фикрронии мағзӣ;
- нодурустии танзими ҳаракатҳои руҳӣ;
- эҳсоси танҳоӣ;
- нодурустии рафтор бо ҳамсолон.

Бинобар ин, устодону омӯзгоронро зарур аст, ки аз ҳамаи донишҳои иҷтимоӣ бохабар бошанд, ба шогирдон дар ин мавридҳо, ки дар аксар маврид боиси **шикасташавии шахсияти** онҳо мегардад, роҳҳои дуруст ва муфидро истифода кунанд ва дар тарбияи шоистаи онҳо хидмати арзанда намоянд.

## АДАБИЁТ


1. Абрамова, Г. С. Введение в практическую психологию / Г. С Абрамова. - М., 1996.
2. Буянов, М. И. Ребонек из неблагополучной семьи: Записки детского психиатра / М. И. Буянов. - М., 1998.
3. Бобнева, М.И. Социальные нормы и регуляция поведения / М. И. Бобнева. - М., 1978.
4. Беличева, С. А. Основы превентивной психологии / С. А. Беличева. - М., 1993
5. Беличева, С. А. Социально-педагогические методы оценки социального развития дезадабтированных подростков С. А. Беличева // Вестник психосоциальной коррекционно-реабилитационной работы / -1995. - №1.
6. Громова, М. Т. Педагогические основы образования взраслых / М. Т. Громова. - М., 1993.
7. Декларация о социальных и правовых принципах, кашающихся защиты и благополучия детей, особенно при передаче детей на воспитание и их усыновлении нацианальном и международном уровнях // Всемирные федеральние законы об образовании и правах ребенка с комментариями. - Р/н-Д., 2002.
8. Лешан, Э. Когда ваш ребонек сводит вас с ума / Э. Лешан - М., 1990.
9. Ремшмидт Х. Подростковый и юношескии возраст: проблемы становления личности / Х. Ремшмидт. - М., 1994.
10. Социальная дезадабтация детей и подростков: причины, проявления, преодоление. - М. 1995.
11. Школьная - дезадабтация: Эмоционнальные и стресовые расстройства у детей и подростков. - 1995.

**ХУДШИНОСӢ**




***Амиршоҳ ЁРМУҲАММАДОВ,***
***дотсенти кафедраи таърихнигорӣ***
***ва архившиносии факултети таърихи ДМТ***


# ПОЯИ БУНЁДИ ХАЛҚИ ТОҶИК

## БА ИФТИХОРИ 115-СОЛАГИИ АКАДЕМИК БОБОҶОН ҒАФУРОВ




Баъди ғалабаи Инқилоби Кабири сотсиалистии Октябр ҷараёни марксистӣ ва ленинӣ дар илми таърихи Россия ҳанӯз дар охири асри XIX пайдо шуд ва ташаккул ёфт. Ташаккулёбию барқароршавии илми таърихи Шуравӣ дар муҳити мубориза бо бартараф кардани ақидаҳои буржуазӣ ва майдабуржуазӣ мегузашт. Бояд ақидаи марксистии таърих ҳамчун асоси идеявии илми таърихи Шуравӣ қабул мегашт. Ин мубориза дар муҳити ҷанги гражданӣ ва солҳои аввали сиёсати нави иқтисодӣ идома ёфт. Барои Ҳукумати Шуравӣ илми таърих як воситаи тавонои сохтмони ҷамъияти сотсиалистӣ ба ҳисоб мерафт, зеро таърих, пеш аз ҳама, идеология буд.

Илми таърихи Шуравӣ воситаи тавоно ва асоси инкишофи ҳамаи илмҳои ҷомеашиносӣ гашт. Саҳми асосиро дар барқароршавии илми таърихи Шуравӣ дар қатори асосгузори он В. И. Ленин дигар ходимони намоён А. С. Бубнов, В. А. Бистрянский, Д. З. Мануилский, В. П. Милютин, В. И. Невский, М. С. Олминский, М. Н. Покровский, Е. М. Ярославский бозиданд. Онҳо муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таълимӣ ва ҷамъиятҳои таърихнигорони марксистиро роҳбарӣ мекарданд. Бо ташаббус ва роҳбарии бевоситаи онҳо насли аввали таърихнигорони марксистии Ҳукумати Шуравӣ ба камол расиданд.

Барои Ҳукумати Шуравӣ яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа дар соҳаи илми таърих ташкили муассисаҳои таълимӣ ва бо таври қатъӣ дигаргунсозиҳои марказҳои собиқи илмӣ маҳсуб меёбад. Дар Академияи илмҳои Россия таърихнигорони марксист набуданд, аз ин рӯ, барои Ҳукумати Шуравӣ дар он ҷо ташкил кардани маркази илми марксистӣ дар соҳаи фанҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон буд. Аз ин рӯ, (Кумитаи марказии иҷроияи умумироссиягӣ) 25 июни соли 1918 дар бораи ташкили муассисаи нав Академияи сотсиалистии фанҳои ҷамъиятӣ декрет қабул кард. Дар ҳайати Академияи сотсиалистӣ шуъбаи таърихи иҷтимоӣ ба фаъолият оғоз намуд. Аз соли 1924 академия номи Академияи коммунистиро мегирад. Аз соли 1922 маҷаллаи илмии “Вестник Сотсиалистической академии” чоп мешуд. Роҳбарии академияро таърихнигори машҳур М. Н. Покровский ба уҳда дошт.

Хусусияти хоси марҳилаи аввали таърихнигории Шуравӣ дар он буд, ки ба ҷамъ ва кор кардани маводи таърихӣ аъзои Ҳизби Коммунистӣ, намояндагони пешқадами мардум ҷалб карда шудаанд. Бо қарори Ҳукумати Шуравӣ моҳи сентябри соли 1920 дар ҳайати Вазорати маориф Комиссия барои ҷамъ намудани маводҳо доир ба таърихи Инқилоби Октябр ва таърихи Ҳизби коммунистӣ (болшевикон) ташкил карда мешавад. Комиссия номи Истпартро мегирад. Моҳи

декабри соли 1921 Истпарт ҳамчун шуъба ба ҳайати КМ РКП(б) дохил мегардад. Барои кор ба Истпарт ходимони намоёни ҳизби коммунистӣ М. Н. Лядов, Н. Н. Батурин, А. С. Бубнов ҷалб гардидаанд. Раиси Истпарт болшевики маъруф М. С. Олминский буд. Ҳамин тавр, марҳала ба марҳала илми таърихи марксистӣ дар мамлакатҳои Шуравӣ рӯ ба инкишоф ва ташаккул меорад, ки ин омил ба Туркистон ва минбаъд ба Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон бе таъсир намонд...

Дар ин мақола мухтасар дар бораи фаъолияти яке аз муаррихони маъруф, академик Бобоҷон Ғафаров маълумот хоҳем дод, ки шоҳасари ӯро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон “Шиносномаи миллат” номидаанд.

Фаъолияти илмӣ-эҷодии Бобоҷон Ғафуров дар заминаи хушку холӣ ба вуҷуд наомадааст. Мактаби таърихнигории халқи тоҷик таърихи қадима дошта, асарҳои арзишманди таърихӣ офарида шудааст, ки дар инкишофи таърихи ҷаҳонӣ саҳми бориз гузоштаанд, аз ҷумла, китобҳои “Таърихи Табарӣ”, “Таърихи Бухоро”, “Таърихи Масъудӣ”, “Ҷомеъ-ут-таворих”, “Равзат-ус-сафо” ва ғайра.

Вақте ки дар бораи фаъолияти академик Бобоҷон Ғафуров сухан мегӯем, бевосита, таърихнигории Шуравӣ дар пеши назар ҷилвагар мешавад. Зеро ӯ дастпарвари мактаби таърихнигории марксистӣ ва ё Шуравӣ буд. Тамоми умри худро алома Бобоҷон Ғафуров сарфи мактаби илмии таърихи марксистӣ кардааст. Ақидаи марксистӣ дар илми таърих ба Бобоҷон Ғафуров имкон дод, ки мушкилоти мураккаби таърихиро хело сода ҳаллу фасл кунад. Дар таърихнигории муосири тоҷик нахустин асарҳои таърихӣ ба қалами Устод Садриддин Айнӣ тааллуқ доранд, аз ҷумла, “Таърихи инқилоби Бухоро”, “Таърихи амирони манғитияи Бухоро” ва минбаъд низ силсилаи чунин асар ва мақолаҳоро идома додааст.

Дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ талабот ба асарҳои ватандӯстона хело зиёд шуд. Устод Садриддин Айнӣ асарҳои “Шӯриши Муқанаъ,” “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик” ва академик Бобоҷон Ғафуров “Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ истиқлолияти Ватан”-ро нашр карданд.

Бузургтарин шоҳкории академик Бобоҷон Ғафуров ин асари “Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асри миёна ва давраи нав”. – Душанбе: Нашриёти муосир, 2020, 976 с. мебошад (минбаъд “Тоҷикон” Ё.А.) мебошад. Асари мазкур соли 1972 дар нашриёти “Наука”-и шаҳри Москва ба забони русӣ чоп шуд. Дар ибтидо асари мазкур қариб ба ҳамаи забонҳои машҳури дунё нашр гардида, баъди солиёни зиёд ба забони тоҷикӣ аз чоп баромад. Бояд қайд кард, ки бо нашр шудани нусхаи асл соли 1972 нотавонбинон ба асари “Тоҷикон” ҳамла карданд, дар маҷаллаҳо онро асари буржуазӣ эълон намуданд, ҳол он ки ба таърихнигори одӣ маълум аст, ки вай аз нуқтаи таърихнигории марксистӣ таълиф шудааст. Академик Бобоҷон Ғафуров офаридаи хешро бо далелҳои эътимоднок ҳимоя кард.

Чунон ки қайд кардем, “Тоҷикон” аз нуқтаи назари ақидаи марксистӣ навишта шудааст, зеро дигар методология барои муаллиф бегона ва қобили қабул набуд. Ҳоло ҳам таърихнигории муосири тоҷик дар асоси методологияи марксистӣ фаъолият дорад. Боби аввали китоб бо номи “Сохти ҷамъияти ибтидоӣ ва заволи он дар сарзамини Осиёи Миёна” оғоз меёбад. Дар боби мазкур ба сохти қабилавӣ, мезолит ва неолит, асри бринҷӣ диққати махсус дода шудааст. Боби минбаъдаи асар “Тоифаҳои Шарқи Эронӣ дар оғози пайдоиши ҷамъияти синфӣ” ном дошта, умуман, синф ва муборизаи синфӣ ин эҷоди марксистии таърих мебошад, зеро таърихнигорони марксист таърихро фақат дар муборизаи синфӣ мебинанд. Синфро асоси ҷамъият медонанд, муборизаи синфиро қувваи пешбарандаи ҳамаи марҳилаҳои таърих эътироф мекунанд.

Боби дигари китоби “Тоҷикон” “Аҷдодони тоҷикон дар давраи тараққиёти сохти Ғуломдорӣ” ном дорад. Дар ин боб оид ба давлати Ҳахоманишҳо ва давлатҳои қадимаи Суғд, Хоразм ва Бохтар маълумот пешниҳод гардидааст. Боби дигари асар ба рафти муборизаи халқҳои

Осиёи Миёна ба муқобили истилогарони юнону мақдунӣ иртибот мегирад. Боби мукаммали асар ба давраи Кӯшониён бахшида шудааст, ки хеле диққатҷалбкунанда мебошад. Зеро дар ин боб доир ба вазъи иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрҳо ва маҳаллаҳо маълумоти дақиқ дода шудааст. Аз нуқтаи назари муаллиф, фарҳанг ва дин, дар марҳалаи мазкур дур намондааст. Дар боби панҷум муаллиф таърихнигорӣ (историографияи) форматсияҳои иқтисодии ғуломдориро таҳқиқ кардааст.

Ҳамчунин дар китоб доир ба пайдоиши муносибатҳои феодалӣ дар Осиёи Миёна, давлатҳои Сосониён, Кидориён, Хиёниён, Ҳайтолиён раванди ташаккули халқи тоҷик ва тарзи давлатдорӣ маълумоти муфассал ироа гардидааст. Дар боби “Тоҷикон охирҳои асри миёна ва давраи нав” бошад, воқеаҳои таърихӣ то ғалабаи Инқилоби февралӣ ва барҳам хурдани мутлақияти Россия бозгӯ шудааст. Асар дар асоси сарчашмаҳои муътамад таълиф гардида, дар баланд бардоштани худшиносиву худогоҳии мардуми тоҷик ва мустаҳкам кардани Истиқлоли давлатӣ хидмати босазо мекунад.

Дар пешгуфтори китоби “Тоҷикон” Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бамаврид таъкид кардаанд: “Маҳз осори академик Бобоҷон Ғафуров пояи бунёди халқи тоҷикро ташкил дод. Аз ин рӯ, корҳои нави илмӣ идомаи иқдомҳои неку шоистаи ин муаррихи барҷаста мебошанд, ки ба муаррифии халқи тоҷик ва таърихи пурифтихори он мусоидат мекунад. Дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ мо бояд ба иштибоху хатоҳое, ки дар таърихи миллатамон борҳо иттифоқ афтодаанд, роҳ надиҳем ва ба оянда хеш назари нек дошта бошем, боз ҳам муттаҳид гардем.”

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

## ТАЪСИСИ АВВАЛИН ДОНИШГОҲ ДАР АСОСИ МОДЕЛИ STEM ДАР РОССИЯ

Дар Федератсияи Россия аввалин донишгоҳи хусусӣ дар асоси модели STEM (Science, Technology, Engineering, Mathematics), ки илм, технология, муҳандисӣ ва математикаро барои эҷоди равиши ҳамаҷониба ба омӯзиш муттаҳид мекунад, мавриди истифода қарор гирифт. Таълими STEM дар миқёси ҷаҳонӣ падидаи нав нест. Ин навоварӣ дар ибтидои асри XXI дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико пайдо шуда, васеъ паҳн гардидааст. Он ба эҷоди робитаҳои устувори мантиқии байни фанҳои гуногуни таълимӣ асос ёфтааст, ки шахс метавонад донишу ҷаҳонбинии худро васеъ намояд ва робитаҳои мутақобиларо фароҳам орад. Дар асоси он, масалан, барои муҳандиси хуб шудан набояд ба барномаву мавзуъҳои ҳамон ихтисос иктифо намуд, балки дар бисёр соҳаҳо донишу малакаро такмил бахшид.

**ЗАБОНШИНОСӢ**

***Садриддин АЙНӢ***

# ЗАБОНИ ТОҶИКӢ



Имрӯзҳо дар бораи чӣ будани забони тоҷикӣ мунозира ва гуфту гузор меравад. Азбаски бештарини ин мунозираҳо дар матбуоти русӣ ва бо забони русӣ гузориш ёфта истодааст, мо нависандагони тоҷик, ки забони худро ба зӯр медонем, - чи ҷои забони русӣ – аз руҳи ин мунозираҳо ва аз чӣ будани фикри ҳар кадом мунозиракунандагон бехабарем. Бинобар ин ҳар чизе ки ман дар ин бобат дар ин мақола менависам, танҳо иборат аз баён кардани фикри худам буда, нисбат ба фикри рафиқоне, ки дар матбуоти русӣ қаламронӣ кардаанд ва мекунанд, чӣ будани назарамро то фаҳмидани муддаои онҳо мавқуф мемонам.

Аз рӯи шунидам, дар болои хостани забон дар адабиёти нави навиштаи тоҷик ду фикри асосӣ меравад: яке қабул кардани забони умумии форсӣ, ки аз он ҳамаи форсизабонони ҷаҳон фоида бурда тавонанд, дигаре забони содаи авоми тоҷик.

Касоне, ки тарафдори фикри авваланд, мегӯянд: адабиёт ва матбуоти тоҷикӣ корандаи тухми инқилоб дар шарқи форс аст. Агар мо забони адабиёти нави тоҷикро ба забони содаи тоҷикӣ баста монем, вазифаи байналмилалии худро адо карда наметавонем.

Касоне, ки фикри дуввумиро пеш меронанд, мегӯянд: вазифаи аввалини мо равшан кардани фикри авоми тоҷик, паҳн кардани илм ва дониши шуроӣ дар байни оммаи тоҷик ва оммагӣ кардани инқилоби маданӣ дар байни тоҷикон аст. Агар мо байналмилалӣ мекунем гуфта, забони адабиёти тоҷикро аз доираи тоҷикон берун барорем, қисми авоми тоҷик аз ғизои дониш маҳрум мемонад.

Худи ман аз тарафдорони фикри дуввумӣ ҳастам, зеро “аввал хеш дуввум дарвеш” аз масалҳои машҳури тоҷикӣ аст. Меҳнаткашони тоҷик бо роҳбарии фирқаи коммунистӣ ҷумҳурияти худро ташкил доданд, тоҷикони Ӯзбекистон дар сояи сиёсати миллии фирқаи коммунистӣ мактаб ва муомилаҳои расмии худро ба забони худ гардонданд. Агар мо дар навбати аввал худи тоҷикони Тоҷикистон ва Ӯзбекистонро дар назар нагирифта, ба доно кардани оммаи форсизабонони беруна кӯшиш кунем, монанди он кас мешавем, ки аҳли хонаводаи худро гушна гузошта, ба гушнагони беруна садақа медиҳад.

Агар мо роҳи кор фармудани забони авоми тоҷикиро ёбем, меҳнаткашони форсизабони беруна ҳам тамоман маҳрум нахоҳанд монд. Агар мо парчаҳои адабӣ ва сиёсиро бояду шояд тасвир карда тавонем, агар мазмуни чизҳои чопкардаи мо мувофиқи завқу ҳаваси меҳнаткашон баромада барои онҳо ғизоҳои хушҳазм шуда тавонад, бегонагии баъзе луғатҳо ва таъбирҳо аз хондан ва фаҳмидан монеъ намешавад. Ҳарчи қадар ки мо хусусияти тоҷикиро дар навиштаҳои худ риоя кунем, боз ҳам забони чопаи мо аз забони, масалан, матбуоти Эрон, ки 80 – 90 фоизаш арабӣ аст, ба форсизабонон наздиктар хоҳад монд. Масалан, мо калимаи “хест”- ро, ки ба форсизабонони беруна бегона аст, бинависем, азбаски моддаи аслии “хез” ва “бархостан” дар миён аст, аз калимаи “қиём кард” ба оммаи форсизабонон наздиктар мебошад.

Дар ин роҳ мазмуни навишатаҳо роли калон бозӣ мекунад: мазлумон ва меҳнаткашони Шарқ аз риёкорӣ, аз муболиғаҳои бемаънӣ, аз хаёлоти хушк, аз мавҳумотфурӯшии мулло ва эшонон ба

ҷон омадаанд. Акнун ба онҳо ба куҷо будани манфиати моддӣ ва роҳи халосии онҳоро нишон додан даркор аст, аз муболиға ва хаёлоти шарқӣ дар гузашта ҳар чизеро монанди будаш намоён кардан зарур аст. Ин вазифаро танҳо матбуоти шуроӣ, адабиёти сиёсии коммунистӣ ва тасвири муборизаҳои синфӣ адо карда метавонад. Агар матбуоти тоҷикӣ ҳақиқатан матбуоти фирқа ва шуро шуда тавонад, худи ҳамин сифаташ ба кашидани рағбати меҳнаткашони беруна ба тарафи худаш кафил мешавад.

Аммо гап дар ин ҷост, ки забони авоми тоҷик чист ва кадом аст? Агар мо забони авоми як доира ё як маҳалро дар назар гирифта чизе нависем, ба лаҳҷаи авоми ҷойҳои дигар баробар меояд ё не?

Дар пурсиши дуввум “не” гуфта ҷавоб додан рост меояд, зеро агар мо авоми Бухороро дар назар гирифта, масалан, *“ҳамту”* нависем, ин ба лаҳҷаи канори Омуяи Тоҷикистон ва инчунин бо лаҳҷаи кӯҳистони даруни Тоҷикистон мувофиқ намеояд. Зеро аввалӣ *“Ҳамин тур, ҳамин ҷур”*, дуйумӣ *“ҳамин та”* мегӯяд. Дар Бухоро ва Самарқанд *“харбузая буред!”* мегӯянд, аммо дар кӯҳистон *“харбузаро буред!”* мегӯянд. Дар Бухоро *“чиба”*, дар Самарқанд *“чива”* мегӯянд ва монанди инҳо...

Бинобар ин мо маҷбур мешавем, ки дар пурсиши аввал: *“забони авоми тоҷик забонест, ки вайро оммаи тоҷик фаҳмад, дар ҷумлабандӣ, дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо, дар зарбулмасалҳо ва дар дигар бобатҳо хусусият ва руҳи забони тоҷик риоя карда шуда бошад”* гуфта ҷавоб диҳем.

Дар ин сурат агар лаҳҷаеро риоя карда чизе навишта шавад, агарчи ин лаҳҷа ба лаҳҷаҳои дигар ҷойҳо баробар наояд ҳам, дар фаҳмиданаш бисёр душворӣ пеш намеояд. Танҳо ба як шарт: *ба шарте ки дар хуш карда гирифтани лаҳҷа саҳв нашавад*.

Акнун ба мисолҳои дар боло нишон додашуда баргардем: агар мо ба ҷои *“ҳамин та, ҳамин ту – ҳамин ҷур”, “ҳамин тур”* нависем, омма дар фаҳмиданаш он қадар душворӣ намекашад. Дар Бухоро *“чиба”*, дар Самарқанд *“чива”* мегуфтаанд (дар кӯҳистон намедонам чӣ мегӯянд). Агар мо *“барои чӣ – аз барои чӣ”* ё ин ки дар мавриди муносиб *“чаро”* нависем, ман гумон мекунам, ки омма ба фаҳмиданаш душворӣ намекашад.

Азбаски *“харбузая – харбузара”* ҳар ду аз *“харбузаро”* вайрон шудаанд, агар мо *“харбузаро буред!”* нависем, ҳеҷ чиз бой намедиҳем.

Лекин масъалаи хуш карда гирифтани лаҳҷа ва қабул карда гирифтани лаҳҷаҳои умумитар як масъалаест, ки ба андак - мундак кӯшиш ҳал намешавад. Нависандагони маҳаллӣ, ки дар гирди нашриёти тоҷик ғун шудаанд, донотарини инҳо танҳо лаҳҷаи Хуҷандро медонанд. Ва ҳол он ки ин масъла ба ин қадарҳо кушода намешаванд. Барои оммафаҳм кардани забони адабиёти тоҷик тафтиш кардан ва донистани лаҳҷаҳои кӯҳистон низ зарур аст, ки ба ин вазифа то ҳол даст расонда нашудааст.

Инро ҳам азёд набаровардан даркор аст, ки барои ба кор андохтани забони авомфаҳми тоҷик лаҳҷаи ҷоеро асос карда гирифтан лозим аст, лекин ба шарти пурра кардан ва дуруст кардани он бо лаҳҷаҳои ҷойҳои дигар. Масалан, агар мо гӯем, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, маънии ин он нест, ки сад фоиз бо риояи лаҳҷаи Бухоро менависем. Балки мақсад он аст, ки лаҳҷаи Бухороро асос карда мегирем, ҷойҳои дигарро тафтиш мекунем, ҳар қадаре ки аз ҷойҳои дигар чизҳои муносиб ёбем, ба ин ҳамроҳ мекунем ва чизҳои нобоби лаҳҷаи Бухороро бароварда мепартоем.

Нашриёти тоҷикӣ аз ҷиҳати забон вазифаи худро адо кард ё не? Ба ин пурсиш “не!” гуфта ҷавоб додан рост меояд. Ман бо ин ҷавоби худ айбдор кардани коркунони Нашриётро намехоҳам, балки мақсади ман он аст, ки ба Нашриёти тоҷикӣ адо кардани вазифа шароит ёрӣ ва ғунҷоиш надод.

Қисми калони чизҳое, ки нашриёт дар дусола айёми зиндагонии худ чоп кард, китобҳои фаннӣ ва сиёсӣ аст. Ин ҳам маълум аст, ки ҳама ин гуна китобҳо аз забони русӣ тарҷима мешаванд. Ин ҳам пӯшида нест, ки аз нависандагони маҳаллӣ касоне, ки китобҳои фаннӣ ва сиёсиро тарҷима карда тавонанд, каманд, ночор бештарини китобҳо аз тарафи рафиқони эронӣ тарҷима шуданд. Ин ҳам ҷои инкор нест, ки қуввати тарҷимонии ҳамаи рафиқони эронӣ низ баробар ва аз ҳар ҷиҳат мукаммал нест. Вакте ки як китоб аз тарафи як рафиқ тарҷима шуда ба идораи Нашриёт меояд, масъалаи сода кардани забон ба як сӯ монда, вазифаи ба русӣ мувофиқ

кардани он ба пешатон меистад. Агар ба болои ин душвориҳои истилоҳҳои фаннӣ ва истилоҳҳои сиёсӣ, ки ба онҳо авоми тоҷик шиносо нест, зам мешавад, мебинед, ки душворӣ ба чӣ дараҷа мерасад. Азбаски забони тоҷики ҳанӯз дуруст тафтиш нашудааст, мо маҷбурем, ки бештарини истилоҳҳоро аз арабӣ ба русӣ гирем. (Дар бораи истилоҳҳо фикри худро як вақти дигар менависем). Дар ин ҳол як авоми нимсаводи тоҷик ё як муаллими камқуввати тоҷик ин гуна китобҳоро чӣ гуна фаҳмида метавонад?

Алифбо, китобҳои қироатӣ ва баъзе ҳикояҳо, ки дар соли охирӣ чоп шуд, агар Бухоро, Самарқанд ва умуман тоҷикони Ӯзбекистонро дар назар гирем, гуфта мешавад, ки бад нестанд. Аммо тоҷикони кӯҳистон инҳоро мефаҳманд ё не? Ин ҷои суол аст.

Мо дар боло гуфтем, ки дар ташбеҳҳо, дар киноя ва истиораҳо руҳ ва хусусияти забони тоҷик риоя карда шавад. Албатта ташбеҳҳо, киноя ва истиораҳое, ки дар байни оммаи тоҷик кор фармуда мешавад, гуногун аст, яъне инҳо дар ҳар ҷой ва маҳал дигаранд. Ба воситаи ҷамъ ва нашр кардани адабиёти халқ он чизҳоеро, ки хусусияти маҳаллӣ доранд, оммавӣ кардан даркор аст.

Аммо баъзе чизҳои хурди назарногир ҳаст, ки дар назари нависанда наменамоянд ё бисёр хурд менамояд ва ёд гирифтани онҳо ҳам он қадар мушкил нест, аз имрӯз сар карда татбиқ кардани онҳоро зарур медонам; боре яке аз рафиқон дар сифати хонае, ки дар рӯ ба рӯи офтоб андохта шудааст *“офтобгир”* навишта буд. Ва ҳоло он ки тоҷикон *“офтобрӯя”* мегӯянд. Ин ҳақиқати бисёр хурд аст, лекин тоҷик намефаҳмад ва дар нафаҳмидан ҳақ ҳам доранд. Зеро то ҳол аз модараш дар ин мавриди *“офтобрӯя”* шунидааст. Дар ҳақиқат ҳам хона офтобро намегирад, балки рӯ ба рӯи офтоб афтодааст.

Ман барои монанди ин чизҳо, ки ба сабаби дуруст кор нафармуданашон забон ва руҳи тоҷик дур мешвад, чанд мисол аз “Раҳбари дониш” меорам:

Дар шумораи 8-9 “Раҳбари дониш” (моҳи август- сентябр) мақолаи “Афғонистони нав”-ро хонед. Ин мақола хеле пуропур ва мукаммал аст. Лекин аз нуқтаи назари тоҷикӣ ба сода кардан муҳтоҷ аст. Ман аз ибора ва ҷумлаҳое, ки сода кардани онҳо лозим аст ва мумкин аст, чашм мепӯшам; танҳо баъзе чизҳои ҷузъиро, ки ба назари нависандагон хурд менамояд, нишон дода дар болои онҳо гап мезанам.

Дар як ҷои ин мақола гуфта шудааст: *“Касе, ки якум мартаба чодарро аз рӯи зани худ партофт, ин кас шахси подшоҳ буд”*. Ман дар ин ҷумла аз зиёд будани *“ин кас”* ва аз *“фаранҷӣ”* будани *“чодар”*- гап намезанам, лекин ҳамин қадар мегӯям, ки тоҷикон *“фалон кас аз рӯи зани худ фаранҷиро партофт”* намегӯянд, балки *“гирифт”* мегӯянд, аммо “*фалон зан фаранҷиро партофт”* мегӯянд.

Боз: “Дар аввалин назар чунин вонамуд мешавад, ки...” Тоҷикон мегӯянд: *“Дар назари аввал чунин менамояд, ки...”*

Боз: *“Агарчи ҳам вай подшоҳ бошад, ин чизҳо номумкин аст”*.

Тоҷикон: *“Агарчи вай подшоҳ бошад ҳам, ин чиз мумкин нест”*.

Боз: *“Акобирҳои қабилагӣ”, “акобирҳо”*-ро *“калонон”* кардан дар вақти сода кардани забон мешавад, ҳозир сухан дар болои як чизи хурдтарак *“гӣ”*-и *“қабилагӣ”* аст. Маълум аст, ки дар тоҷикӣ *“гӣ”* бисёр кор фармуда мешавад, лекин дар мавридаш. Агар ба ҷои *“акобирҳо”*, масалан, *“одатҳо”* мебуд ва *“одатҳои қабилагӣ”* мегуфтем, *“гӣ”* ба ҷои худ меафтод ва нисбатро адо мекард. Аммо ҳоло *“калонони қабила”* кифоя мекунад. Ба *“гӣ”* ҳеҷ эҳтиёҷ нест.

Боз: *“Аҳоли подачарон”*, ин таъбир ба тоҷикон бисёр аҷиб менамояд. *“Пода”* гуфта тоҷикон галаи моли сиёҳеро мегӯянд, ки аз сари ҳар хона як ё дусарӣ ғун мешаванд ва ин галаро касе бурда мечаронад, аз рӯи одат пагоҳӣ ба чаро мебарад, бегоҳӣ ба соҳибонаш месупорад ва аз онҳо моҳона ё солона музде мегирад.

Ин касро *подабон* ё *подачӣ* мегӯянд (на *“подачарон”*). Аммо онҳоеро, ки касбашон молдорӣ аст *“чорводор”* меноманд ва чаронандаи ин гуна рамаро “чӯпон” мегӯянд. Бояд мақсади соҳиби мақола дар ин ҷо чорводор бошад.

Боз: *“Ҳама навъ ҳамроҳӣ ва ёрмандӣ медиҳад”*. Мардуми тоҷик *ҳамроҳӣ намедиҳанд, балки ҳамроҳӣ мекунанд*. Бинобар ин дар ин мавриди *“ҳари гуна ҳамроҳӣ мекунад ва ёрмандӣ медиҳад”* мегӯянд.

Чунончи дар боло гуфта шуд, ин чизҳо чизҳои бисёр хурди назарногиранд, бо вуҷуди ин ба сабаби бепарвоӣ кардан дар монанди ин чизҳо хусусияти зебони тоҷик барбод меравад. Аммо барои ин ки ҳеҷ набошад тоҷикони Бухоро, Самарқанд, Фарғона аз ин гуна мақолаҳо фоида бурда хонанд, аз сари нав таҳрир кардан ва он иборатҳои арабиро, ки тамомкардагони мадрасаҳои Бухоро ҳам намефаҳманд, баровардан ва ба ҷои онҳо луғатҳои сода ёфта мондан ва ҷумлаҳоро ба тартиби тоҷикӣ бастан даркор аст.

Дар омади гап ҳаминро гуфтан даркор аст, ки ҳар кадоми мо мегӯем: мо тарафдорони забони содаи тоҷикӣ ҳастем. Барои ин ки гуфтори худро дар кирдор нишон диҳем, бояд аз забони содаи хушкарди худ мо намунаҳо ба майдон барорем. Агар ин кор дар Нашриёт, ки дар як сол қариб панҷсад ҷузъ чоп мекунад, мумкин набошад, “Раҳбари дониш”- ро, ки моҳе як нусха мебарояд, бо он забони сода барорем.

Ман бо забони хушкарди худам як чанд сатр менависам, то ин ки ба муддаои худ мисол нишон дода бошам:

“Ашӯр деҳқони миёнаҳол буд, як дар хона, як гови корӣ, як модагов, хар ва ҳашт таноб замин дошт.

Ашӯр бо Аҳмад, ки гови кории ӯ ҳам тоқа буд, ҳамюғ шуданд, ҳар кадоми инҳо дар замини худ шаб дар миён ба навбат говронӣ мекарданд.

Ашӯр марди коркун боғайрат буд. Шабе, ки навбати говронӣ ба худаш мерасид, сари шом гови Аҳмадро оварда дар таҳти соботи худ мебаст, ба говон ба сериву пурӣ хӯрок медод, худаш ҳам бо об ва ёвғоне, ки дошт, шикамашро сер карда зуд мехобид. Дар аввали ҷеғ задани хурӯс аз хоб мехест, ҷуфти говро мебаст, омоч, поза (говоҳан) ва дандонаро гирифта ба сари замин мерафт. Ним таноб заминро сераҳа карда сурма барин маин меронд, пеш аз сар задани офтоб дандона ва мола мекард, ки нами замин намепарид.

Албатта шаб дар миён бедорхоб шудан ва шабкорӣ кардан душвор буд. Лекин чора чист: бе ин рӯзгорашро гузаронда наметавонист”.

Вақте ки дар деҳа (қишлоқ) ширкат пайдо шуд, кори Ашӯр сабуктар ва пурфоидатар гардид. Ашӯр, Аҳмад ва дигар чанд нафар деҳқонони миёнаҳолу камбағал камакак – камакак пул дода ба он ширкат шарик шуданд. Ширкат барои онҳо трактор (омочи машинӣ) харида овард. Бо трактор дар як рӯз ҳафт – ҳашт таноб заминро чапаву роста кардан мункин буд. Трактор заминро ба омоч дида чуқуртар мегардонд ва бехҳои алафҳои бегонаро решаков карда мебаровард, бинобар ин замин покизатар ва ҳосилхезтар мешуд”.

Чунончи хонандагон мебинанд, қисми аввали ин порча тамоман сода аст, аммо дар қисми дуввум монанди “ширкат” ва “трактор” калимаҳои бегона дармондааст. Ин ба мо ҳаминро нишон медиҳад, ки дар тасвири зиндагонии имрӯза ва дар ташвиқ ба зиндагии нав аз кор фармондани баъзе луғатҳои душвор ва бегона гузир нест. Лекин ин он қадар зарарнок нест, ҳама гап дар болои сода ва тоҷикӣ кардани замини таҳрир аст. Баъзе луғатҳои душвор ва бегона, ки бо маҷбур кардани зиндагонии нав медарояд, муҳим нест, модом ки онҳо бо зиндагонӣ даромадаанд, ду рӯз пеш ё пас фаҳмида мешаванд.

Дар бораи сарфу нахв, дар бораи ҷумлабандӣ ва дар бораи имло дар оянда хоҳам навишт. Ҳозир ҳамин қадарашро мегӯям, ки душвортарин масъалаи мо масъалаи имло аст. Пештар дар замони ҳукмронии алифбои араб чунон ки нависанда ба кайфи худ менавишт, инчунин хонанда ҳам ба кайфи худ мехонд, тоҷике, ки *“хувоҷа”* навишта *“хоҷа”* ё *“хӯҷа”* мехонд, *“худам”* навишта *“хидум”* хонданаш аҷиб наменамуд. Акнун ки мо алифбои нави ба асоси лотиниро қабул кардаем, ин худсариҳоро роҳ нест. Душворӣ дар ин ҷост, ки дар Бухоро, Самарқанд ва Фарғона, масалан, *“худам”* мегӯянд, бинобар ин *“худам”* навиштан даркор аст, аммо дар бисёр ҷойҳои кӯҳистон *“хидум”* мегӯянд, ба риояи онҳо бояд *“хидум”* навишта шавад, дар ин сурат бухориён, самарқандӣ ва фарғонагиён намефаҳманд. Дар Бухоро, Самарқанд ва Фарғона *“нигоҳ”* мегӯянд. Аммо дар Фалғар *“нагоҳ”* мегӯянд. Мо дар имло кадоми инҳоро риоя мекунем. Ё бояд ҳаққи якеро қурбон кунем ё барои ҳар як ҷой як китоби ҷудогона чоп кунем. Ин аст душвортарин масъалаҳо, ки ҳалли ин аз ҳама вазифаҳо пештар меистад.

***“Раҳбари дониш”, № 11 – 12 соли 1928***

## БА ЁРИИ ОМӮЗГОРОНИ ҶАВОН

***Бегмуҳаммад ШОДИЕВ,***
***омӯзгори математикаи литсейи №3***
***барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе,***
***Раъно САЙДУЛЛАЕВА,***
***омӯзгори математикаи мактаби байналмилалии шаҳри Душанбе***

# КОНСПЕКТИ ДАРСИ ЯКСОАТА



Барои ҳамаи омӯзгорон вобаста ба навишти конспекти дарси яксоата тавсияҳои ягона додан аз имкон берун аст, чунки омӯзгорон ҳар як тавсияро ба дараҷаи саводнокии фаннӣ ва фаҳмиши худ истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, зарур шуморидем, ки яке аз роҳҳои ҳалли ин масъаларо ба омӯзгорони ҷавон дар мавзуи «Хосиятҳои зарб», ки дар курси арифметикаи синфи 5 омӯзонида мешавад, тавсия намоем.

а) муқоисаи китобҳои дарсии гуногун доир ба ин мавзуъ ва қабул кардани фарқиятҳои мусбати замонавии онҳо;

б) тартиб додани мисолу масъалаҳои ба таълими мавзуи мазкур тааллуқдошта;

в) саволу масъалаҳоро тартиб дода, аз нигоҳи ҳар як адабиёти мавҷуда ҷавоб пайдо карда, хулосаи зарурӣ баровардан ва конспекти дарси яксоата тартиб додан.

Чунин бандҳоро барои ҳама дарсҳо тайёр кардан ба мақсад мувофиқ буда, пайдарпайии мантиқии мавзуъҳои барномаи таълимӣ ва алоқамандии мавзуъҳои гузашта, бо баёни мавзуи нав мустаҳкамкунии дарс барқарор карда мешавад. Дар нақша – конспекти дарси яксоата масъалаҳоеро дохил кардан зарур аст, ки дар ҳақиқат, бозгӯйи мазмуни асосии дарс бошанд.

Яке аз воситаҳои асосии дарс лаҳзаи пурсиш ва санҷиши супориши хонагӣ буда, барои самаранок гузаронидани он тайёрии ҳаматарафаи омӯзгор аҳамияти калон дорад. Вазифаи хонагӣ аз он иборат бояд бошад, ки ғайр аз донишҳои назариявии хонандагон донишҳои амалии онҳоро низ дар бар гирад. Ҳангоми ба дарс тайёрӣ дидан доир ба пурсиши мавзуи омӯхташуда, савол ва мисолҳое тартиб додан зарур аст, ки онҳо ба омӯхтани мавзуъҳои минбаъда муҳиммият доштa, барои дониши мустаҳкаму устувори хонанда равона карда шаванд.

Муаллим бояд пеш аз навиштани нақша - конспекти дарсии яксоата таҳлил карда, ба ду гурӯҳ ҷудо кунад:

а) мафҳумҳо ва маълумоте, ки ба хонандагон маълуманд;

б) мафҳумҳое, ки хонандагон бори аввал онҳоро мефаҳманд.

Супориши хонагӣ барои самараи сифати таълими математика аҳаммияти калон дорад. Яке аз масъалаҳои асосии методикаи таълими математика такмили тарз ва усулҳои супориши хонагӣ буда, тайёрии ҳаматарафаи омӯзгорро талаб мекунад.

Дараҷаи саводнакии хонандагонро ба инобат гирифта, супориши хонагиро дар ду намуд пешниҳод кардан мумкин аст:

а) супоришҳои умумӣ;

б) супоришҳои индивидуалӣ (дар варақаҳои алоҳида).

Дар равиши дарс мисолҳои муаммодор ва шавқоварро ба хонандагон ҳамчун машқи фикрӣ додан мумкин аст. Аз тахтаи электронӣ ва магнитӣ барои пешниҳод кардани ҷадвалҳои формулаҳои зарурӣ, хосият ва теоремаҳои истифодашаванда, ҷустуҷӯи ҷавобҳо ва матни пурраи нақша конспекти дарси яксоата истифода бурдан мумкин аст.

Инак ҷунин намунаи конспекти дарси яксоатаро дар заминаи низоми таълими босалоҳият дар синфи 5 барои омӯзгорони ҷавон пешниҳод мекунем.

**Саволи калидӣ:**
Ҳангоми зарб задани адад ба ҳосили ҷамъ, агар адад ба ҳар як ҷамъшаванда зарб зада, сипас натиҷа ҷамъ карда шавад ё адад ба натиҷаи ҳосили ҷамъ зарб шавад, бо ҳосили зарб чӣ мешавад?

Корхона бояд ба 12 коргари худ барои кори анҷомдодаашон 180 сомонигӣ пардохт кунад.

Шумо мудир ҳастед. Аз ин хотир, бояд ба бонк рафта, пули ҲАМАИ кормандонро гиред. Бонк тамоми пулҳои худро дар баста нигоҳ медорад. Онҳо ба шумо мегӯянд, ки метавонанд маблағи умумиро дар бастаҳои 10 сомонӣ, 20 сомонӣ, 50 сомонӣ ва 100 сомонӣ диҳанд. Ягона шарт ин аст, ки ҳамаи бастаҳо бояд миқдори якхелаи пулро дошта бошанд.

Барои гирифтани маблағи умумии лозима дар бораи ҳосили ҷамъи пулҳои ҳар як баста, ки бонк бояд диҳад, фикр кунед.



## Биёед, тадқиқ кунем



Оё мумкин аст, ки бонк ба шумо миқдори баробари 10 сомонӣ, 20 сомонӣ, 50 сомонӣ ва 100 сомонӣ барои тамоми маблағ диҳад? Дар ҳар як баста чанд дона пули якхела бояд бошад?

Фикрҳои худро нависед ё тасвир кунед. ____________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________

______________________________________________________________________



## Биёед, мушоҳида кунем



Биёед, импрӯз бо истифода аз маводи амалӣ мушоҳида кунем. Биёед, пулҳои коғазиро барои тасвири пулҳои ҳақиқӣ истифода барем. Лутфан, бо ҳамсинфонатон иҷро кунед. Дар аввал бо истифода аз пулҳои коғазӣ маблағеро нишон диҳед, ки ҳар як коргар мегирад. Дар хотир доред, ки шумо бояд шумораи баробари ҳар як намуди пулро истифода баред (масалан, шумо ду 50 сомонӣ ва танҳо як 10 сомониро истифода карда наметавонед).



Ҳар як коргар чӣ қадар маблағ мегирад? _________ сомонӣ

Кадом намуди пулҳоро шумо барои нишон додани ин маблағ истифода кардед ва аз ҳар яки онҳо чандтоӣ гирифтед?

_______________________________________________________________

Акнун маблағеро, ки ду коргар ба даст меоранд, бо истифода аз пули коғазӣ нишон диҳед. Қоидаҳо ҳамонанд – шумо бояд шумораи баробари ҳар як намуди пулро истифода кунед.

Ду коргар чӣ қадар маблағ мегирад? ________ сомонӣ.

Кадом намуди пулҳоро шумо барои нишон додани ин маблағ истифода кардед ва чандтоӣ аз ҳар яки онҳо гирифтед? __________________________________________

Ин қоидаро такрор карда, бо истифода аз пулҳои коғазӣ нишон диҳед, ки се коргар чӣ қадар маблағ мегиранд.

Се коргар чӣ қадар маблағ мегирад? ________ сомонӣ.

Кадом намуди пулҳоро шумо барои нишон додани ин маблағ истифода кардед ва чандтоӣ аз ҳар яки онҳо гирифтед? ___________________________________________



Акнун шумо пешгӯӣ карда метавонед, ки 12 коргар чӣ қадар маблағ мегирад? 12 нафар коргар чӣ қадар мегиранд? ________ сомонӣ.

Шумо кадом намуди пулҳоро барои нишон додани ин маблағ истифода бурдед ва чандтоӣ аз ҳар яки онҳо гирифтед? ______________

_______________________________________________________________

**Бо дӯстатон муҳокима кунед**



Бо суханони худ фаҳмонед, ки ҳангоми зиёд шудани шумораи коргарон бо шумораи ҳар як намуди пул чӣ рӯй дод?

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________

**Хулоса мекунем**



**Ҷамъбаст кунед:** Барои навиштани ибораҳои зерин ҷумлаҳои математикиро истифода баред:

**Мисол:** Ҳамаи маблағ барои як коргар:

$$1 \cdot 100 + 1 \cdot 50 + 1 \cdot 20 + 1 \cdot 10 = 180$$

a. Ҳамаи маблағ барои 2 коргар: ______________________________________

b. Ҳамаи маблағ барои 3 коргар: ______________________________________

c. Ҳамаи маблағ барои 12 коргар: _____________________________________

d. Акнун нависед, ки чӣ тавр шумо маблағи умумии 12 коргарро ёфта метавонед, агар ба ҳар кадоми онҳо 180 сомонӣ музд дода шавад: ______________________

Бандҳои c ва d – ро муқоиса кунед. Ҳосили ҷамъро бо сомонӣ барои ҳар ду ёбед. Оё онҳо баробаранд? ________. Агар ин тавр бошад, баробарии онҳоро нависед:

$$12 \cdot ____ + 12 \cdot ____ + 12 \cdot ____ + 12 \cdot ____ = 12 \cdot ____$$

Азбаски $180 = 100 + 50 + 20 + 10$ аст, роҳи дигари тасвири ҷамъ чунин аст:

$$12 \cdot ___ + 12 \cdot ___ + 12 \cdot ___ + 12 \cdot ___ = 12 \cdot (___ + ___ + ___ + ___)$$

**Хулоса:** Тасдиқро ба итмом расонед:



Барои ҳосили ҷамъро ба адад зарб задан, мо метавонем:

Ададро ба ҳар як ҷамъшаванда ____________________ ва сипас натиҷаро ҷамъ кунем, ё ҳосили ҷамъро ёфта, баъд онро ба адад ______________________________________.



**Мо боварӣ дорем?**

Хулосаи худро бо мисоли дигар месанҷем. Муаллим барои синф қалам харид. Вай 2 куттии дар ҳар кадомаш 10 қалам ва 2 куттии дар ҳар кадомаш 5 қалам харид. Бо кадом ду роҳ ҳисоб кардан мумкин аст, ки муаллим ҳамагӣ чанд қалам харидааст?

**Қоидаро татбиқ кунед**

Ҳар як ҷамъшавандаро бо адад зарб кунед, сипас, натиҷаро ҷамъ намоед:

$__ \cdot __ + __ \cdot __ = __$

Ҳосили ҷамъро ёбед ва сипас, онро ба адад зарб кунед:

$(__ + __) \cdot __ = __$



Оё шумо дар ҳар ду ҳолат ҷавоби якхела гирифтед?

**Оё қоидаи шумо дуруст будааст?** Дар акси ҳол, шумо бояд баргардед ва онро иваз намоед.

Ин қоида **қонуни тақсимотии зарб ё қонуни дистрибутивии зарб** номида мешавад.

Вақте ки шумо ададро ба ҳосили ҷамъ зарб мекунед, шумо метавонед аввал ҷамъ кунед, баъд зарб занед ё аввал зарб кунед ва сипас, ҷамъ намоед. Масалан: $10 \cdot (5 + 2) = 10 \cdot 7 = 70$ ё $10 \cdot (5 + 2) = 10 \cdot 5 + 10 \cdot 2 = 50 + 20 = 70$

Онҳо якхелаанд.

Айнан ҳамин қоида барои тарҳкунӣ низ дуруст аст. Масалан, бигузор ёфтани қимати $10 \cdot (5 - 2)$ зарур бошад.

Аввал тарҳ кунед ва баъд зарб занед. Ё аввал зарб занед ва баъд тарҳ намоед:

- $10 \cdot (5 - 2) = 10 \cdot 3 = 30$
- $10 \cdot (5 - 2) = 10 \cdot 5 - 10 \cdot 2 = 50 - 20 = 30$

Онҳо якхелаанд.

**Биёед, муроҷиат кунем**



**Барои онҳое, ки каме кумак мехоҳанд:**

1. Баробариро ба анҷом расонед (ҳосили ҷамъро ҳисоб кардан зарур нест):



a. $(6 + 2) \cdot 3 = ___ \cdot 3$

b. $23 \cdot (4 + 16) = 23 \cdot ___$

c. $45 \cdot 9 = 45 \cdot (__ + 5)$

d. $(10 + __) \cdot 5 = 17 \cdot 5$

Барои ҳама

1. Баробариро ба анҷом расонед (ҳосили ҷамъро ҳисоб кардан зарур нест):

a. $1000 \cdot (37 - 22) = ____ \cdot ____$

b. $1000 \cdot (22 + 37) = ____ \cdot ____ + ____ \cdot ____$

c. $40 \cdot 70 - 40 \cdot 16 = ____ \cdot (____ + ____)$

d. $66 \cdot 590 + 60 \cdot 66 = ____ \cdot (____ + ____)$

e. $18 \cdot 30 = 18 \cdot (____ + ____)$ ё $18 \cdot (____ - ____)$

2. Барои зудтар ҳал кардани масъала аз қоидаи тақсимотии зарб истифода намоед.

*Нишондод:* шумо метавонед яке аз зарбшавандаҳоро ба ҷамъ ё тарҳ табдил диҳед.

Масалан, $4 \cdot 125 = 4 \cdot 100 = 4 \cdot 25 = 400 + 100 = 500$ (зарб задан ба 100 ва ба адади дурақама аз зарбкардан ба адади серақама осонтар аст).

a. $105 \cdot 6 =$

b. $95 \cdot 6 =$

c. $198 \cdot 200 =$

d. $1004 \cdot 17 =$



3. Дар тарабхона нӯшокӣ, шӯрбо ва хӯриш фурӯхта мешавад. Шумо метавонед рӯйхат ва арзиши онҳоро дар тарафи рост бубинед. Имрӯз 140 нафар аз хидматрасонии тарабхона истифода кардааст. Бинобар ин, тарабхона фурӯхтааст: 140 нӯшокӣ, 140 шӯрбо ва 140 хӯриш. Соҳиби тарабхона мехоҳад бидонад, ки имрӯз чӣ қадар маблағ ба даст оварда шудааст. Муҳосиб ба ӯ мегӯяд, ки ду роҳи ёфтани он вуҷуд дорад: роҳи осон ва роҳи нисбатан мушкил. Оё шумо тахмин карда метавонед, ки ин ду роҳ кадоманд?

**Рӯйхат ва арзиши таомҳо**
Нӯшокӣ – 5 сомонӣ
шӯрбо – 12 сомонӣ
Хӯриш – 13 сомонӣ

Роҳи осон: ______________________________________________

Роҳи нисбатан мушкил: ______________________________________________

4. Ҳамаи хосиятҳои зарбро барои иҷрои амалҳо истифода баред:

a. $(356 + 244) \cdot 82 =$

b. $4 \cdot 693 \cdot 25 =$

c. $10 \cdot (671 + 219) \cdot 2 =$

d. $(3 \cdot 4) \cdot (115 - 25) =$

**Барои онҳое, ки мехоҳанд озмоиши иловагӣ дошта бошанд**

Сарошпази ошхона мехоҳад хомшӯрбое пазад, ки бо тартиби махсуси омодасозии маҳсулоти зарур пӯхта шуда бошад. Сарошпаз медонад, ки барои як коса (ё ин ки як ҳисса) шӯрбо ҳамаи маҳсулоти хӯрокворӣ чӣ қадар арзиш доранд. Ба рӯйхати зерин ва нархҳои харидашудаи маҳсулоти дар шӯрбо истифодашаванда аҳамият дода, онҳоро дар ҳалли масъалаи мазкур истифода мебарем. Дар раванди ҳал метавонем ба масъалаи нарх ба хусусиятҳои дигари маҳсулотҳо аҳамият надиҳем.



| Компонент | Нархи як ҳисса (бо дирам) |
|---|---|
| Гӯшт | 650 |
| Картошка | 40 |
| Қаламфур | 40 |
| Помидор | 40 |
| Сабзӣ | 10 |
| Пиёз | 10 |
| Сирпиёз | 10 |

a. Онҳо барои тайёр кардани 50 коса шӯрбо чанд сомонӣ сарф мекунанд? Роҳи осони ҳисоб кардани ин маблағ кадом аст?

b. Барои он ки ошхона «фоида» гирад, нархи як косаи шӯрбо, ки муштариён мепардозанд, бояд аз арзиши омода кардани он зиёдтар бошад. Шумо ба ошхона барои аз як коса шӯрбо гирифтани чанд сомониро тавсия медиҳед?



**Биёед, мулоҳиза кунем**



**Аз ин дарс ба ман чӣ писанд омад?** ______________________________
______________________________________________

**Аз он чизе, ки ман фаҳмидам, чӣ аз ҳама душвортар буд?** ________________
______________________________________________

**Кӯшиш кунед, ки ба саволи асосии ин бахш ҷавоб диҳед:**

**Саволи калидӣ:**
Ҳангоми зарб задани адад ба ҳосили ҷамъ, агар адад ба ҳар як ҷамъшаванда зарб зада, сипас натиҷа ҷамъ карда шавад ё адад ба натиҷаи ҳосили ҷамъ зарб шавад, бо ҳосили зарб чӣ мешавад?

**Қоидаи ҳосилшударо такрор кунед**
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________
______________________________________________

## ТАҲСИЛОТИ МИЁНАИ КАСБӢ



*Тахмина РАҲМИХУДОЕВА,*
*муовини директор оид ба илм, инноватсия*
*ва робитаҳои байналмилалии*
*коллеҷи кӯҳӣ ба номи Сороҷон Юсупова*

# БАРТАРИИ НИЗОМИ КРЕДИТИИ ТАҲСИЛОТ



Низоми кредитии таҳсилот чандин сол боз дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ роҳандозӣ шудааст. Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, бо мақсади таъмини болоравии сифати таълим, омода намудани мутахассисони ба талаботи бозори дохилӣ ва берунии кишвар ҷавобгӯ, сафарбар намудани донишҷӯён барои идомаи таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакатҳои хориҷӣ ва воридшавӣ ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ амалӣ карда мешавад.

Низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

Раванди таълим дар низоми кредитии таҳсилот тибқи барнома ва нақшаҳои намунавии таълимии аз тарафи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқкардашуда сурат мегирад. Вазифаҳои асосии муассисаи таҳсилоти касбӣ ҳангоми ташкили раванди таълим бо истифода аз низоми кредитии таҳсилот дар шакли ташаккули ҳаҷми дониш вобаста ба зинаҳои таҳсилот, ташкили шароит ҷиҳати то ҳадди имкон фардӣ гардонидани раванди таълим, таҳкими мақом ва самаранокии кори мустақилонаи донишҷӯ муайян карда шудаанд.

Манфиати низоми мазкур дар он аст, ки донишҷӯ фаъолияти ҳамарӯзаи худро дар асоси дониши омӯхтааш муайян карда метавонад. Яъне, дар ин раванд холҳои санҷиши фосилавӣ ва имтиҳонотии донишҷӯ барои баҳои 2 аз 1 то 49 бал, баҳои 3 аз 50 то 74 бал, баҳои чор аз 75 то 89 бал ва баҳои 5 аз 90 то 100 балро дар бар мегирад. Мутаассифона, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ баъзан мушовирони академӣ, омӯзгорон ё сарпарастони гурӯҳҳои академӣ ин равандро ба донишҷӯён пурра намефаҳмонанд. Донишҷӯён низ аз ин ҳолат бехабар монда, сари вақт аз холҳои ба даст овардаи худ бехабар мемонанд.

Барои самарбахш гардидани низоми кредитии таҳсилот дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ, ки бисёре аз донишҷӯён баъди хатми синфи 9-и муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, тавассути Маркази миллии тестии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуҷҷат супорида, донишҷӯ мегарданд, бо низоми мазкур онҳоро бояд шинос кард.

Бояд гуфт, ки тасмими Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти аз аттестатсия гузаронидани директорон ва мудирони маорифи як қатор шаҳру ноҳияҳо саривақтист. Хуб мешуд, ки аз ҷониби вазорат эдвайзерон (мушовирони академӣ) низ аз аттестатсия гузаронида мешуданд.

Маълум мегардад, ки манфиати низоми мазкур зиёд аст, аммо яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар ин самт ҳангоми баъди баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан ва супоридани маблағи кредит дилхоҳ донишҷӯ хоҳ барномаро азхуд карда бошад, хоҳ не, дар даври дуюм аз имтиҳон гузаронида мешавад. Дар бисёр, ҳолат дарсҳои триместрӣ баргузор намегардад ва донишҷӯ дар онҳо иштирок намекунад.

Дарвоқеъ, дар низоми кредитии таҳсилот донишҷӯ дар баробари омӯзгор бояд мунтазам аз воситаҳои техникӣ босамар истифода барад, дар раванди баргузории дарсҳо, маҳфилҳо, семинарҳо, конфронсҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ иштирок намояд. Мустақилона ба омӯзиш машғул гардад ва дар асоси нақшаи инфиродии солонаи худ фаъолияташро тақвият бахшад. Мунтазам китобу рӯзнома мутолиа кунад ва вазифаҳои таълимиро сари вақт иҷро намояд.

Зеро корҳои мустақилонаи донишҷӯ тарзи фаъол ва мақсадноки аз худ намудани дониш, ташаккул додани малака ва маҳорати сермаҳсули эҷодии донишҷӯ бе иштироки фаъоли омӯзгор дар ин раванд мебошад. Чорабиниҳое, ки ташкили дурусти ба роҳ мондани корҳои мустақилонаи донишҷӯро таъмин мегардонанд, бояд дар асоси талаботи зерин амалӣ гардонида шаванд:

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд аз рӯи самти фанни таълимӣ ба таври мушаххас муайян карда шаванд;

-корҳои мустақилонаи донишҷӯ бояд самаранок ва пайваста таҳти назорат қарор гирифта, натиҷаи иҷрои онҳо ҷиддӣ баҳогузорӣ карда шаванд.

Ҳамчунин, корҳои мустақилонаи донишҷӯ вобаста ба хусусиятҳои фанҳои таълимӣ ва мазмуну мундариҷаи он дар асоси стандартҳои давлатии таҳсилоти касбӣ, барномаҳои кории фанҳои таълимӣ, китобҳои дарсӣ, дастур ва васоити таълимӣ муайян карда шавад.

Дар маҷмуъ, бояд дарк кард, ки бартариҳои низоми кредитии таҳсилот нисбат ба низоми таҳсилоти анъанавӣ зиёд буда, бештар ба ташаккули шахсияти донишҷӯ равона гардидааст.

Ҳамин тариқ, дар низоми кредитии таҳсилот агар нуктаҳои зикршуда риоя карда шавад, донишҷӯён зуд илмҳои муосирро фаро мегиранд ва бо донишу ҷаҳонбинии пешрафтаашон дар пешрафти шукуфоии бештари кишварамон саҳми босазо мегузоранд.

***<u>МАОРИФИ ҶАҲОН</u>***

**ШУМОРАИ ҶОЙҲОИ БУҶЕТӢ ДАР ДОНИШГОҲҲОИ РОССИЯ МУАЙЯН ГАРДИДААСТ**

Вазири илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия Валерий Фалков гуфт, ки дар соли хониши оянда дар донишгоҳҳои Россия беш аз 600 ҳазор ҷои буҷетӣ пешбинӣ шудааст.

Ба гуфтаи ӯ, шумораи ҷойҳои буҷетӣ хеле зиёд гардида, 626 ҳазорро ташкил хоҳад дод.

Илова бар ин, Россия квотаҳоро барои донишҷӯёни Осиёи Марказӣ афзоиш додааст. Барои довталабони ҷумҳуриҳои Қазоқистон ва Қирғизистон 200 ҷой, Тоҷикистон 152 нафар ва Ӯзбакистон 50 нафар ба таври изофӣ квота ҷудо мегардад.

## БИОЛОГИЯ



*Ҳусейн АЛИЕВ,*
*омӯзгори биологияи литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе*

# ТАҒЙИРПАЗИРИИ ИРСӢ



**Мақсади дарс: хонандагон бояд:**

-доир ба тағйирпазирии ирсӣ (мутатсия) чун тағйирпазирии ирсии маводи генетикӣ, тағйирпазирии мутатсионӣ маълумот дошта бошанд ва шарҳ дода тавонанд;

- оид ба мутатсия чун манбаи ягонаи гуногуншаклии генетикӣ дохили намудро донанд;

- оид ба мафҳумҳои тағйирпазирӣ ва мутатсия мисол оварда тавонанд;

-доир ба бемориҳои мутатсионӣ маълумот пайдо кунанд.

**Таҷҳизонидани дарс:** матн, китоби дарсӣ, овезаҳо, расм, тасвирҳо, маводи таърихӣ, филмҳои кӯтоҳ, презентатсияҳо, варақаҳо.

**Метод, даҳонӣ** (шифоҳӣ): - лексия, суҳбат, нақл, аёнӣ: нақша, ҷадвал, расм, тасвирҳо, **амалӣ**: мушоҳида, супоришҳо, кор бо китоби дарсӣ, методи фаъолгардонӣ, масъалагузорӣ, корҳои инфиродӣ ва гурӯҳӣ.

**Равиши дарс**

**I. Қисми ташкилии дарс**

а) ба ҷо овардани одоби муошират

б) тайёр намудани хонандагон ба дарс

в) аз назар гузарондани шумораи хонандагон

г) мавҷуд будани буру латта

д) тоза будани синф аз ҷиҳати гигиенӣ - санитарӣ

**II. Пурсиши вазифаи хонагӣ**

Аз аҳли синф вазифаи хонагиро ба таври алоҳидагӣ ё умумӣ ба воситаи варақаҳо, презентатсияҳо ва дигар маводи ёрирасон дар муддати 10-15 дақиқа аз аксарияти хонандагон бояд пурсида шавад. Баъди фикрҳои хонандагонро шунидан муаллим метавонад маълумоти гирифтаро ҷамъбаст карда, сипас, оид ба мавзуъ ба хонандагон маълумот диҳад.

**<u>Истилоҳот:</u> Мутатсия** тағйироти ирсиеро меноманд, ки дар заминаи маводи генетикӣ ба омал меояд.

**Тағйирпазирӣ -** қобилияти организми зиндаро меноманд, ки баъзан аломат ва хусусиятҳои нав пайдо карда, гоҳо аломат ва хусусиятҳои худро гум мекунад. Тағйирпазирӣ инъикоси таъсири тарафайни организм ва муҳити беруна аст.

**Ген** як ҳиссаи молекулаи КДН мебошад.

**Генетип -** маҷмуи генҳои як организм.

**Омилҳои мутагенӣ -** омилҳое, ки сабабгори пайдоиши мутатсия мешаванд.

**<u>III. Муарриф ва муҳокимаи мавзуи нав.</u>** Ба нақшаи мавзуъ хонандагонро муаррифӣ мекунем ва онҳоро ба муҳокима даъват менамоем. Мепурсем, ки аз нақшаи гузошташуда, кадомаш ба онҳо бештар фаҳмо аст.

**<u>Мавзуъ: «Тағйирпазирии ирсӣ (мутатсионӣ)»</u>**

Тағйирпазирӣ гуфта он қобилияти организми зиндаро меноманд, ки баъзан аломат ва хусусиятҳои нав пайдо карда, гоҳо аломат ва хусусиятҳои худро гум мекунад. Тағйирпазирӣ инъикоси таъсири тарафайни организм ва муҳити беруна аст. Ду шакли тағйирпазирӣ вуҷуд дорад: ирсӣ ё генотипӣ ва ғайриирсӣ ё модификатсионӣ. Ба тағйирпазирии ирсӣ он тағйироти зоҳирии организм хосанд, ки ба генотип вобаста буда, дар наслҳо боқӣ мемонанд. Албатта, ин навъи тағйирот гуногунанд ва баъзан аломатҳои тағйирёфта ба чашм намоён мебошанд. Масалан, пойҳои кӯтоҳ дар гӯсфандони анконӣ, пар надоштани паррандагон, дигар шудани панҷаҳои гурба, набудани пигмент (албинизм) ва кӯтоҳангуштӣ дар одам. Ин тағйирпазирӣ устувор буда, аз насл ба насл мегузарад ва бо ин роҳ навъҳои нав пайдо мешаванд. Масалан, навъи паканаи наҳӯди хушбӯй, растаниҳои махмалгул ва ғайра дар асоси ҳамин тағйирпазирӣ ба вуҷуд омадаанд. Муқарраротӣ асосии назарияи мутатсионии (Гуго де Фриз)

1. Мутатсияҳо тағйирпазирии ирсиянд.
2. Ҳамон як мутатсия метавонад такроран ба амал ояд.
3. Мутатсия тасодуфан, бе ягон гузариш ба амал меояд.
4. Мутатсияҳо метавонанд зарарнок, фоиданок ва безарар бошанд.
5. Мутатсияҳо ба самтҳои гуногун мераванд, чӣ тавре ки фоидаоваранд, боз метавонанд зарарнок низ бошанд.

**<u>Мутатсияҳо аз рӯйи ҷойи баамаломада</u>**

1. Соматикӣ: ин гуна мутатсияҳо дар ҳуҷайраҳои соматикии бадан ба амал омада, ҳангоми афзоиши ҷинсӣ ба наслҳо гузашта, танҳо ҳангоми афзоиши ғайриҷинсӣ ба наслҳо мегузарад.
2. Генеративӣ: ба худи организм таъсир намерасонад, лекин дар вақти афзоиши ҷинсӣ ба наслҳо мегузарад.

**Мутатсияҳо аз рӯйи дараҷаи зоҳиршавӣ:**

1. Доминатӣ: дар намуди гетерозиготӣ пайдо мешавад.
2. Ретсессивӣ: дар намуди гомозиготӣ пайдо намешавад, лекин дар организмҳо боқӣ мемонад ва дар ҳолати ба гетерозиго гузаштан зоҳир мешавад.

**Мутатсияҳо аз рӯйи дараҷаи пайдоиш**

Мутатсияҳои генӣ, геномӣ ва хромосомӣ:

1. --- структураи ген тағйир меёбад.
2. --- структураи хромосома тағйир меёбад.
3. --- ба кам ва зиёдшавии миқдори хромосома оварда мерасонад.

**Мутатсияҳои геномӣ:**

1. **Полиплоидия** - баробар зиёд шудани миқдори дастаи хромосомаҳо дар ҳуҷайра.
2. **Анэуплоидия** - нестшавӣ ё илова гаштани хромосомаи зиёдатӣ дар натиҷаи вайрон шудани мейоз.

**Мутатсияҳои хромосомӣ**

1. **Мутатсияҳои генеративӣ:**

- ХХУ; ХУУ- синдром Клайнфелтера.
- ХО- синдром Шершевского- Тернера.

2 . **Мутатсияҳои аутосомӣ:**

- Синдром Патау (дар 13 хромосома).
- Синдром Эдвардс (дар 18 хромосома).
- Синдром Даун (дар 21 хромосома).

**Синдром Кляйнфелтера**

**XXY и XXXY – синдром Кляйнфелтера**. Ин бемори, асосан, дар кариотипи мардона ба назар мерасад. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан чунин аломатҳо ба назар мерасад: набудани сперматогенез. Ин норасоии бемориҳои эндокриниро муайян мекунад. Чунин аломатҳо рушди андоми шабеҳи занон, китфони борик, коси васеъ ва мушакҳо заиф мебошанд. Мардоне, ки ба ин беморӣ гирифтор шудаанд, дасту пойи нисбати бадан дароз доранд, ки боиси баландии қади онҳо мегардад.

**Синдром Шершевского-Тернера**

**X0 – синдром Шерешевского -Тернера** (моносомия X) Моносомияи х- ро дар 23-юм хромосомаи ҷинсӣ бори аввал соли 1925 эндокринолог Н. А. Шерешевский муайян намуда буд.

Танҳо занҳо мубталои ин беморӣ мешаванд. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан чунин аломатҳо ба назар мерасад, ки норасоии тухмдонҳост. Инчунин, китфони васеъ, коси танг, пойҳои кӯтоҳ, қади хеле паст, гардани кӯтоҳ, пӯсти чиндор ва ақли кам доранд.

**Синдром Патау**

Сабаби асосии ин беморӣ хромосомаи барзиёд дар ҷуфти 13-уми хромосомаҳо мебошад. Ин бемориро бори аввал соли 1910 Патау кашф карда буд. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудани инсон чунин аломатҳо мушоҳида мешавад: коми сахт, лабчокӣ ва ё набудани чашм, дефарматсияи панҷаи пой ва даст, бар замми ин зиёд будани узвҳои дарунӣ - дил, гурда, узвҳои ҳозима ба назар мерасад. Кӯдакони гирифтор ба ин беморӣ одатан то як сол умр мебинанд.

**Синдром Дауна**

Трисомияи 21- ум. Соли 1866 духтури англис И. Даун муайян карда буд, аммо табиати онро баъд аз 93 сол муқаррар намудаанд. Бемории Даун дар байни бемориҳои хромосомӣ аз ҳама маъмултарин ва паҳншудатарин мебошад. Ҳангоми ба ин беморӣ гирифтор шудан чунин аломатҳо ба назар мерасад: дасту пойи кӯтоҳ, косаи сар хурд, рӯйи ҳамвор, чашмони каҷ, норасоии ақл, бемориҳои дилу рагҳо. Мардоне, ки ба ин беморӣ гирифтор мешаванд, безуриёт ва дар занҳо бошад, қобилияти таваллудкунӣ аз байн меравад.

**IV. Класстер**




V. Арзёбӣ, саволу ҷавоб

1. Раванди пайдо шудани мутатсияҳоро чӣ меноманд?

А) мутаген; В) мутагенез; С) мутон; Д) мозаика

2. Организме, ки дорои шашто геном аст, чӣ ном дорад?

А) гексаплоид; В) пентаплоид; С) ҳептаплоид; Д) декаплоид

3. Тағйирпазирии мутатсионӣ аз комбинативӣ бо чӣ фарқ мекунад?

А) бо дигар шудани нуклеотид; В) бо дигар шудани хромосома; С) бо дигар шудани дастаи хромосомаҳо

4. Асосгузори назарияи мутатсионӣ кист?

А) Г. Мендел; В) Т. Морган; С) Г. Де-Фриз

5. Мутатсияи генеративӣ аз соматикӣ чӣ фарқ дорад?

А) дар ҳуҷайраҳои ҷинсӣ пайдо мешавад В) дар ҳуҷайраҳои бадан пайдо мешавад С) дар митохондрия пайдо мешавад

**VI.Ҷамъбаст ва хулоса.** Диққати хонандагонро ба мақсадҳои таълими дарс равона сохта, аз онҳо пурсед: Оё аз нақшаҳои пешниҳодшуда, кадомашро ноил гаштанд? Барои ин дар раванди дарс кадом корҳоро иҷро кардаанд?

**VII.Супориши вазифаи хонагӣ.** Аз хонандагон хоҳиш номоед, ки вазафаи дар замима омадаро дар хона иҷро намоянд.

## АСТРОНОМИЯ

*Абдумалик АБДУМАННОНОВ,*
*собиқадори маориф,*
*Аълочии маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон,*
*Хуршеда БАҲРИДИНОВА,*
*омӯзгори литсейи №5, шаҳри Исфара*

# ЯК МАХСУСИЯТИ ТАҚВИМИ МО



Маънои тақвим, ин якум, системаи ҳисоби солҳо: тақвими қамарӣ, тақвими григорӣ ва ғайра;

Дуюм, ин ҷадвали мувофиқати рӯзҳои сол ва рӯзҳои ҳафта мебошад. Дар поён ин калимаро аз рӯйи маънои дуюмаш истифода ва таҳлил менамоем.

Ба ҳамагон маълум аст, ки ҳамон як сана масалан, 1-уми март ҳар сол ба рӯзҳои гуногуни ҳафта мувофиқ меояд. Солҳо низ гуногун мешаванд: солҳои одӣ ва солҳои кабиса. Бо дарназардошти ин гуфтаҳо бояд 14 намуди тақвим мавҷуд бошад. Аммо ин тақвимҳо бо чӣ гуна пайдарпайӣ такрор мешуда бошанд? Масалан, тақвими соли 2023 боз кай айнан такрор мешуда бошад ?

Давомоти сол ин муддати даврзании (ё даври гардиши) Замин дар атрофи Офтоб аст.

Шабонарӯзи офтобӣ ба муддати даврзании Замин дар атрофи меҳвараш мебошад. Давомоти сол нисбат ба давомоти шабонарӯз адади бутун нест. Бинобар ин, санаи рӯзҳо бо гузашти вақт дар солҳо тағйир меёбанд. Даври гардиши Замин дар атрофи меҳвараш ба 23 соату 56 дақиқаю 4,09 сония баробар мебошад. 1 соли офтобӣ =365,2422 шабонарӯз.

Аз ҳамин сабаб, барои осон шудани ҳисоби солҳо онҳоро ба солҳои одӣ ва кабиса ҷудо кардаанд. Солҳои одӣ ба 365 шабонарӯз ва солҳои кабиса ба 366 шабонарӯз баробар аст. Як шабонарӯзи зиёдатии ин сол аз ҳисоби ба инобат гирифтани қисми касрии соли офтобӣ 0,2422 шабонарӯз ба вуҷуд омадааст, ки он дар тӯли 4 сол тақрибан 1 шабонарӯзро ташкил медиҳад: 0,2422*4=0,9688 =1 шабонарӯз

Барои осон шудани кор солҳое, ки ба 4 бе бақия тақсим мешаванд, солҳои кабиса ва се соли дигарро солҳои одӣ қабул кардаанд. Соли кабиса дар ҳар 4 сол як бор меояд. Қайд кардан зарур аст, ки бо гузашти садсолаҳо ин даврияти чаҳорсолаи ивазшавии солҳои одию кабиса андак вайрон мешаванд. Бароиислоҳи ин падида солҳое, ки бо ду сифр тамом шуда, ба 400 тақсим намешаванд (ҳарчанд онҳо ба 4 тақсим шаванд ҳам) соли кабиса ҳисоб намешаванд. Масалан, солҳои 2100, 2200, 2300, 2500, 2600, 2700, 2900, 3000 ва ғайра солҳои кабиса ҳисоб карда намешаванд.

Дар муқоиса ба рӯзҳои ҳафта давомоти 1 соли одӣ= 365 шабонарӯз =7*52+1 шабонарӯз, яъне, ба 52 ҳафтаю 1 шабонарӯз баробар аст. Давомоти соли кабиса: 1 соли кабиса = 366 шабонарӯз = 7*52+2 шабонарӯз, яъне, ба 52 ҳафтаю 2 шабонарӯз баробар мебошад. Ҳангоми тартиб додани тақвим (календар) ҳамин нукта ба ҳисоб гирифта шудааст. Ҳангоми пурра ба охир расидани ҳафтаҳои пурраи соли одӣ тақвим ба 1 рӯз мелағжад, ҳангоми пурра ба итмом расидани

соли кабиса тақвим ба 2 рӯз мелағжад. Соли 2004 соли кабиса буда, он рӯзи панҷшанбе сар шудааст, аммо соли 2005 аз рӯзи шанбе оғоз гардидааст, соли 2006 якшанбе, соли 2007 рӯзи душанбе оғоз шудааст. Тақвими як сол аз тақвими соли дигар фарқ мекунад. Оё ин фарқият ҳамешагӣ аст, ё пас аз гузашти солҳо боз такрор меёфта бошад? Кӯшиш мекунем, ба ин савол ҷавоб диҳем.

Аввал рӯзҳои ҳафтаро, аз рӯзи душанбе сар карда, рақамгузорӣ мекунем: 1 душанбе, 2 сешанбе, 3 ҷоршанбе, 4 панҷшанбе, 5 ҷумъа, 6 шанбе, 7 якшанбе.

Ин рақамҳоро бо ҳарфи N ишорат мекунем, ки он аз 1 то 7 қимат мегирад. (N = 1 душнбе, N = 2 сешанбе, N = 3 чоршанбе, N = 4 панҷшанбе, N = 5 ҷумъа, N = 6 шанбе, N = 7 якшанберо ифода мекунад)

Агар оғози сол аз рӯзи N-уми ҳафта сар шавад, онро соли шакли N-ум меномем. Ва тақвими ҳамин солро тақвими шакли N-ум меномем. Пас аз чор сол кабиса меояд ва барои фарқ кардан аз шакли соли одӣ онро ба $N^1$ ишорат мекунем.

Масалан, соли 2006 соли шакли 6-ум аст, пас он рӯзи шанбе сар шудааст. Соли 2004 шакли $4^1$ аст, рӯзи панҷшанбе оғоз шудааст, штрих далолат мекунад, ки он соли кабиса аст.

Инак фаҳмидем, ки N –ишораи соли одӣ ва $N^1$ -ишораи соли кабиса аст ва N ё $N^1$ аз 1 то 7 қимат мегирад. Соли типи N 52 ҳафтаю 1 рӯз давом мекунад. Соли шакли $N^1$ 52 ҳафтаю 2 рӯз давом мекунад.

Пас аз соли шакли N соли шакли N+1 ё $N^1$ +1 меояд, пас аз соли шакли $N^1$ соли шакли $N^1$ + 2 сар мешавад. Пас аз анҷоми соли шакли N= 7 соли шакли 1 оғоз меёбад, баъд соли типи 2,3...7 ин силсила такрор меёбад. Албатта, дар арифметикаи мо дар назар дошта шудааст, ки 7+2=2, 7+1=1 6+2=8 = 7+1=1...

Бо забони математикӣ мафҳуми муқоисаро аз рӯйи модули 7 истифода бурдем. Дар математика ба ҷойи 7+2=2 ин тавр менависанд: 7+2=2 (mod 7) ё 6+2=1 (mod 7).

Акнун муайян мекунем, ки пайдарпайии такрорёбии тақвимҳо чӣ гуна аст? Яъне, тақвими кадом солҳо мувофиқат мекунад?

Барои ин аввал ягон соли шакли $1^1$ бударо интихоб мекунем, соли шакли $1^1$ соли кабиса ( ба 4 бе бақия тақсим мешавад) ва аз рӯзи душанбе (аввали ҳафта) оғоз меёбад.

Масалан, соли 1996 ҳамин гуна сол буд.

Мувофиқи маслиҳати дар боло овардашуда шакли солҳои минбаъда аз рӯйи чунин даврияти 4-сола такрор мешаванд:

$$\underbrace{\underbrace{1^1 3,45;}\ \underbrace{6^1,1,2,3;}\ \underbrace{4^1,6,7,1;}\ \underbrace{2^1,4,5,6;}\ \underbrace{7^1,2,3,4;}\ \underbrace{5^1,7,1,2;}\ \underbrace{3^1,5,6,7;}\ \underbrace{1^1,3,4,5;}}_{} \ldots$$

28 сол

Фаҳмост, ки довомаш минбаъд такрор меёбад. Қатори ададҳои болоӣ 28 солро дар бар мегирад.

Маънои ин қатори ададҳо чунин аст:

Соли $1996^1$ –шакли $1^1$ -кабиса, рӯзи душанбе сар шудааст.

Соли 1997- шакли 3 - одӣ, рӯзи чоршанбе оғоз шудааст.

Соли 1998- шакли 4 - одӣ, рӯзи панҷшанбе оғоз шудааст.

Соли 1999- шакли 5 - одӣ, рӯзи ҷумъа сар шудааст.

Соли $2000^1$- шакли $6^1$ - кабиса, рӯзи шанбе сар шудааст.

Соли 2001- шакли 1 - одӣ, рӯзи душанбе оғоз шудааст.

Соли 2002- шакли 2 - одӣ, рӯзи сешанбе сар шудааст.

Соли 2003- шакли 3 - одӣ, рӯзи чоршанбе оғоз шудааст ва ғайра.

..................................................................................................

Аз мушоҳидаи қатори болоии ададҳо хулоса мебарояд, ки фақат солҳои кабисаи ҳамон як шакл (масалан $1^1$ пас аз 28 сол такрор меёбанд. Яъне, тақвими соли $1996^1$ ба тақвими соли $2024^1$ мувофиқат мекунад. Соли $2000^1$ ба тақвими соли $2028^1$ мувофиқ меояд ва ғайра.

Тақвими солҳои одии шакли дилхоҳ мувофиқи пайдарпайии болоӣ дар тӯли 28 сол 3-борӣ такрор мешаванд. Ин такроршавӣ бо чунин тартиб рӯй медиҳад, масалан, соли шакли 3 пас аз 6

сол, 11 сол, такрор мешавад, шакли 4-11,6,11 шакли 5-11,11,6. Ин тартиб пас ҳар 4 сол такрор мегардад.

Соли ҷорӣ яъне, соли 2023 рӯзи якшанбе оғоз шуда буд. Якшанбе рӯзи 7-уми ҳафта мебошад, пас ин сол соли шакли 7 мебошад.

$2024^1$ -соли шакли $1^1$ аст, рӯзи душанбе сар мешавад. Барои он **штрих** гузоштем, ки соли кабиса аст. Хотиррасон мекунем, ки баъд аз соли кабиса тақвим ба 2 рӯз мелағжад.

$N^1 +2=1^1+2=3$ бояд шавад.

Соли 2025 соли шакли 3 аст, рӯзи 3-юми ҳафта, яъне, рӯзи чоршанбе сар мешавад.

Соли 2026 - шакли 3+1=4 аст, рӯзи паҷшанбе сар мешавад.

Соли 2027 - шакли 4+1=5, рӯзи ҷумъа сар мешавад

Соли $2028^1$- соли кабиса, типи $5+1=6^1$, рӯзи шанбе оғоз мешавад.

Соли 2029 - шакли $6^1+2=8=7+1=1$, рӯзи душанбе сар мешавад.

Соли 2030 -шакли 1+1=2, рӯзи сешанбе сар мешавад.

Соли 2031 - шакли 2+1=3, рӯзи чоршанбе оғоз мешавад.

Соли $2032^1$- шакли $3+1=4^1$, рӯзи панҷшанбе сар мешавад.(соли кабиса)

Соли 2033 - шакли $4^1+2=6$, рӯзи шанбе оғоз мешавад.

Соли 2034 - шакли 6+1=7, рузи якшанбе сар мешавад.

Соли 2035 - шакли 7+1 =8, рӯз душанбе сар мешавад.

Соли $2036^1$- шакли 1+1=2, рӯзи сешанбе оғоз мешавад (соли кабиса).

Ин қонуният соли 2100 вайрон мегардад ва соли кабиса аз соли $2104^1$ боз ҳисоб карда мешавад.

Дар омӯзиши мазмуни ин мақола истифодаи ҷадвалҳои зерин муфид аст:

Ҷадвали I.

| Рӯзҳои ҳафта | Шакли сол | Оғози сол |
|---|---|---|
| Душанбе | 1 | Душанбе |
| Сешанбе | 2 | Сешанбе |
| Чоршанбе | 3 | Чоршанбе |
| Панҷшанбе | 4 | Панҷшанбе |
| Ҷумъа | 5 | Ҷумъа |
| Шанбе | 6 | Шанбе |
| Якшанбе | 7 | Якшанбе |

Ҷадвали II.

| Солҳо | Намуди сол | Шакли сол N ё $N^1$ | Саршавии сол мувофиқи рӯзҳои ҳафта |
|---|---|---|---|
| 2023 | одӣ | 7 | Якшанбе |
| $2024^1$ | кабиса | $1^1$ | Душанбе |
| 2025 | одӣ | 3 | Чоршанбе |
| 2026 | одӣ | 4 | Панҷшанбе |
| 2027 | одӣ | 5 | Ҷумъа |
| $2028^1$ | кабиса | $6^1$ | Шанбе |
| 2029 | одӣ | 1 | Душанбе |
| 2030 | одӣ | 2 | Сешанбе |
| 2031 | одӣ | 3 | Чоршанбе |
| $2032^1$ | кабиса | $4^1$ | Панҷшанбе |
| 2033 | одӣ | 6 | Шанбе |
| 2034 | одӣ | 7 | Якшанбе |
| 2035 | одӣ | 1 | Душанбе |
| $2036^1$ | кабиса | $2^1$ | Сешанбе |

## ГЕОМЕТРИЯ

***Бохирҷон САНГИНОВ,***
***директори МТМУ №29, шаҳри Конибодом***

# ҲАЛЛИ ГЕОМЕТРИИ МИСОЛҲОИ ТРИГОНОМЕТРӢ

Даҳсолаҳои охир тригонометрия, ки як фанни алоҳида омӯхта мешуд, марҳала ба марҳала ба фанҳои геометрияю алгебра ва ибтидои анализ омезиш ёфтааст.

Дар ин ҷо якчанд мисолҳои тригонометриро аз маҷмуи мисолу масъалаҳои М.И.Сканави дида мебароем, ки дар назар мушкиланд, лекин ҳангоми ҳалли онҳо бо усули геометрӣ хеле сода менамоянд.

**№1**. Қимати $tg15^0$ -ро ёбед.

Ҳал: Дар китоби алгебраи синфи 10 формулаи зерин омадааст:

$$\mathrm{tg}(\alpha-\beta)=\frac{tg\alpha-tg\beta}{1+tg\alpha tg\beta}$$

Мувофиқи формулаи мазкур ҳосил мекунем:

$$tg15^0=\mathrm{tg}(60^0-45^0)=\frac{tg60^0-tg45^0}{1+tg60^0tg45^0}=\frac{\sqrt{3}-1}{1+\sqrt{3}}=\frac{(\sqrt{3}-1)(\sqrt{3}-1)}{(\sqrt{3}+1)(\sqrt{3}-1)}=$$

$$=\frac{(\sqrt{3}-1)^2}{3-1}=\frac{2(2-\sqrt{3})}{2}=2-\sqrt{3}$$

Албатта, аз формулаи зерин низ истифода намудан мумкин аст:

$$|tg\alpha|=\sqrt{\frac{1-\cos 2\alpha}{1+\cos 2\alpha}}$$




**Расми 1.**

Биёед, ин мисолро бо роҳи геометрӣ дида мебароем.

Дар секунҷаи баробарпаҳлуи $ABC$, ки AB=BC ва ∠B=$30^0$ мебошад, баландиҳои AD ва BE–ро мегузаронем (Рас.1). Дар секунҷаи ADC ∠D=$90^0$ мебошад, чунки AD бо BC перпендикуляранд ва кунҷи ∠C = $75^0$, чунки секунҷаи ABC баробарпаҳлу ва ∠B=$30^0$ мебошад, пас ∠A= $15^0$ аст.

Мувофиқи таърифи тангенси функсия, яъне, нисбат ба катети муқобили кунҷ хобида, бар катети ба кунҷ часпида, ки тангенс ном дорад, ҳосил мекунем: $tgA=tg15^0=\frac{CD}{AD}=\frac{2-\sqrt{3}}{1}=2-\sqrt{3}$, ки дар ин ҷо AD=1, AB=2, BD=$\sqrt{3}$ аст. Бинобар он CD=$2-\sqrt{3}$ мебошад.

**Ҷавоб: $2-\sqrt{3}$**

Расми 1-ро истифода намуда, қиматҳои $\sin 15^0, \cos 15^0$ ва $ctg15^0$ –ро ҳам меёбем. Аз секунҷаи ACD маълум аст, ки AD=1 ва CD =$2-\sqrt{3}$ катетҳоанд. Мувофиқи теоремаи Пифагор гипотенузаи AC-ро ба осонӣ меёбем:

$$\mathrm{AC}=\sqrt{\mathrm{AD}^2+\mathrm{CD}^2}=\sqrt{1^2+(2-\sqrt{3})^2}=\sqrt{1+7-4\sqrt{3}}=2\sqrt{2-\sqrt{3}}$$

Мувофиқи таърифи синус:

$$\sin 15^0=\frac{\mathrm{CD}}{\mathrm{AC}}=\frac{2-\sqrt{3}}{2\sqrt{2-\sqrt{3}}}=\frac{(2-\sqrt{3})\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2\sqrt{2-\sqrt{3}}*\sqrt{2-\sqrt{3}}}=\frac{(2-\sqrt{3})\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2(2-\sqrt{3})}=\frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2}$$

Айнан ҳамин тавр, таърифи косинусро ба хотир оварда, ҳосил мекунем:

$$\cos 15^0 = \frac{AD}{AC} = \frac{1}{2\sqrt{2-\sqrt{3}}} = \frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2(2-\sqrt{3})} = \frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{4-2\sqrt{3}}$$

Инак, $tg15^0 = \frac{\sin 15^0}{\cos 15^0} = \frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2} : \frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{4-2\sqrt{3}} = \frac{\sqrt{2-\sqrt{3}}}{2} * \frac{4-2\sqrt{3}}{\sqrt{2-\sqrt{3}}} = 2-\sqrt{3}$

$$ctg15^0 = \frac{1}{tg15^0} = \frac{1}{2-\sqrt{3}}$$

Ҳамзамон, ин ҷо мисолҳои каме мушкилтарро, ки ба мисоли аввала алоқамандӣ дорад, дида мебароем:

а). Қимати ифодаро ёбед: $ctg30^0 + ctg75^0 = \sqrt{3} + tg15^0 = \sqrt{3} + 2 - \sqrt{3} = 2.$

б). Дурустии баробариро исбот кунед: $tg75^0 - 4\sin 30^0 = ctg30^0$

Исбот. Сараввал, тарафи чапи баробариро табдил медиҳем:

$$tg75^0 - 4\sin 30^0 = ctg15^0 - 4 * \frac{1}{2} = \frac{1}{2-\sqrt{3}} - 2 = \frac{1-2(2-\sqrt{3})}{2-\sqrt{3}} = \frac{1-4+2\sqrt{3}}{2-\sqrt{3}} =$$

$$= \frac{2\sqrt{3}-3}{2-\sqrt{3}} = \frac{(2\sqrt{3}-3)(2+\sqrt{3})}{4-3} = 4\sqrt{3} + 2*3 - 6 - 3\sqrt{3} = \sqrt{3}.$$

Акнун тарафи рости баробариро аз ҷадвали қиматҳои функсияҳои тригонометрӣ дидан мумкин аст, ки $ctg\ 30^0$ ба адади тарафи чапи баробарӣ $\sqrt{3}$ баробар аст. Бо ҳамин баробарӣ исбот шуд.

**№2**. Қимати $tg22^0 30^{/}$-ро ҳисоб кунед.

Ҳал: Аз формулаи тайёри $tg\alpha = \frac{1-\cos 2\alpha}{\sin 2\alpha}$ истифода мебарем ва табдилоти заруриро амалӣ намуда, ҳосил мекунем:

$$tg\alpha = \frac{1-\cos 2\alpha}{\sin 2\alpha} = \frac{1-\cos 45^0}{\sin 45^0} = \frac{1-\frac{1}{\sqrt{2}}}{\frac{1}{\sqrt{2}}} = \sqrt{2}-1$$




Акнун бо роҳи дигари боз ҳам сабуктари геометрӣ ба осонӣ ҳал мекунем.

**Расми 2.**

Чун дар мисоли аввала секунҷаи баробарпаҳлуи ABC–ро дида мебароем, ки AB = BC ва $\angle ABC = 45^0$ мебошад (Расми 2). Баландии AD-ро ба тарафи BC мегузаронем. Дар секунҷаи росткунҷаи ACD $\angle D$ кунҷи рост, мувофиқи талаботи шарти зермасъала кунҷи $C = 67^0 30^{/}$ мешавад, пас мувофиқи теоремаи суммаи кунҷҳои тези се кунҷи росткунҷа, кунҷи $\angle A = 90^0 - 67^0 30^{/} = 22^0 30^{/}$ аст, ки дар ин ҷо AD=BD=1 AB=BC=$\sqrt{AD^2 + BD^2} = \sqrt{2}$ ; $CD = BC - BD = = AB - BD = \sqrt{2} - 1;$ $AC = \sqrt{1^2 + (\sqrt{2}-1)^2} = \sqrt{1 + 2 - 2\sqrt{2} + 1} = \sqrt{4-2\sqrt{2}}$ мебошад.

Мувофиқи таърифи тангенси кунҷ: $tg22^0 30^{/} = \frac{CD}{AD} = \frac{\sqrt{2}-1}{1} = \sqrt{2}-1.$

**Ҷавоб: $\sqrt{2} - 1$.**

Ҳамзамон, метавонем қиматҳои $\sin 22^0 30^{/}$ ва $\cos 22^0 30^{/}$-ро ҳисоб карда, боз дурустии баробарии $tg45^0 + ctg67^0 30^{/} = 2\sin 45^0$ -ро санҷем:

$\sin 22^0 30^{/} = \frac{CD}{AC} = \frac{\sqrt{2}-1}{\sqrt{4-2\sqrt{2}}}$; $\cos 22^0 30^{/} = \frac{AD}{AC} = \frac{1}{\sqrt{4-2\sqrt{2}}}$

Имконият пайдо шуд, ки дурустии ҷавоби болоро бори дигар санҷем:

$$tg22^0 30^{/} = \frac{\sin 22^0 30^{/}}{\cos 22^0 30^{/}} = \frac{\sqrt{2}-1}{\sqrt{4-2\sqrt{2}}} * \frac{\sqrt{4-2\sqrt{2}}}{1} = \sqrt{2}-1$$

Инак, $ctg22^0 30^{/} = \frac{1}{tg22^0 30^{/}} = \frac{1}{\sqrt{2}-1} = \sqrt{2}+1$

Акнун дурустии баробарии $tg45^0 + ctg67^0 30^/ = 2\sin 45^0$-ро месанҷем. Барои ин аввал, тарафи чапи баробариро табдил медиҳем:

$$tg45^0 + ctg67^0 30^/ = tg45^0 + tg22^0 30^/ = 1 + \sqrt{2} - 1 = \sqrt{2}$$

Сипас, тарафи ростро: $2\sin 45^0 = 2 * \frac{\sqrt{2}}{2} = \sqrt{2}$.

Бо ҳамин нишон додем, ки ифодаҳои қисми чапу рости баробарӣ ба ҳамон як адади $\sqrt{2}$ баробаранд. Аз ин хулоса бармеояд, ки баробарии додашуда дуруст аст.

**№3**. Айниятро исбот кунед: $\cos 36^0 - \cos 72^0 = \frac{1}{2}$

Барои исботи ин айният аз формулаи косинуси дучанда ва баробар будани қимати $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$, ки дар мисоли №4 исбот мекунем, истифода мебарем.

Инак, $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$, бинобар он $\cos 36^0 = 1 - 2sin^2 18^0 = 1 - 2(\frac{\sqrt{5}-1}{4})^2 = \frac{1+\sqrt{5}}{4}$.

Аз формулаи мувофиқоварии $\cos\alpha = \sin(90^0 - \alpha)$ истифода намуда, ҳосил мекунем: $\cos 72^0 = \sin(90^0 - 72^0) = \sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$

Қиматҳои ҳосилшударо ба ҷояш мегузорем:

$$\cos 36^0 - \cos 72^0 = \frac{1+\sqrt{5}}{4} - \frac{\sqrt{5}-1}{4} = \frac{2}{4} = \frac{1}{2}$$

Айният исбот шуд.

Эзоҳ: Дар ин ҷо барои исботи айният метавонистем аз формулаҳои зерин низ истифода намоем:

$\cos\alpha - \cos\beta = -2\sin\frac{\alpha+\beta}{2}\sin\frac{\alpha-\beta}{2}$; $\sin(-\alpha) = \sin\alpha$; $\sin 2\alpha = 2\sin\alpha\cos\alpha$

Қимати $\sin 18^0 -$ро бошад, аз ҳалли муодилаи $\cos 2\alpha = \sin 3\alpha$ ҷустуҷӯ намоем, ки дар ҳақиқат $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$ мебошад.

Акнун роҳи геометрии исботи айнияти мазкурро дида мебароем.

Дар секунҷаи баробарпаҳлуи ABC (Расми3), AB=BC – тарафҳои паҳлуи буда, AC – асос мебошад, порчаи AD-ро мегузаронем (D ∈ BC), ки бо асос баробар аст, яъне AD=AC. Дар ин ҷо зарур аст, ки теоремаи косинусҳо $a^2 = b^2 + c^2 - 2bc\cos\alpha$, теорема дар бораи суммаи кунҷҳои дарунии секунҷа $\alpha + \beta + \gamma = 180^0$ ва бузургии кунҷи берунаи секунҷа $\delta = \beta + \gamma$ -ро ба хотир орем.




**Расми 3.**




**Расми 4.**

Агар ∠ABC = x (Расми 4) бошад, он гоҳ кунҷҳои ∠BAD = ∠ABC=x ва кунҷи ∠ADC=∠BAD+∠ABC=x+x=2x. Кунҷҳои ∠ACD =∠ADC = 2x; ∠BAC=∠ACD=2x; ∠DAC=∠DAB=x аст. Кунҷи ∠ADB= =∠ACD +∠DAC=2x+x=3x мешавад.

Суммаи кунҷҳои дарунии секунҷаи ABD: ∠A+∠B+∠D=x+x+3x=5x

Инчунин, суммаи куҷҳои дарунии секунҷаҳои ACD ва ABC низ 5x аст, пас $5x = 180^0$, аз ин ҷо

$x = \frac{180^0}{5} = 36^0$.

Инак, ∠ABC=x=$36^0$ ва ∠ADC=2x=$72^0$.

Нуқтаи D дар тарафи BC ҷойгир аст, бинобар он BC = BD+DC аст. Агар BD=1 бошад, он гоҳ аз секунҷаи ABD бармеояд, ки

$AB^2 = AD^2 + BD^2 - 2AD * BD\cos(3 * 36^0) = 1 + 1 - 2\cos 108^0 = 2 - 2 * (-\cos 72^0) =$
$= 2 + 2\cos 72^0 = 2 + 2(2cos^2 36^0 - 1) = 2 + 4\cos 36^0 - 2 = 4cos^2 36^0$ аст, худи AB-ро меёбем: $AB = 2\cos 36^0$. Айнан ҳамин хел, DC=$2\cos 72^0$мешавад.

Қиматҳои ҳосилшудаи $BC = 2\cos 36^0$; $BD = 1$ ва $DC = 2\cos 72^0$ –ро ба баробарии $BC = BD + DC$ гузошта ҳосил мекунем:

$$2\cos 36^0 = 1 + 2\cos 72^0$$

$2\cos 36^0 - 2\cos 72^0 = 1$ |:2

$$\cos 36^0 - \cos 72^0 = \frac{1}{2}$$

Айният исбот шуд.

**№4.** Қимати $\sin 18^0$–ро ёбед.

Ҳал: аз баробарии $\sin\alpha = \cos(90^0 - \alpha)$ истифода намуда, ҳосил мекунем:

$$\sin 36^0 = \cos 54^0 = \cos(36^0 + 18^0)$$

Аз формулаҳои синуси дучанда ва косинуси суммаи кунҷҳо ва баъдан аз формулаи косинуси дучанда истифода намуда, ҳосил мекунем:

$$\sin(2 * 18^0) = \cos 18^0 \cos 36^0 - \sin 18^0 \sin 36^0$$

$$2\sin 18^0 \cos 18^0 = \cos 18^0(1 - 2\sin^2 18^0) - 2\sin^2 18^0 * \cos 18^0$$

Ҳар ду тарафи баробариро ба $0 < \cos 18^0 < 1$ тақсим намуда, ҳосил мекунем:

$$2\sin 18^0 = 1 - 4\sin^2 18^0$$

Гузориши $\sin 18^0 = x$ –ро амалӣ намуда, ҳамчун муодилаи квадратӣ ҳал мекунем: $4x^2 + 2x - 1 = 0$; мувофики маҳдудияти $0 < x < \frac{1}{2}$, $x = \frac{-1+\sqrt{5}}{4}$.

Пас, $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$

**Ҷавоб:** $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$

Роҳи геометрии ҳал чунин аст: дар расми 4-и мисоли пешина мо бузургиҳои кунҷҳои назди қуллаҳои A,B,C ва D-ро муайян намуда будем. Секунҷаҳои ABC ва CAD, ки ҳарду барбарпаҳлу ва ∠ABC=∠ACD аст, бинобар ин, онҳо монанданд. Пас $\frac{AC}{AB} = \frac{CD}{AC}$, аз ин ҷо $AC^2 = AB * CD$

Маълум аст, ки ∠ABC=$36^0$ ва ∠ACB=$72^0$. Агар AC=x, AB = y $(x < y)$ бошад, он гоҳ CD=BC−BD=AB-AC=y-x мешавад. Аз баробарии $AC^2 = AB * CD$ ҳосил мекунем: $x^2 = y(y - x)$; $x^2 = y^2 - xy$; $x^2 + xy - y^2 = 0$; $x = \frac{\sqrt{5}-1}{2}y$; $\frac{x}{y} = \frac{\sqrt{5}-1}{2}$

Хотиррасон мекунем, ки адади $\frac{\sqrt{5}-1}{2}$ –ро адади Фидий (Фидий – падари Архимед) меноманд ва эталони зебоӣ дар архитектура ба ҳисоб меравад.

Азбаски $\sin 18^0 = \cos 72^0$ ва $\cos 72^0 = \frac{\frac{1}{2}CD}{AC} = \frac{1}{2} * \frac{AC}{AB} = \frac{1}{2} * \frac{x}{y}$ аст, пас $\sin 18^0 = \frac{1}{2} * \frac{x}{y} = \frac{1}{2} * \frac{\sqrt{5}-1}{2} = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$.

**Ҷавоб:** $\sin 18^0 = \frac{\sqrt{5}-1}{4}$

Эзоҳ: қимати $\cos 36^0$ – ро ҳам аз расми 4 дида меёбем:

$$\cos 36^0 = \frac{\frac{1}{2}AB}{AD} = \frac{1}{2} * \frac{AB}{AC} = \frac{1}{2} * \frac{y}{x} = \frac{1}{\sqrt{5} - 1} = \frac{\sqrt{5} + 1}{4}$$

**Ҷавоб:** $\frac{\sqrt{5}+1}{4}$

**АДАБИЁТ**

1. Генкин, Г. З. Геометрические решения негеометрических задач: книга для учителя / Г. З. Генкин. – М.: Просвещение, 2007. – 79 с.

2. Бобоев, Қ. Маҷмуаи формулаҳо: математика, физика ва химия / Қ. Бобоев. – Хуҷанд: Ношир, 2019. – 172 с.

## МАКТАБИ ИЛМУ ДОНИШ

***И. АВҒОНОВА,***
***омӯзгори калони кафедраи педагогикаи ДМТ***

# ЧУ ИЗЗАТ БОЯДАТ, ТАРКИ ТАМАЪ КУН...



Таърих гувоҳ аст, ки дар тӯли асрҳо шахсиятҳое арзи ҳастӣ кардаанд, ки бо рафтору кирдорашон, бо суханони ибратбахшашон, бо ашъори дилангезашон, бо панду ҳикматҳояшон дар баланд бардоштани донишу ҷаҳонбинӣ ва маърифати ҷомеа саҳми босазо гузоштаанд.

Яке аз ин бузургон, мутафаккирон ва суханварони барҷастаи тоҷик дар XV Нуриддин Абдураҳмони Ҷомӣ мебошад. Ин шоир ва олими тавоно як давраи комили адабиёти тоҷику форсро бо асарҳои ҷовидонааш ҷамъбаст намудааст.

Мавзуъҳои асосии эҷодиёти Абдураҳмони Ҷомиро панду ахлоқи ҳамидаи инсонӣ дарбар мегирад. Абдураҳмони Ҷомӣ дар оилаи шахси бофазлу дониш ба дунё омадааст.

Падари Ҷомӣ Низомиддин Аҳмад ба тарбияи фарзанд ҷиддӣ муносибат мекард. Ӯ хатту савод ва сарфу наҳви забони арабиро то андозае аз падараш омӯхтааст. Дар ин хусус, яке аз шогирдони вафодораш Абдулғафури Лорӣ чунин менигорад: «Рӯзе сухан аз устодон ва муаллимони ҳазрати эшон дар миён афтод, фармуданд, ки мо ба ҳақиқат шогирди падари худ ҳастем, ки забон аз вай омӯхтаем».

Баъдан Абдураҳмони Ҷомӣ дар Ҳирот дар мадрасаи Низомия таҳсили илм мекунад. Ӯ аз Мавлоно Ҷунайдӣ забони арабӣ, асарҳои «Мухтасар-ул-маонӣ», «Ал-муттавал»-и Саъдаддини Тафтазониро омӯхта, доир ба илмҳои ҳикмат ва мантиқ, аз олимони машҳури замон Хоҷа Алии Самарқандӣ ва Шаҳобиддин Муҳаммади Ҷоҷармӣ сабақ мегирад. Ӯ, ки аз хурдӣ ақли расою зеҳни бурро дошт, ба ҳар як ҳодиса аз нуқтаи назари танқидӣ ва кунҷкобӣ менигарист. Истеъдоду қобилияти Ҷомӣ фавқулодда бузург буд, ки ҳатто устодон аз уҳдаи ба ӯ дарс додан намебаромаданд. Дар ин маврид Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар «Бадоеъ-ул-вақоеъ» чунин менависад: “Онҳо панҷ нафар буданд, панҷ нафар толибилм, донишҷӯ дар ҳуҷраи мадраса нишаста устоди худро интизоранд. Устод Мавлоно Муҳаммади Ҷоҷармӣ вориди ҳуҷра шуд. Шогирдон – Абдураҳмон, Ҳусайн, Шамсиддин, Довуд, Муиниддин аз ҷой хеста ба устод салом доданд.

Дарс сар шуд, муаллим аз онҳо вазифаи хонагиро пурсид, ҷавоби пурра ба саҳеҳ медоданд. Мавлоно ба шогирдон асари олими машҳур «Шарҳи тарид»-и Мавлоно Алии Қӯшчиро тадрис мекард. Ҳангоми шарҳу маънидоди баъзе масъалаҳои асар дар байни муаллим ва шогирдон дар ниҳояти кор шогирдон ғолиб мебаромаданд.

– Чӣ бояд кард? «Илоҷи воқеъа пеш аз вуқуъ» гуфтаанд, роҳ меҷуст устод. – Пас фикру тадбир он аст, ки ман худамро касал кунам ва шогирдонро дар кӯйи бекорӣ андозам. Вале ман бояд дар ин муддат шабу рӯз мутолиа кунам ва ба дарсгӯии шогирдон нағзтар тайёр шавам. Устод шогирдонро ба муҳлати 40 рӯз бо сабаби «касалӣ» ва ба табобат машғул шудани худ ҷавоб дод. Вале шогирдон сабаби касалии устодро фаҳмиданд. Бинобар ин, онҳо қарор доданд, ки ҳар рӯз дар масҷиди Муллокон ҷамъ омада, як нафарашон муаллим шаванд.

Ҳамин тавр, онҳо дар муддати 40 рӯз як нафарӣ бо навбат дарс гуфтанд ва дониши худро сайқал доданд. Устод барои шогирдони гапнодаро супоришу саволҳои ниҳоят душворро тайёр мекард ва хурсанд буд, ки дониши зиёде пайдо кардааст, то як сол метавонад ба шогирдон дарс диҳад.

Ниҳоят рӯзи 40-ум ба шогирдон хабар медиҳанд, ки устод аз бистари беморӣ хестааст ва имрӯз дарс мегӯяд. Онҳо ба дарс ҳозир шуданд. Устод ба шарҳи як масъалаи мураккаб оғоз кард. Шогирдон пеш аз устод ҷавоб доданд. Устод ҳайрон шуд ва гуфт: Шогирдони азизам, ман касал набудам, мутолиа кардам, хондам, то ки ба шумо дарс гӯям.

Вале, хушбахтона, шумо бузург ва устод шудаед, ҷавон бошед ҳам, дигар шуморо ҳеҷ кас қудрати дарс додан надорад.

Ҳамаи илмҳоро аз худ кардаед, ба шумо роҳи сафед металабам. Он чор нафар шарикдарсони Ҷомӣ, ки зикрашон карда будем, дар ҳақиқат, олимони замони худ гаштанд”.

Баъд аз ин, Абдураҳмони Ҷомӣ дар 23-солагӣ ба Самарқанд меояд. Ӯ чанд муддат дар назди Қозизодаи Румӣ аз илмҳои ҳисоб, риёзиёт ва нуҷум таълим мегирад.

Ҷомӣ на танҳо назди устодаш дарс мехонад, балки ба корҳои илмии Қозизода ёрӣ низ мерасонад. Вай дар базмҳои муллобачаҳо иштирок намекард, нафрат дошт. Ҷомӣ бештар дар баҳсу мунозираҳои олимони машҳур ҳозир мешуд, агар лозим мешуд, сухан мегуфт. Ӯ суханро дароз намекард. Суханҳояш муҷаз ва бомаънӣ буданд.

Абдураҳмони Ҷомӣ дӯстон ва шогирдони зиёде дошт, ки бо онҳо пайваста базми шеъру суруд ва суҳбатҳои дилангез мерост. Яке аз шогирдони беҳтарини Ҷомӣ Мир Алишер Навоӣ буд. Муносибати онҳо на ҳамчун устоду шогирд, балки мисли ду дӯсти ҷонӣ ва ду ҳамкору ҳаммаслак ба назар мерасад. Онҳо бо якдигар рубоӣ, қитъа ва байтҳои ҷавобия навишта, ҳамчунин, дар рӯзҳои сахтӣ тасаллидиҳандаи қалбу руҳи якдигар будаанд.

Мир Алишер Навоӣ мисли устоди худ ҷавононро аз дунёи поксириштию поктинатӣ, ҷавонмардию хоксорӣ бохабар намудааст. Чунончи дар ситоиши ҷавонмардию саховатмандӣ гуфтааст:

*Ҷавонмард аз карам муфлис нагардад,*
*Сахиро аз ато чин нест дар чеҳр,*
*Ба пошидан чӣ нуқс ояд ба дарё,*
*Ба афшондан чӣ кам гардад зари меҳр?*

Дар ин қитъа Алишер Навоӣ хислатҳои наҷиби инсониро тараннум карда, дар баробари он тамаъкорӣ, мардумфиребӣ ва дуруғгӯӣ барин сифатҳои пасти ба инсон ношоистаро мазамат кардааст. Дар ҷойи дигар шоир мегӯяд:

*Чу иззат боядат, тарки тамаъ кун,*
*Гадоёнро аз ин маънист хорӣ.*
*Маҳ аз хуршеди равшан чун зиё хост,*
*Сияҳрӯ гашт аз он боэътиборӣ.*

Навоӣ дар ин навиштаи худ қадру қимати шахсро яке аз муҳимтарин нишонаҳои инсони комил шумурда, ришваситониву тамаъҷӯиро воситаи аслии беқадр гардидани инсон дар ҷамъият донистааст, инчунин, риёкоронро мазамат мекард ва ба гадоён баробар медонад. Адиб хонандагони ашъорашро ҳамеша ба эҳтиёткор будан талқин мекард. Онҳо набояд ҳар сухани шунидаро бемулоҳиза байни халқ паҳн намоянд. Ба ғайр аз ин, зам намудани сухани дигарро ба худ роҳ надиҳанд ва гӯшро аз ҳарфҳои ношуниданӣ, забонро аз суханҳои ногуфтанӣ нигоҳ доранд. Чунончи:

*Ҳар чиз расад зи аҳли даврон махурӯш,*
*В-аз қисми азал зиёдаро беш макӯш.*
*Барбанд зи ношуниданӣ, рахнаи гӯш,*
*В-аз ҳарчи ногуфтанӣ, забон дор хомӯш.*

Аз мутолиаи ашъори ин ду мутафаккири барҷаста бармеояд, ки дар меҳвари эҷодиёташон панду ҳикмат ва андарз қарор дошта, ба хонандагон ғизои маънави бахшида, онҳоро ба пайроҳаи рости ҳаёт раҳнамоӣ мекунанд.

Фаъолият ва муносибати неки Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Мир Алишер Навоӣ мактаби илму адаб буда, ашъорашон дар тарбияи маънавии ҷавонон нақши босазо мегузорад.

**ТАҲҚИҚ**

***Равшан РАҲМОНӢ,***
***профессори ДМТ***

# ПАЙВАНДГАРИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ФОРСИИ ДАРИИ ТОҶИКӢ



Гоҳе дар раванди зиндагӣ бо касоне вомехӯрем, ки аз лаҳзаҳои аввали дидор гумон мекунем, ки ӯро солҳо дидаем, ошнои дерина ҳастем. Моҳи июли соли 2007 дар шаҳри Тифлиси кишвари Гурҷистон, дар як ҳамоиши эроншиносӣ донишманди лаҳистонӣ Марек Смужински (Marek Smurzyński) шинос шудам.

Дар чанд рӯзи ҳамоиш бо ҳам будем. Ӯ ба гӯиши адабии форсӣ чунон гап мезад, ки шунаванда гумон мекард, ки вай эронӣ аст; хушсуҳбат, ширингуфтор, шеърдон, сухандони моҳир. Мушоҳида кардам, ки ҳунари актёрӣ дошт. Андешаашро дар ҳар мавзуъ ба шунавандааш бо маҳорат, дилнишин, зебо ва бо лаҳни мақбул пешниҳод мекард. Вақте ӯ сухан гӯяд, шунаванда мехоҳад, ки ӯро гӯш кунад ва аз гуфтори дилнавозаш лаззат барад. Ӯ ҳангоми суханронӣ гоҳе байте аз классикони адабиёти форсии тоҷикӣ меовард, гоҳе ҳикояҳои хурди ибратомӯзро аз осори Саъдӣ, Зоконӣ ё Ҷомӣ мегуфт, гоҳе кадом панде аз адабиёти лаҳистониро ба ёд оварда шарҳ медод. Ин ҳамаро бо ҳаракати дастон, қиёфабозии чашму абрӯву чеҳра, аз ҳама муҳим, бо садои гуворои вижаи худаш баён менамуд. Шунаванда ва ҳамсуҳбаташ гумон мекард, ки ӯ нақш мебозад ва ҳунарманди моҳири театр аст.

Марек Смужински 10-уми июни соли 1954 дар шаҳри Лоди кишвари Лаҳистон (Полша) ба дунё омадааст. М.Смужински баъди хатми мактаб соли 1972 ба факултети филологияи Донишгоҳи Лодз (Lodz University) дохил шуда, давраи магистрии онро соли 1977 бо поён расонд. Дар ҳамин донишгоҳ оид ба масъалаҳои назарияи адабиёти лаҳистонӣ рисолаи магистрӣ таълиф намуда, дифоъ кард.

Ба гуфти худаш бештар ба адабиёт, фалсафа, маънавиёт алоқа дошт. Асарҳои олимон ва адибони машриқзаминро мутолиа мекард. Дар раванди таҳсил ба таври ихтиёрӣ бо муҳаббат забони санскрит, афсонаҳои ҳиндӣ ва фалсафаи ҳиндро омӯхт. Ин ҷавони ҷӯё ва пӯё таърих, фарҳанг ва ҷуғрофияи кишварҳои Шарқро азхуд карда, кишвари Эронро пуле байни Ҳинд ва Аврупо дарёфт. Ин буд, ки бо забони лаҳистонӣ ба мутолиаи таърих ва адабиёти форсии Эрон машғул шуд. Бахусус, мутолиаи шоирони каласик ӯро мафтуни ин адабиёт сохт.

Баъдан тасмим гирифт, ки соли 1978 ба Донишгоҳи Варшава рафта, дар риштаи эроншиносӣ таҳсил кунад. Бо муҳаббат машғули донишомӯзӣ шуда, забони форсиро дар сатҳи аъло омӯхт.

Солҳои 1982-1984 аз ҷониби ширкати лаҳистонии Будимекс (Budimex), ки дар шаҳри Исфаҳон фаъолият дошт, ҳамчун мутарҷим кор кард. Ӯ тарҷумони неругоҳи барқ буд, ки байни Исфаҳон ва Шоҳоншаҳр қарор дорад. Дар неругоҳ русҳо, лаҳистониҳо ва маҷориҳо фаъолият мекарданд. Тавре ки худаш, мегуфт аз шаши субҳ то соати 6-7 баъд аз зуҳр машғули кор буд.

Соли 1984 аз Эрон баргашта, барои дарёфт намудани мадраки дигари магистрӣ дар Донишгоҳи Варшава (Warsaw University) таҳсилро идома дод ва онро соли 1986 хатм кард. Аз соли 1986 дар як муддати кӯтоҳ аз забони лаҳистонӣ ба форсӣ ва баръакс аз форсӣ ба лаҳистонӣ ба тарҷумаи санадҳои расмӣ машғул шуд, ки ин оғози фаъолияти тарҷумониаш маҳсуб меёфт.

Дар солҳои 80-уми садаи XX алоқаи М. Смужински ба омӯзиши забону фарҳанги суннатии эронӣ зиёд гашт ва тамоми умр дилбастаи ин забону адабиёту таъриху тамаддун гардид. Таҳсил дар риштаи эроншиносӣ, мутолиаи адабиёти классик ва муосири Эрон диққати ӯро бештар ҷалб намуд. Шавқу ҳавас ба забон, адабиёт, таърих ва ба таври куллӣ фарҳанги мардум ӯро водор сохт, ки ба он кишвар равад ва ба таҳсили худ идома диҳад. Агарчи ӯ соҳиби ду мадраки магистирӣ буд, вале ба Донишгоҳи Теҳрон дохил шуд.

Аз соли 1989 то соли 1993 дар Теҳрон бо омӯзишу пажуҳиши забон ва адабёти форсӣ машғул шуд ва дар ин муддат баъди омодагӣ шомили Донишгоҳи Теҳрон гашта, дар магистратураро таҳсил намуд. Забондонӣ, хушсуханӣ ва кордонии ӯ буд, ки аз соли 1993 то 1996 дар муассисаи Луғатномаи Деҳхудо барои шаҳрвандони хориҷӣ, ки дар Теҳрон буданд, аз забони форсӣ дарс мегуфт.

Марек Смужински мафтуни адабиёти классик, бахусус, осори адибони ирфонӣ буд. Дар натиҷаи мутолиаҳои осори тасаввуфӣ, диққати ӯро рӯзгор ва осори Саноии Ғазнавӣ ҷалб намуд. Мавсуф баъди омӯзишҳои зиёд ба пажуҳиши асари «Сайр-ул-ибод илал маод»-и Саноӣ машғул мешавад ва ин асарро аз ҷиҳати назарӣ ва фарҳанги суннатию фолклорӣ мавриди таҳқиқ қарор медиҳад.

Ба таъкиди ӯ, дар «Сайр-ул-ибод илал маод» рамзу розу намодҳо ва рафторҳои фарҳанги суннатии ҷаззобе вуҷуд дорад. Дар он расму оинҳо ва як навъ фарҳанги суннатии вижае дида мешавад, ки шояд онҳо дар зиндагӣ вуҷуд надоштанд ё шояд дар Хуросони қадим буданд. Вай ҳамин вижагиҳоро, ки як навъ интиқол аз фарҳанги суннатии гуфторӣ ба фарҳанги навишторӣ аст, таҳқиқ менамояд. М.Смужински ба нусхаи хаттии «Сайр-ул-ибод илал маод» бо диди суннати гуфторӣ менигарад. Дар натиҷаи мутолиа дарк мекунад, ки котибони нусхаи хаттӣ ҳангоми мутолиаи воқеаҳои фарҳангу оинҳои гуфтории асар ба иштибоҳ роҳ додаанд. Дар ҷараёни таълифи рисолаи доктори фалсафаи (PHD)-и худ, ба нусхаи навишторий «Сайр-ул-ибод илал маод» аз ҷанбаҳои мухталифи мардумшиносӣ таваҷҷуҳ мекунад. Соли 1997 дар мавзуи «Тасҳеҳи интиқодии Сайр-ул-ибод илал-маъод»-и Саноии Ғазнавӣ ва сохтори тамсилии он» дар Донишгоҳи Теҳрон рисолаи худро дифоъ кард ва соҳиби унвони доктор фалсафа (PHD) гашт.

Марек Смужинскиро масъалаҳои гуногуни таҳқиқи адабиёти классик ва муосири Эрон ҷалб сохт. Ӯ асарҳои мавриди назарашро бо нигоҳи нав пажуҳиш мекунад. Дар навиштаҳои худ ҳам диди назарии аврупоӣ ва ҳам равишҳои навро ба кор мебарад, аз ҷумла, ба пажуҳиши падидоршиносӣ дар ин ё он асари бадеӣ таваҷҷуҳ менамояд. Дар ин маврид зери унвони “Тавсифи иртиботи фазои “Ақли сурх”-и Шаҳобиддни Яҳё Суҳравардӣ” ҳамчун омӯзиши зеҳнии ирфонӣ” (2001) оид ба асари «Аҳли сурх»-и Суҳравардӣ (1155-1191) мақолае менависад. Пеш аз он ки дар бораи ин рисола назари худро гӯяд, аввал онро ба забони лаҳистонӣ тарҷума мекунад. Баъдан роҷеъ ба равобити маконӣ ва замонии он изҳори назар намуда, ҷиҳати фазоии онро шарҳ медиҳад ва ҷойгоҳи вижаро дар омӯзиши ақлии ирфонӣ мушахас мекунад.

Дар пажуҳиши ин рисола М. Смужински ишора бар он намудааст, ки Суҳравардӣ хонандаро дар шароити гуногуни замонӣ ва маконӣ қарор медиҳад. Ба гуфти пажуҳанда, муаллиф дар пеши чашмонаш фазоро тағйир медиҳад, ба ҳаракат меоварад, ки он ба номи як ҳақиқати воқеъ вуҷуд надорад.

Марек Смужинскиро насри муосир ва адабиёти навини эронӣ ҷалб менамояд. Маълум мешавад, ки дар Эрон осори бадеии зиёди аврупоӣ тарҷума шудааст ва адибони эронӣ ба адабиёти пасмодерн низ такя доштаанд. Дар натиҷа нависандагони зиёд бо ин равиш асар таълиф намудаанд. Ӯ ин гуна асарҳои адибони эрониро таҳқиқ намуда, дар чандин ҳамоишҳои байналмилалӣ суханронӣ мекунад.

Соли 1997 М. Смужински ба Лаҳистон бармегардад ва дар соли 1998 ҳамчун омӯзгори забон ва адабиёти форсӣ дар Донишгоҳи Ягеллон фаъолият менамояд. Ба таври мунтазам заҳмат кашида, бо пажуҳиш, тарҷума ва тадрис машғул мешавад. Дар ҳамоишҳо ба сафарҳои расмӣ ба кишварҳои хориҷӣ меравад. Аз тариқи матбуот оид ба забон, адабиёт, таърих, фарҳанги гузашта ва имрӯзи эрониён мусоҳибаҳо анҷом медиҳад.

Дар мавридҳои муносиб дар ҳамоишҳои илмӣ ва тарҷумонӣ ба кишварҳои хориҷӣ низ меравад. Аз ҷумла, моҳҳои апрел ва октябри соли 2005 ҳамчун тарҷумон аз тарафи як муассисаи низоми амрикоӣ ба шаҳри Кобули Афғонистон даъват мешавад. Зимни ин сафари расмӣ, ки тарҷумаи санадҳои расмӣ ва навиштани гузоришҳоро ба уҳда дошт, кӯшиш менамояд, ки оид ба забон, адабиёт, таърих ва фарҳанги мардуми Афғонистон низ мавод гирд оварад.

Тавре ки мегуфт, дар фурсатҳои муносиб дар шаҳри Кобул қадам зада, бо мардум суҳбат мекард. Дар ин суҳбатҳо, пеш аз ҳама, забони онҳо ӯро ҷалб месозад, ки гуфтори дарӣ як гӯиши ҷолиб ва зебои форсӣ буда, барояш хел хушнаво менамояд. Ӯро ривоятҳои мардуми Кобул дар бораи маҳалҳои ин шаҳр ба худ мекашад, бахусус, он ривоятҳое, ки дар бораи зиёратгоҳҳои шаҳри Кобул аст. Ӯ ба нақли ривояткунандагон бо диққат гӯш медиҳад, шунидаҳои худро сабт мекунад.

Тавре ки М. Смужински зикр намуд, зиёрати «Ошиқону Орифон» ин дуто қабр аст. Мардум онро писарони Хоҷа Абдуллоҳи Ансорӣ (1006-1089) мегӯянд, ки дар Ҳирот зиндагӣ кардааст. Исми яке Абдусамад ва дигаре Абдусалом. Яъне, “Ошиқон” Абдусалом ва “Орифон” Абдусамад аст. Одамон барояш ривояти ба ҳамин монандро дар бораи зиёрати дигари шаҳри Кобул “Хоҷасафо ва Хоҷавафо” нақл мекунанд.

Ҳоло барои дарки бештари фаъолияти кории М. Смужински ба таври хронологӣ аз чанд асари нашршудаи ӯ дар бораи адабиёти форсӣ ёдовар мешавем.

Соли 1987 мақолаи ӯ «Вижагии эҳсосии жанри ғазал ва сохтори он» ба нашр расид, ки он диққати адабиётшиносонро зуд ба худ ҷалб намуд. Ӯ дар ин мақола оид ба чи гунагии ифодаи эҳсоси шоирӣ дар пайванди сохторӣ ва мазмуни ғазал сухан мегӯяд. Дар мақола ба он нуктаҳо аҳамият додааст, ки чи тавр эҳсоси баланди одамӣ дар қолаби ғазал ифода меёбад.

Яке аз масъалаҳои бисёр ҷолиб дар осори насрнависони эронӣ ин такя ба забон ва истифодаи андешаҳои ҳассоси ғиноии шоирони классик мебошад. Марек Смужински дар мақолаи “Унсурҳои поэтикаи лирикаи калассики форсӣ дар достонҳои кутоҳи адибони муосир” (1989) дар бораи ҳамин ҷиҳати зарифу латифи бархе нависандагон назари худро баён намудааст. Дар ин мақола бо мисолҳо ёдовар шудааст, ки чи гуна насрнависон дар навиштаҳои худ аз ашъори шоирони классики форсии тоҷикӣ, аз тасвирҳои шеърияти онҳо дар достонҳои кӯтоҳ кор гирифтаанд.

Марек Смужински мақолаҳои “Ҳудуди ошкору ниҳон дар фарҳанги форсӣ” (1988), “Ҳазор нуктаи бориктар аз мӯ” (1997), “Паратаксиси (тарзи сохтани ҷумлаҳои мураккаби) ривоятҳои форсӣ ва мушкилоти табақабандии (сигментатсии) матнҳои тарҷумашуда” (2002), “Ҷанбаи

инсоншиносии нусхаҳои хаттии форсӣ” (2002), “Сайр-ул-ибод илал маъод”-и Саноии Ғазнавӣ ҳамчун асари манзум” (2006), “Матн дар матншиносии исломии форсӣ ва эътибори он” (2006), “Таълифоти “Романи постмодернӣ дар Эрони пас аз инқилобӣ” (2008) ва ғайраро таълиф кардааст.

Дар ин мақолаҳо латофату зарофати адабиёти классик, сабки баёни адибон, бархе нуктаҳои муҳимми адабиёти муосир, масъалаҳои матншиносӣ ва монанди ин мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар мақолаҳои мазкур бо диди назарияи адабиётшиносии аврупоӣ нигариста, баъзе нуктаҳои тозаи назаррасро баён намудааст.

Дар аввали садаи XXI Марек Смужински бо пажуҳиши достонҳои муосири нависандагони эронӣ машғул буд. Диққати ӯро достонҳои Шаҳриёри Вахфипур (с. т. 1978) ҷалб менамояд. Ба гуфти пажуҳанда, Вахифипур аввалин нависандаи постмодерни эронӣ аст, ки достонҳои кӯтоҳ менависад. Яке аз достони ӯ таҳти унвони «Ду мурда» чоп шудааст. Ӯ ба таври дигар сабки Содиқи Ҳидоят (1903-1951) ва Ҳушанги Гулшериро (1938-2000) идома медиҳад.

Марек Смужински ҳамчун устоди забон ва адабиёти форсӣ дар Донишгоҳи Янгеллониан (Jagiellonian University) дар шаҳри Кракови кишвари Лаҳистон ба гуфтори тоҷикии Тоҷикистон ва Афғонистон низ таваҷҷуҳ дошт. Ба гуфти ӯ, дар донишгоҳи онҳо ба таври муқоисавӣ дар солҳои гуногун донишҷӯён забони тоҷикӣ низ меомӯзанд. Доктор Томаш Гасек ба таври худомӯз гӯиши тоҷикиро ёд гирифта, гоҳе дар бораи тафовути грамматика ва лексикаи гӯишҳои тоҷикиву форсӣ дарс медиҳад. Томаш Гасек забони тоҷикиро аз тариқи китобҳо, сабти овозии радио омӯхтааст, вале то ҳол ба Тоҷикистон нарафтааст.

Марек Смужински ба Тоҷикистон наомада буд, вале мегуфт, ки адабиёти классикии тоҷикии дарии форсӣ барои кишварҳои Тоҷикистон, Афғонистон ва Эрон муштарак аст. Ӯ кӯшиш дошт, ки бо осори нависандагони муосири тоҷик ошно шавад. Асарҳои устод Айниро мутолиа карда буд. Ҳамчунин, чанд ҳикояи нависанда Баҳманёрро низ хондааст. Ба гуфти худаш, замони дар Теҳрон таҳсил карданаш, дар хобгоҳ бо яке аз тоҷикҳо шинос мешавад ва бо чанд асари нависандагони тоҷик ошно мегардад. Марек Смужински мегӯяд, ки боре дар дасти он ҷавони тоҷик китоби нависанда Баҳманёрро ба алифбои форсӣ дидам, онро гирифта хондам, ки ба ман писанд омад.

Марек Смужински на танҳо омӯзгор, муҳаққиқ, балки як эроншиноси боэътибор дар кишвари Лаҳистон буд. Эшон узви созмонҳои “Ҷамъияти эроншиносони Аврупо ва анҷумани пажуҳишҳои Ховари Миёна” (Societas Iranologica Europaea and the Middle East Studies Association) буда, дар ҳамоишҳои байналмилалии пажуҳишҳои эроншиносӣ суханрониҳо доштааст.

М. Смужински ҳамчун тарҷумони боистеъдод аз забони форсӣ ба лаҳистонӣ дар айни замон аз лаҳистонӣ ба форсӣ асарҳои зиёдеро тарҷума кардааст. Ӯ аз забони форсӣ ба лаҳистонӣ достони Суҳроби Сипеҳрӣ “Садои пойи об” (1994), рисолаи Шаҳобиддини Яҳёи Суҳравардӣ “Ақли сурх” (1998)-ро тарҷума намудааст.

Бо ҳамкории Шаҳроми Шайдо ва Чука Чекад (Chooka Chekad) намунаҳои ашъори шоири лаҳистонӣ Вислава Шимборска (Wisława Szymborska)-ро ба форсӣ тарҷума карда, зери унвони “Одамҳои рӯи пул” (1997) дар Теҳрон ба нашр расонидааст. Аз форсӣ ба забони лаҳистонӣ 32 ғазали Ҷалолиддин Балхиро тарҷума кардааст, ки соли 2008 дар Краков чоп шудааст.

Ин донишманди фарзона моҳи феврали соли 2008 дар асоси ташхиси пизишкон ба бемории “лейкамия” (як навъи саратон) гирифтор шуд. То охирин лаҳзаи умр бо ин беморӣ мубориза бурд, вале 12 декабри соли 2009 аз олам даргузашт.

**АДАБИЁТ**

# ГУЛИСТОНИ СУХАН

***Саъдии ШЕРОЗӢ***

## ҲИКОЯТҲО АЗ “ГУЛИСТОН”

Ҷолинус аблаҳеро дид, даст дар гиребони донишманде зада ва беҳурматӣ ҳамекард. Гуфт:
– Агар ин доно будӣ, кори вай ба нодон бад-ин ҷо нарасидӣ.

*Ду оқилро набошад кину пайкор,*
*На доное ситезад бо сабукбор.*
*Агар нодон ба ваҳшат сахт гӯяд,*
*Хирадмандаш ба нармӣ дил биҷӯяд.*
*Ду соҳибдил нигаҳ доранд мӯе,*
*Ҳамедун саркаше в-озармҷӯе.*
*В-агар бар ҳар ду ҷониб ҷоҳилонанд,*
*Агар занҷир бошад, бигсалонанд.*
***
*Яке зиштхӯе дод дашном,*
*Таҳаммул карду гуфт: «Эй некфарҷом,*
*Батар з-онам, ки хоҳӣ гуфтан, онӣ,*
*Кидонам, айби ман чун ман надонӣ»*



*********

Саҳбони Воилро дар фасоҳат беназир ниҳодаанд ба ҳукми он, ки бар сари ҷамъ соле сухан гуфтӣ ва лафзе муқаррар накардӣ ва агар ҳамон иттифоқ афтодӣ, ба иборати дигар бигуфтӣ ва аз ҷумлаи одоби нудамо яке ин аст.

*Сухан гарчи дилбанду ширин бувад,*
*Сазовори тасдиқу таҳсин бувад,*
*Чу як бор гуфтӣ, магӯ, бозпас,*
*Чу ҳалво як бор хӯрданд, бас.*

*********

***Расул ҒАМЗАТОВ***

## ҚИССАИ ПАЙРОҲАИ ПАДАРАМ
## (аз китоби “Доғистони ман”)

Аз авулчаи мо Сада то авули калони Хунзах роҳи автомобилгард ҳаст. Дар Хунзах маркази ноҳия воқеъ аст. Падарам ба Хунзах ҳамеша на бо роҳи умум, балки бо пайроҳаи худ мерафт. Ӯ низ пайроҳаро худ нишона карда, худ кушодааст ва ҳар пагоҳу ҳар бегоҳ бо он худ равуо дошт.



Падарам аз пайроҳаи худ аҷаб гулҳои зебо меёфт. Ва аз он гулҳо гулдастаҳои боз ҳам зеботаре мебаст.

Зимистон ӯ дар ду тарафи пайроҳа аз барфи навборида ҳайкалчаҳои одам, асп ва савора месохт. Бошандагони Сада ва сокинони Хунзах омада, ин ҳайкалчаҳоро тамошо мекарданд.

Он дастаҳои гул кайҳо пажмурдаву он ҳайкалчаҳои барфин кайҳо об шудаанд. Аммо гулҳои Доғистон ва симои мардуми кӯҳистон дар шеърҳои падарам зиндаанд.

Дар овони наврасиам ки он вақт падарам зинда буд, коре баромаду Хунзах рафтанӣ шудам. Аз роҳи калон тоб хӯрда, хостам ба пайроҳаи падарам дароям. Як пирамарди кӯҳистонӣ маро дида, аз роҳ боздошт ва гуфт:

– Пайроҳаи падаратро ба худаш мон. Ту пайроҳаи дигаре, пайроҳаи худро ҷустуҷӯ бикун.

Ман ба гапи он пирамард даромадам ва дар ҷустуҷӯйи роҳи нав афтодам. Пайроҳаи суруди ман дуру дароз ва пурпечутоб баромад, вале ман бо он равонам ва барои гулдастаи худ гулҳо мечинам.

Фикри навиштани ин китоб низ аввал дар ҳамин пайроҳа пайдо шуд.

Ният кардану ҳомила шудан – ҳар ду баробаранд. Фарзанд ҳатман таваллуд мешавад, лекин онро, чунон ки зан ҷанинро дар батнаш мебардорад, тоқат карда бардоштан ва баъд дар зери обу арақ монда, дард хӯрда, таваллуд кардан лозим аст. Агар инро ба китоб нисбат диҳем, навиштан лозим аст.

Вале номи фарзандро пеш аз ба дунё омаданаш интихоб кардан мумкин. Ман ба китоби худ чӣ ном диҳам? Номашро аз гулҳо иқтибос кунам? Ё аз ахтарон? Ё аз китобҳои пурҳикмат?

Не, ман ба аспи худ зини бегона намезанам. Номи бегона ном не, фақат лақаб ва тахаллус шуда метавонад.

Ин гапҳо ҳама дурустанд. Лекин агар ту сарлавҳа меҷуста бошӣ, бояд мундариҷаи китоби оянда ва мақсади худро ба асос бигирӣ. Кулоҳро ба сар андоза карда гир, на сарро ба кулоҳ. Тори танбӯр ба қади танбӯр баробар мешавад.

Авулам, кӯҳистонам, Доғистонам. Туӣ ошёни фикру андешаҳоям, ҳиссиётам ва азму суботам. Худи ман ҳам ба мисли чӯҷаи навболупар аз ин ошён парвоз кардаам. Ҳамаи сурудҳоям низ аз ҳамин ошён бурун омадаанд. Доғистон хонаи ман аст. Доғистон гаҳвораи ман аст. Пас, андешаи бисёр чӣ ҳоҷат? Дар кӯҳистон писар таваллуд шавад, аксаран номи бобояшро мемонанд. Китоб зодаи туст ва ту – зодаи Доғистон.

Пас, номи китоб бояд «ДОҒИСТОН» шавад. Оё номи аз ин мувофиқтар, зеботар ва арзандатаре ҳаст?

Мамлакатеро аз рӯйи байрақчаи мошини сафираш мешиносанд. Китоби ман – мамлакати ман аст. Номаш –байрақчаи он.

Фикру андешаҳои марди қаламкаш дар ҳар саҳифа, ҳар сатр барои ҳар калима байни худ баҳс мекунанд.

Инак, андешаҳои ман низ барои номи китоб байни худ баҳс доранд – монанди вазироне, ки дар ягон маҷлиси байналхалқӣ ҳатто аз муҳокимаи рӯзнома сар карда, мунозишаву кашмакашҳо ба миён меоранд. Инак, вазире таклиф мекунад, ки ба китоби оянда «Доғистон» ном дода шавад. Ба вазири дигаре таклиф хуш намеояд. Ӯ коғазҳоро пеши худ паҳн карда, чунин эътироз пеш меорад:

– Намешавад. Мувофиқ нест. Номи як мамлакатро оё ба як китоби хурд додан мумкин аст? Ба кӯдак попохи падарашро намепӯшонанд!

– Чаро намешавад? – эътироз менамояд вазири аввала. – Вақте ки моҳтоб дар осмон шино дораду аксаш ба рӯйи оби баҳр ё дарё афтодааст, мо акси онро ҳам моҳтоб мегӯем, на чизи дигар. Наход, ки барои акси моҳтоб ҳам номи дигаре ёфтан лозим бошад? Дуруст аст, ки дар афсонае рӯбоҳ ба гург акси моҳтобро нишон дода, ин як порча равған аст мегӯяд ва гурги бефаҳм бовар карда, худро ба дарё ҳаво медиҳад. Лекин маълум, ки рӯбоҳ фиребгар ва маккораи қадим аст.

– Намешавад. Мувофиқ нест, – якравӣ мекунад вазири дигар. – Доғистон, пеш аз ҳама мафҳуми ҷуғрофист. Кӯҳҳо, дарёҳо, дараҳо, чашмаҳо ва ҳатто баҳрҳо. Вақте ки ба ман «Доғистон» мегӯянд, пеш аз ҳама харитаи ҷуғрофиро мебинам.

– Не, не! – ба гап ҳамроҳ мешавам ман. – Дили ман аз меҳри Доғистон лабрез аст, аммо Доғистон харитаи ҷуғрофӣ нест. Доғистони ман умуман ҳудуди ҷуғрофӣ ё ҳадду ҳудуди дигаре надорад. Доғистони ман ҷараёни якмаром ва мунтазами таърихӣ ҳам надорад. Китоби ман, агар онро нависам, ба китоби дарсии Доғистон монанд нахоҳад шуд. Ман асрҳоро ба ҳам омехта сипас ҳақиқати воқеоти таърихӣ, мазмуни зиндагии халқ, маънии асосии калимаи «Доғистон»-ро мегирам.

Дар назари аввал Доғистон барои ҳамаи доғистониён ягона аст. Бо вуҷуди ин ҳар доғистонӣ барои худ Доғистоне дорад.

Ман низ хосса Доғистоне дорам, ки онро танҳо ман чунин мебинамаш, танҳо ман чунин медонамаш. Аз ҳамаи он чи дар Доғистон дидаам, аз сар гузаронидаам ва аз ҳамаи он чи, тамоми доғистониён пеш аз ман ва ҳамроҳи ман аз сар гузаронидаанд, аз суруду мавҷи рӯдҳо, мақолу маталҳо, уқобу кӯҳҳо, аз пайроҳаҳои кӯҳӣ ва ҳатто акси садои кӯҳҳо дар ниҳодам Доғистони хоси ман бунёд ёфтааст.

***Тарҷумаи Абдулло Зокир***

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

## БЕҲТАРИН ДОНИШГОҲҲОИ ҶАҲОН ДАР СОЛИ 2023 МУАЙЯН ШУДАНД

CWUR (Center for Rankings University World), ки аз ҷониби Маркази рейтинги ҷаҳонии донишгоҳҳо дар Аморати Муттаҳидаи Араб тартиб дода шудааст, имсол беш аз 20 000 муассисаи таҳсилоти олиро баҳогузорӣ кардааст. Зимни баҳогузорӣ 2000 донишгоҳи беҳтарин аз 95 кишвари ҷаҳон ба ин радабандӣ шомил карда шуданд. Ҳангоми баҳогузорӣ сифати таҳсил, тадқиқот ва мавқеи хатмкунандагон дар бозори меҳнат ҳамчун меъёр ба инобат гирифта шудаанд. Дар мавқеи аввал Донишгоҳи Ҳарвард қарор гирифтааст.

Ҳамин тариқ, ба 20 донишгоҳи беҳтарин 16 донишгоҳи ИМА, беҳтарин донишгоҳи Аврупо - Кембриҷ дар ҷои 4-ум ва беҳтарин донишгоҳи Осиё - Донишгоҳи Токио дар ҷои 13-ум шомиланд.

## ТОЗАНАШР

***Н.САНГИНЗОДА***

# МИНБАРИ ИЛМУ ДОНИШ

## БОЗНАШРИ КИТОБҲОИ НАВИСАНДАИ НОМВАРИ ТОҶИК




*Ба хотири арҷ гузоштан ба хизматҳои нависанда, рӯзноманигор ва коргардони боистеъдоди тоҷик Сайф Раҳимзоди Афардӣ бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон китобҳои ин нависандаи хушбаён бознашр гардид.* Китобҳои «Чашми саҳар», «Гунчишки сафед», «Аз ёдҳо, аз ёдҳо», «Ситораҳои сари танӯр», «Падруду пайғом», «Васвасаҳои зикривайҳ» ва «Доғҳои офтоб», ки солҳои гузашта ба нашр расида буданд, бо дарназардошти хонандаи зиёд доштанашон барои насли ҷавони замони Истиқлол аз нав чоп карда шуданд.

Бояд гуфт, ки аксари қиссаву ҳикояҳо инъикосгари рӯзгори мардуми заҳматкаши кӯҳистон буда, симои қаҳрамонҳои асар воқеӣ ба қалам дода шудааст ва яке аз хусусияти ҷолиби осори Сайф Раҳимзоди Афардӣ низ ҳамин аст.

Нашри китобҳои мазкур барои алоқамандони адабиёт туҳфаи арзишманд буда, барои пос доштани хотири яке аз шахсиятҳои барҷастаи миллат – Сайф Раҳимзоди Афардӣ амали неку мондагор мебошад.

## «ЧАРОҒИ ҲИДОЯТ»




Маҷмуаи нави нависанда Сипеҳр Ҳасанзод таҳти унвони «Чароғи ҳидоят» аз чоп баромад, ки он аз як қисса ва ёздаҳ ҳикоя иборат мебошад. Қиссаи «Чароғи ҳидоят» мушкилоти давраи наврасӣ, донишомӯзии қаҳрамон, рӯзгори рустоиён дар солҳои Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ ва фаъолияти густардаи маорифпарвари матинирода Самад Фаттоевро дар моварои пуртаҳаввули таърих бозгӯ мекунад.

Дар қиссаи мазкур муносибати роҳбари мактаб-интернат ба кӯдакон ва ятимон табиӣ бозтоб гардидааст. Чун ӯ (роҳбари мактаб-интернат) мебинад, ки дар интернат (парваришгоҳ) ҷойи хоб намерасад, бачагони бепарасторро ба хонаи худаш мебарад, дар қатори ҷигарбандонаш меҳӯронаду мепӯшонад ва ба камол мерасонад.

Сипеҳр Ҳасанзод дар таълифи ҳикоя низ дасти тавоно дорад. Ӯ бо ҷилавгирӣ аз падидаҳои номатлуби ҷомеа, назари хешро мегӯяд. Ин нукта дар ҳикояҳои «Ба дидори офтоб зор», «Туй барпо нашуд», «Санги сабук», «Бачаи шайтон» ва «Узри кабк» бармало ба мушоҳида мерасад.

## “ПАҲНОИ АНДЕША”

Дар ҷомеаи мо омӯзгороне фаъолият менамоянд, ки дар баробари таълиму тарбия ба омӯзушу таҳқиқ ва навиштани мақолаҳо машғуланд. Ин гурӯҳи омӯзгорон дар нигоштаҳояшон роҳҳои самарбахши таълиму тарбияро нишон медиҳанд, ки дар муассиру рангин гузаштани




дарсҳо мусоидат мекунанд. Муҳаммадраҳим Тошпӯлодов, омӯзгори литсейи №2 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе, аз ҷумлаи онҳост, ки пайваста навиштаҳояш дар матбуоти даврӣ ба табъ мерасанд. Китоби нави ӯ бо номи “Паҳнои андеша” (Душанбе, 2023. – 130 с.) ба нашр расид, ки дар он мақолаҳои равоншиносӣ, илмию методӣ ва оммавӣ гирд оварда шудааст. Дар ин маҷмуа доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, омӯзиши бавусъати забон ва адабиёти тоҷикӣ, интихоби дурусти касб, луғатдонию луғатомӯзӣ, ахлоқи ҳамида, рушди нутқи хонандагон ва амсоли инҳо сухан меравад. Аз ҷумла, дар мақолаи “Кӣ шудан мехоҳӣ?” таъкид шудааст: “Ҳар як кӯдак ба касбе меҳру муҳаббат пайдо мекунад ва дар оянда соҳиби ҳамон касб шуданро орзу мекунад. Кӯдаки зирак ва ҳушманд ҳанӯз дар синну соли томактабӣ оид ба ин ё он касб завқи худро зоҳир месозад. Вақте кӯдак дар синни хурди мактабӣ дар бораи касбу корҳои зиёд огоҳӣ меёбад, андешааш метавонад тағйир ёбад. Дар синни наврасӣ тасаввуроти хонанда рушд ёфта, ақидааш низ нисбат ба касбу корҳо мумкин аст тағйир ёбад. Дар синни калони мактабӣ мушоҳида, тасавуроту идроки хонанда нисбатан пухтаю пурра гашта, донишу ҷаҳонбиниаш такмил меёбад. Таъсири муҳит, дарки ҳаёту зиндагӣ ба касбинтихобкунии ӯ бе таъсир намемонад. Дар ҷараёни бакамолрасонӣ андешаи хонанда сайқал меёбад, ӯ касбиояндаи худро мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор дода, ба хулосаи муайян меояд”.

Як қисми навиштаҳои асарро мақолаҳо оид ба асарҳои М. Тошпӯлодов дар бар мегирад. Дарвоқеъ, мавсуф муаллиф ва мураттиби асарҳои илмию методии “Арзёбии сатҳи дониши хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе дар соли таҳсили 2007-2008”, “Санҷиши тестӣ дар синфҳои 5-11”, “Сатҳи таҳсилот”,”Фарҳанги имло аз фанҳои забони тоҷикӣ ва алифбои ниёгон”, “Гулдастаи меҳр”, “Панди падар”, “Ситоишномаи устод”, “Чаманистони маънӣ” ва ғайра мебошад, ки аз ҷониби хонандагон хуш пазируфта шудаанд.

Истифодаи матолиби китоби “Паҳнои андеша” барои устодону омӯзгорон дар ҷараёни машғулиятҳо судманд мебошад.

## «ВАҲДАТИ МИЛЛӢ» (феҳристи адабиёт)




Китоби «Ваҳдати миллӣ» (феҳристи адабиёт) аз чоп баромад, ки дар он маводу матолиби доир ба ваҳдати миллӣ ҷойгир карда шудааст. Ваҳдати миллӣ бузургтарин дастоварди мардуми тоҷик маҳсуб меёбад, ки бо талошу пайкор ва хидматҳои мондагори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар кишвари мо пойдор гардид ва заминаи асосиро ба рушди соҳаҳои хоҷагии халқ фароҳам овард. Авваллин шеъре, ки баъди ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» эҷод гардидааст, ба устод Лоиқ Шералӣ тааллуқ дорад:

*Раҳми парвардигори мо омад,*
*Нури ҳақ бар диёри мо омад.*
*Ҷанги бунёдсӯзи мо бигзашт,*
*Сулҳи бунёдкори мо омад…*

Бо гузашти беш аз ду даҳсола шоирону нависандагон, донишмандону таърихнигорон доир ба сулҳу субот ва ваҳдати миллии тоҷикон китобу мақола, суҳбату гузориш ва садҳо достону шеър ва қисса таълиф кардаанд. Аз ин рӯ, дар як маҷмуа ҷамъ овардани онҳо ва дар шакли феҳристи адабиёт пешниҳод кардан барои муҳаққиқону пажуҳишгарон ва таърихнигорон муҳимму судманд мебошад.

Китоби «Ваҳдати миллӣ» (феҳристи адабиёт) 3831 маводи чопии солҳои 1991-2022 дар бар гирифтааст.

**ШИНОХТ**

*Таҳияи АШРАФ*

# ТАБИАТ, ИЛМ ВА ТАФАККУРИ ТЕХНИКӢ



## МЕЧИСЛАВ БЕРНАТСКИ – МУҲАҚҚИҚИ ФУНКСИЯҲОИ АНАЛИТИКӢ ВА МУАЛЛИФИ КИТОБИ ГЕОМЕТРИЯ (1891 – 1959)

Марги Мечислав Бернатски, ки 21-уми ноябри соли 1959 дар Люблин рӯй дод, барои аҳли илми Лаҳистон талафоти калон буд. Ҳаёт ва фаъолияти илмию педагогии Бернатски бо ду шаҳри дорои донишгоҳҳо Люблин ва Познан алоқаманд аст.

Бернатски 30-юми марти соли 1891 дар Люблин дар оилаи зиёӣ таваллуд ёфтааст. Ӯ соли 1909 гимназияро хатм карда, ба шуъбаи химияи факултети фалсафаи Донишгоҳи Ягеллон дохил шуд. Муҳити сиёсӣ ба Бернатски таъсири калон расонид. Ӯро соли 1911 барои иштирокаш дар эътироз ба муқобили лексияҳои руҳонӣ Симмерман аз донишгоҳ хориҷ карданд. Пас аз чанд вақт ӯ ба Париж рафт, вале дар он ҷо ҳам натавонист мактаби олиро хатм кунад, зеро ин маротиба Ҷанги Якуми Ҷаҳонӣ сабаб шуд. Бернатски бо ихтиёри худ ба артиши Фаронса пайваст ва ду маротиба маҷруҳ шуд. Ӯ соли 1923 унвони якуми илмии Фаронса бо номи литсенсиат (дараҷаи илмии аз доктори илм пасттар, вале дар мамлакатҳои дигар аз дараҷаи докторӣ баландтар) соҳиб гашт. Ин литсенсиатро ӯ дар шуъбаи математикии Донишгоҳи Сорбон соҳиб гаштааст. Соли 1928 рисолаи доктириро дифоъ кард ва ба Лаҳистон баргашт. Дар давоми як сол ҳамчун ассистент дар Донишгоҳи Виленск фаъолият намуд, баъдан дар вазифаи профессори эксординатори математика дар Донишгоҳи Познан таъйин гардид ва дар ин вазифа то оғози Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ кор кард. Дар шаҳри Люблин муҳосира гардид ва баъди озод шудан дар ташкил ёфтани Донишгоҳи ба номи Мария Кюри-Склодовская дар Люблин саҳми босазо гузоштааст ва сарварии кафедраи математикаро ба уҳда гирифтааст. Соли 1946 узви Академияи илмҳои Лаҳистон интихоб гардидааст. Тадқиқоти Бернатски, асосан, ба назарияи функсияҳои аналитикӣ иртибот дошта, дар ин ҷода асарҳои зиёде ба чоп расонидааст. Дар ин миён пажуҳишҳои доир ба назарияи функсияҳои яккарата ва р – карата, инчунин, ба математика ворид сохтани мафҳуми функсияи р-каратаи миёна, функсияҳои р-карата аз рӯйи масоҳат ва функсияҳои мувофиқи онҳоро номбар кардан мумкин аст.

Қисме аз тадқиқоти Бернатски ба назарияи классикии бисёраъзогиҳо бахшида шудааст. Ӯ, дигар фаслҳои анализи математикӣ, аз ҷумла, доир ба муодилаҳои дифференсиалӣ низ пажуҳиш кардааст. Бернатски муаллифи китоби дарсии геометрия дар 2 ҷилд мебошад.

## АЛЕКСАНДР ЯКОВЛЕВИЧ ХИНЧИН - МАТЕМАТИК, ОЛИМ ВА ПЕДАГОГИ МАЪРУФ (1894 – 1959 )

Математики Шуравӣ Александр Яковлевич Хинчин дар соҳаҳои назарияи эҳтимолиятҳо, назарияи функсияҳо, системаи метрии ададҳо ва физикаи статикӣ асарҳои арзишманд таълиф



кардааст. Мавсуф соли 1894 дар деҳаи Кондрово Медински губернияи Калуга таваллуд шудааст. Соли 1911 Хинчин ба факултети математикаи Донишгоҳи Москва дохил шуда, дар давраи донишҷӯ буданаш дар соҳаи назарияи функсияҳои тағйирёбандаи ҳақиқӣ ба пажуҳиши илмӣ шуруъ намудааст. Соли 1916 донишгоҳи мазкурро хатм намуда, ҳамчун омӯзгор дар ҳамин мактаби олӣ ба фаъолият оғоз кардааст. Соли 1922 дар сохтори Донишгоҳи давлатии Москва Институти механикаю математика таъсис дода шуд, ки Хинчин яке аз кормандони нахустини ин даргоҳи нави илмӣ гардид. Соли 1927 Хинчин дар вазифаи профессор интихоб ва фаъолияти илмиаш пурра ба Донишгоҳи Москва алоқаманд гашт. Ӯ роҳбарии кафедраи назарияи эҳтимолиятҳо ва кафедраи анализи математикиро ба ухда доштааст. Солҳои 1932-1934 дар вазифаи директори Институти математика кор кардааст. Соли 1939 ба узвияти Академияи илмҳои ИҶШС интихоб гардида, корро дар Институти математикаи ба номи В.И.Стеклов оғоз намуд. Барои хизматҳои шоистааш дар ҷодаи илм соли 1940 соҳиби мукофоти Сталинӣ, Ордени Ленин, ду ордени Байраки Сурхи Меҳнат ва нишону медалҳои зиёд гаштааст. Пас аз ташкил ёфтани Академияи илмҳои педагогии РСФСР (соли 1943) корро дар ин муассисаи илмӣ оғоз кард ва солиёни зиёд узви президиуми он буд. Алексей Яковлевич Хинчин зиёда аз 150 кори илмӣ, аз ҷумла 12 монография ва китобҳои дарсӣ таълиф кардааст. Нахустин пажуҳиши ӯ доир ба назарияи эҳтимолият соли 1924 чоп шудааст. Хинчин барои схемаи Бернулли қонуни итератсионии логарифмро таҳқиқ кардааст. Дар солҳои охири ҳаёташ Хинчин ба методҳои математикии назарияи хизматрасонии оммавӣ машғул шудааст. Хинчин пажуҳишҳояшро доир ба назарияи хизматрасониҳои оммавӣ соли 1955 дар шакли монография ба нашр расонидааст, ки ҳоло дар замони автоматикунонии бисёр равандҳо татбиқи амалии худро пайдо кардаанд. Хинчин соли 1959 вафот кардааст.

## РОНАЛД ЭЙЛМЕР ФИШЕР – АСОСГУЗОРИ ОМОРИ МАТЕМАТИКИИ МУОСИР (1890 – 1962)



**29**-уми июли соли 1962 дар шаҳри Аделаидаи Австралия дили яке аз асосгузорони статистика математикии муосир Роналд Эйлмер Фишер аз задан бозмонд. Ин олим дар соҳаи омори математикӣ саҳми бузург гузоштааст. Мавсуф соли 1913 пас аз гирифтани маълумот ба сифати омӯзгори фанҳои физика ва математика кор кардааст. Соли 1933 Фишер профессори Донишгоҳи Лондон ва пас аз 10 сол профессори Донишгоҳи Кембриҷ гардид. Се соли охири ҳаёташ дар Австралия дар донишгоҳи шаҳри Аделаида ба пажуҳиш машғул будааст.

Пажуҳишҳои Фишер дар соҳаи омори математикӣ бо фарогири мавзуъҳояшон фарқ мекунанд. Яке аз нишонаҳои дар омор барои муқоисаи натиҷаҳои озмоишҳо бо натиҷаҳои дар натиҷаи истифодаи гипотеза ҳосилшуда (бо истилоҳ натиҷаҳои назариявӣ) критерияи “хи-квадратҳо” мебошад. Дар аввал ин нишонаро нодуруст корбаст мекарданд ва танҳо Фишер муайян кард, ки дар кадом ҳолат истифода бурдан мумкин аст. Аз ин ҷост, ки ин нишона “ хи – квадрати Пирсон-фишер” номида шудааст. Госсе нишон дод, ки ҳангоми мавҷуд будани якчанд тағйирёбии ҳамон як бузургии номаълум фарқи байни миёнаи ин тағйирёбиҳо x ва ин бузургиро метавон баҳо дод. Фишер бошад, дуруст будани назарияи Госсеро исбот кард. Аз ин ҷо тақсимоти мазкур номи “Стюдент-Фишер”-ро гирифтааст. Соли 1921 асари Фишер бо номи “Доир ба асосҳои математикии назарияи оморӣ” ва соли 1925 китоби дигараш бо номи “Методҳои статистикии таҳқиқотгарон” (соли 1958 ба забони русӣ аз чоп баромад) ба табъ расиданд. Дар ин асарҳо пажуҳишҳои Фишер ҷойгир ва бо бисёр забонҳои хориҷӣ тарҷума шудаанд. Таҳқиқи дигари Фишер таҳти унвони “Ба лоиҳа гирифтани озмоишҳо” ном дорад, ки

дар он тарзи коркарди натиҷаҳои таҷрибаҳоро дар биология ва дар хоҷагии қишлоқ пурра нишон дода шудааст, ки ҳоло дар соҳаҳои саноат ва тиб татбиқи хешро пайдо кардаанд. Фишер ба омӯзиши тадқиқи генетика низ машғул шудааст. Китоби ӯ “Назарияи генетикии интихоби табиӣ”, ки соли 1930 аз чоп баромадааст, дар ин соҳаи илм асари арзишманд эътироф гардидааст. Шоистаи таъкид аст, ки пажуҳишҳои Фишер дар роҳи инкишофи статистика (омор)-и муосири математикӣ нақши созгор гузоштаанд.

## ЖАК САЛОМОН АДАМАР – ОЛИМИ ТАВОНО ВА МУАЛЛИФИ БЕҲТАРИН КИТОБИ ГЕОМЕТРИЯ (1865 – 1963)



Адамар маълумоти олиро дар Париж гирифтааст. Ӯ соли 1892 дараҷаи илмии доктори фалсафаро соҳиб шудааст. Ба пажуҳиши математика бошад, хеле пештар машғул гардидааст. Ӯ соли 1896 исботи пурраи қонуни тақсимоти ададҳои содаро пешниҳод кард, ки дар асоси он ба таври дақиқ шумораи ададҳои содаро дар фосилаи дилхоҳ ёфтан мумкин аст. Солҳои 1893-1897 Адамар дар Донишгоҳи Бордо кор намудааст. Соли 1897 Адамар барои фаъолият ба Донишгоҳи Сорбон даъват гардид ва дар он ҷо то соли 1901 кор кардааст. Соли 1912 Адамарро ба узвияти Академияи илмҳои Фаронса қабул намуданд. Адамар мухолифи ҳар гуна маҳдуд кардан дар интихоби предмети тадқиқот ва методҳои амалиёти математикӣ буд. Ӯ барои мактабиби миёна китоби дарсии арзишманди геометрияро таълиф кардааст. Адамар назарияи ададҳо, муодилаҳои дифференсиалӣ, назарияи функсияҳои аналитикӣ ва муодилаҳои физикаи математикиро тадқиқ намудааст. Мавсуф яке аз асосгузорони анализи функсионалӣ ба шумор меравад ва дар курси анализи математикӣ теоремаи “Адамар – Коши” доир ба радиуси наздикшавии қаторҳои дараҷагӣ омӯхта мешавад. Дар назарияи муайянкунандаҳо нобаробарӣ барои қимати мутлақи муайянкунандаҳо низ бо номи Адамар иртибот дорад. Пас аз Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ Адамар ба узвияти хориҷии Академияи илмҳои Лаҳистон пазируфта шудааст. Адамар соли 1963 вафот кардааст.

Дастовардҳои илмии ин олими бузург хеле зиёданд. Яке аз онҳоро дар шакли нобаробари зерин манзур мегардонем:

$$|D| \le \sqrt{\left(\sum_{i=1}^{n}|a_{i1}|^2\right) \dots \left(\sum_{i=1}^{n}|a_{in}|^2\right)}, \text{ ки дар ин ҷо } D = \begin{bmatrix} a_{11} & \cdots & a_{1n} \\ \vdots & \ddots & \vdots \\ a_{n1} & \cdots & a_{nn} \end{bmatrix}.$$

***МАОРИФИ ҶАҲОН***

### STUDY INTERNATIONAL РӮЙХАТИ 15 БЕҲТАРИН ДОНИШГОҲҲОИ МУҲАНДИСИИ ҶАҲОНРО ТАРТИБ ДОДААСТ

Портали таълимии Study International рӯйхати муассисаҳои олии муҳандисии хориҷиро, ки хатмкардагони онҳо маоши баландтарин мегиранд, тартиб додааст. Ба он донишгоҳҳои ИМА, Британияи Кабир, Канада, Австралия ва Зеландияи Нав дохил мешаванд.

Муаллифони рӯйхат бо он сабаб таваҷҷуҳи худро ба ихтисосҳои муҳандисӣ ҷалб кардаанд, ки дар даҳсолаи наздик дар ин самт эҳтиёҷ ба зиёда аз 140 ҳазор ҷойҳои нави корӣ дар назар дошта шудааст. Имрӯз ба касби муҳандисӣ талабот зиёд аст ва маоши муҳандисони ҷавон дар Ғарб беш аз 93 ҳазор долларро дар як сол ташкил медиҳад.

## САЙҚАЛИ ЗЕҲН

*Асадулло ШАРИФЗОДА,*
*устоди ДМТ*

# БИЁЕД, АНДЕША МЕКУНЕМ

**Ҳалли масъалаи.1.** Азбаски сухан дар бораи хонандаи мактаб меравад, бояд синни ӯ аз 18 зиёд набошад. Бигузор соли таваллуди хонандаи мазкур соли $\overline{20ав}$ бошад. Дар асоси шарти масъала: $2000 + 23 - 2000 - 10a - b = 2 + a + b$.

Аз ин баробарӣ ҳосил мекунем: $21 = 11a + 2b$. Азбаски $a$ ва $b$ ададҳои якрақамаанд (новобаста аз ҳамдигар метавонанд қиматҳои аз 1 то 9-ро қабул кунанд), баробарии охирин танҳо дар мавриди $a = 1$ будан ҷой дораду бас. Яъне, $21 = 11\cdot 1 + 2b$. Аз ин ҷо муайян мекунем, ки $b = 5$ аст. Ҳамин тавр, хонанда 15 сол дошта, дар синфи 8-ум таҳсил мекунад.

**Ҳалли масъалаи 2.** Бигузор тарафи квадрат x (периметраш 4x), радиуси давра R (дарозиаш $2\pi R$) бошанд. Азбаски квадрат ва доира баробар мебошанд, пас дар асоси шарти масъала баробарии $x^2 = \pi R^2$-ро ҳосил мекунем. Аз ин ҷо $x = R\sqrt{\pi}$. Акнун нисбати ба дарозии давра ба тарафи квадратро баҳо медиҳем: $\frac{2\pi R}{4x} = \frac{2\pi R}{4R\sqrt{\pi}} = \frac{\sqrt{\pi}}{2} = \sqrt{\frac{\pi}{4}} < 1$, чунки $\pi \approx 3{,}14 < 4$. Ҳамин тариқ, дарозии давра назар ба тарафи квадат хурдтар будааст.

**Ҳалли масъалаи 3.** Ҳалли муамморо дар шакли ҷадвал тасвир мекунем.

Дар аввал кӯза 8 литр равған дораду ҳарду банка холианд: (8; 0; 0). Дар сутуни дуюм, баъди аз кӯза ба зарфи 3 литра то пур шуданаш 3 л равған рехтан, дар кӯза 5 л равған боқӣ мемонад. Дар ин амал зарфи 5 литра иштирок надорад, бинобар ин, дар катаки он 0 навишта шудааст (5; 0; 3) ва ғ. Ин раванд якчанд маротиба такрор ёфта, ҳолати (4; 4; 0)–ро ҳосил мекунад. Аҳамият диҳед, дар ин ҷадвал суммаи ададҳои ҳар як сутун ба 8 баробар аст: (8+0+0 = 5+0+3 = 5+3+0 = 2+3+3 = 2+5+1 = 7+0+1 = 7+1+0 = 4+1+3= 4+4+0). Ҳамин тавр, равғани кӯзаро бо воситаи зарфҳои ғунҷоишҳояшон 5 л ва 3 л ба ду қисми баробар (4 литрӣ) тақсим мекунем:

| | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кӯзаи 8 л | 8 | 5 | 5 | 2 | 2 | 7 | 7 | 4 | 4 |
| Банкаи 5 л | 0 | 0 | 3 | 3 | 5 | 0 | 1 | 1 | 4 |
| Банкаи 3 л | 0 | 3 | 0 | 3 | 1 | 1 | 0 | 3 | 0 |

**Ҳалли масъалаи 4.** Нӯги беҳаракати паргорро дар қуллаи кунҷ мегузорем ва дар атрофи кунҷ давра мекашем. Агар бо паргор кунҷи $19^0$ нишона карда, онро аз рӯйи давра 19 маротиба такрор намоем, кунҷи $19\cdot 19^0 = 361^0$ ҳосил мегардад. Тавре медонем, як даври пурра ба $360^0$ баробар аст. Ҳамин тариқ, $1^0$ ҳосил кардем. Агар онро аз рӯйи давра 19 маротиба такрор кунем, ин маънои ба 19 ҳиссаи баробар ҷудо кардани кунҷи $19^0$ -ро медиҳад.




**Расми 1.**




**Расми 2.**

**Ҳалли масъалаи 5** дар расми 1 оварда шудааст.

**Ҳалли масъалаи 6.** Дар шарти масъала гуфта нашудааст, ки бояд ададҳои дар доирачаҳо навишташуда якрақамаи гуногун бошанд, пас метавонем дар доирачаҳо ҳамаи рақамҳои баробарро низ нависем. Бо ин амаламон 10 варианти ҳалли ин масъаларо соҳиб мешавем. Боз метавонем дар ҳар як тарафи ситора ҷуфти ададҳои якрақамаро

тавре ҷойгир кунем, ки суммаҳои баробар дошта бошанд (масалан, 2,5,5,2 ва ғ). Агар нафаре ҳалҳои дигари масъаларо пешниҳод намояд, бо мамнунӣ онҳоро қабул менамоем.

**МАШҒУЛИЯТИ 2.**

1. Дар доирачаҳои секунҷаи дар расми 1 тасвирёфта ададҳои 1,2,3,4,5 ва 6–ро якборӣ тавре нависед, ки суммаи се рақам аз рӯйи ҳар се тарафи секунҷа ба 12 баробар шавад. Оё ин сумма ба 9, ба 10, ба 11 низ баробар мешавад? Ин ҳолатҳоро дар нақша тасвир кунед.



**Расми 1.**



**Расми 2.**

2.Дар доирачаҳои дар расми 2 тасвирёфта рақамҳои 1,2,3,4,5,6,7,8 ва 9–ро якмаротибагӣ тавре нависед, ки суммаи ҳар чор рақам аз рӯйи ҳар як тарафи секунҷа ба ҳамон як адад баробар шавад. Муайян кунед, ки ин сумма чанд аст ва масъалаи мазкур чанд роҳи ҳал дорад? Ҳамаи онҳоро нависед.

3. **Муаммои чойнӯш.** Дар болои миз 3 пиёла ва 10 дона қанд гузошта шудааст (Расми 3). Талаб карда мешавад, ки ин қандҳоро ба ҳамин пиёлаҳо тарзе гузоред, ки шумораи қандҳо дар ҳар як пиёла ба адади тоқ баробар шавад. Пора кардани қандҳо иҷозат дода намешавад. Ҳолатҳои ҷойгир кардани қандҳоро дар пиёлаҳо нависед.



**Расми 3**




**Расми 4.**

4. Таххонаи қасри Шоҳ Гвидон шакли квадратро дошта, он аз 16 ҳуҷра иборат буд. Дар он ҳар як ҳуҷра ба ҳуҷраи дигар роҳи гузариш дошт. Вале таххона як роҳи ворид шудан дошту як роҳи баромад (расми 4). Онҳо дар расм бо ҳарфҳои А ва В ишора карда шудаанд. Шарти Гвидон барои маҳбусон чунин буд: Касе, ки ё бо воситаи дари А ё бо воситаи дари В вориди таххона мегардад, бояд аз ҳар як ҳуҷраи он танҳо як маротиба ё ворид шавад ё хориҷ гардаду ба озодӣ барояд, ӯ озод аст. Шахси тасодуфие вориди ҳамин таххона гардида, аз ҳамаи ҳуҷраҳои он дидан кард ва ба озодӣ баромад. Маршрути ҳаракати ӯро дар ин таххона тасвир кунед. Агар шумораи ҳуҷраҳои таххонаро дар масъалаи 3 ба 9 ё ба 25 баробар ҳисобида, шартҳои дигари онро бетағйир гузорем, оё масъаларо ҳал кардан мумкин аст? Инро нишон диҳед.

# МУАММОИ «НИҲОН»




**АЗ БОЛО БА ПОЁН:** 1. Қаҳрамони достони «Хусрав ва Ширин»-и Низомии Ганҷавӣ. 2. Яке аз муқаддасоти миллӣ. 3. Сухани пеш аз калом. 4. «Дар *** ам хами абрӯи ту бар ёд омад» (Ҳофиз). 5. Узви нашъунамои рустанӣ. 6. Навъи ширинӣ. 7. Навъи нон. 8. «Таъна бар ман *** ба сурати зишт» (Саъдӣ). 9. Як қисми манзили истиқоматӣ. 10. Муродфи вожаи «саросема». 14. Пасмондаи чой. 15. Афзоре, ки ба бар карда мешавад. 16. Муродифи вожаи «пок», «тоза». 17. Асари Алексей Максимович Горкий. 18. Жанри мусиқии аврупоӣ. 19. Сарфи беҳударо гӯянд.

**АЗ ЧАП БА РОСТ:** 1. Парандаи баландпарвоз. 3. Яке аз рамзҳои давлатӣ. 5. Унсури кимиёвӣ. 7. Дарахте, ки бо мевааш ҳамном аст. 9. Ба маънои «ҳамеша». 11. Муродифи вожаи «ресмон». 12. «Ҳурмати пирон бидону аз ҷавонӣ бас ***». 13. Шакли ҷамъи «собит». 14. Ҳодисаи табиат. 16. Поёни ҳар кору амал. 18. «***, ҷонам ба қурбонат, вале ҳоло чаро?». 20. Дараи машҳуре, ки дар романи «Дохунда» - и устод Айнӣ тасвир ёфтааст. 21. Доруи таскинбахш. 22. Достони Аскар Ҳаким – «Санги ман - ***». 23. Исми пештараи шаҳри Турсунзода. 24. Шакли ҷамъи «лутф».

***Мураттиб Ҳотами ҲОМИД***

**ҶАВОБИ МУАММОИ «ЗАФАР», “Маърифати омӯзгор”, №5, 2023**

1. «Вафо». 2. Орден. 3. Немис. 4. Сталинград. 5. Дон. 6. Ниёзӣ. 7. Истеҳком. 8. Микола. 9. Амиршоев. 10. Волгоград. 11. Днепр. 12. Рейхстаг. 13. Германия. 14. Якдилӣ. 15. «Искра». 16. АКМ. 17. Москва. 18. Айнӣ. 19. Ибаррурӣ. 20. Икс. 21. Сталин. 22. Неъмат. 23. Танк. 24. Киев. 25. Ватан. 26. Нусрат. 27. Тоҷикистон. 28. Нарва. 29. Анкабут. 30. Тобистон. 31. Номус. 32. Сотим. 33. Масофа. 34. Аскар. 35. Ранг. 36. Геббелс. 37. Ситора. 38. Адолф. 39. Фаридун. 40. Нома. 41. Амонат. 42. Тӯп. 43. Пулемёт. 44. Ташаккур. 45. Рахна. 46. Асолат. 47. Тантана. 48. Асир. 49. Рух. 50. Харита. 51. Атом. 52. Мамлакат. 53. Тухачевский. 54. Йод. 55. Душанбе. 56. Ереван. 57. Норак. 58. Кенҷаев. 59. Волга. 60. Акбар. 61. Роман. 62. Неъмат. 63. Тӯйчӣ. 64. Исмоил. 65. Левитан. 66. Наргис. 67. Снаряд. 68. Далер. 69. Раҳмат. 70. Тоҷик. 71. Комбат. 72. Турш. 73. Шароб. 74. Барбарос. 75. Самара. 76. Азамат. 77. Таҳмина. 78. Асп. 79. Паланг. 80. Гитлер. 81. Ринг. 82. Гимлер. 83. Рахна. 84. Асир. 85. Роҳ. 86. «Ҳамида». 87. Амма. 88. Аҳмад. 89. Давлат. 90. Таня. 91. Яковлев. 92. Вилоят. 93. Турдиев. 94. Висла. 95. Автомат. 96. Ташаббус. 97. Сталинобод. 98. Дирам. 99. Муъмин. 100. Насх. 101. Хиросима. 102. Атака.